**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

УДК: 346.34 (575.3)
ББК: 67.6 (2Т)
Д - 13

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ДАВЛАТЗОДА ФАРИДҶОН МИРЗОАЛӢ**

# ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ

Роҳбари илмӣ: доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Иброҳимов С.И.

ДУШАНБЕ – 2023

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**..........................2
**МУҚАДДИМА** ..........................................................................3-18
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА**
1.1. Мафҳум ва мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура ..........................................................................19-41
1.2. Равишҳои консептуалӣ оид ба муайян намудани ҷойгоҳи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ..........................................41-60
1.3. Мазмуни муосири назорати прокурорӣ ва муносибати он ба мафҳуми «назорат»-и иҷрои қонунҳо ..........................................................60-78
**БОБИ 2. ҶАНБАҲОИ МАЪМУРӢ – ҲУҚУҚИИ МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
2.1. Муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ (субординатсионӣ) – итоат ва иҷро дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ................79-100
2.2. Таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ..................................................100-115
2.3. Хизмати давлатӣ дар низоми мақомоти прокуратураи Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои рушди он ..........................................................115-135
2.4. Санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................................135-157
**БОБИ 3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ПРОКУРОР ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**
3.1. Вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ..........................................................158-174
3.2. Ҷанбаҳои мурофиавии вазъи прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ..........................................................174-192
**ХУЛОСА**..........................................................................193-200
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................201-203
**РУЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)** ..................................................204-223
**ЗАМИМАҲО** ..........................................................................224-226
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ....................227-228

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**б.** – банди

**б.б.** – бандҳои

**ғ.** – ғайра

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМГ** – Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМИ** – Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҲМ** – Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КРМ** – Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қ.** – қисми

**Қ.к.** – Қонуни конститутсионии

**ниг.** – нигаред

**м.** – моддаи

**м.м.** – моддаҳои

**МО ҶТ** – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ПГ** – Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**с.** – сархати

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маъмурию ҳуқуқӣ, раванди бунёди давлатдории миллӣ, инкишоф ва таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таҳаввулоти куллӣ ба миён омада истодааст, ки қисми зиёди ин дигаргуниҳо дар чорчӯбаи барномаҳои ислоҳоти давлатию ҳуқуқӣ дар кишвар сурат гирифта, фарогири тамоми сохторҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратураи ҶТ мебошанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар назди кормандони мақомоти прокуратура 13 марти соли 2018 иброз доштанд, ки «Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошад, ки фаъолияти он ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ равона гардидааст. Конститутсия назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияву созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳамчун салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар кардааст. Ягон мақом ё шахси мансабдори дигар чунин салоҳияти васеъро надорад. Аз ин рӯ, таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад»[1].

Прокуратура яке аз мақомоти муҳимми давлатӣ арзёбӣ гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии ҶТ нақши басо муҳимро иҷро менамояд. Гузаронидани ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар замони муосир, дар назди прокуратура вазифаи таъмин намудани волоияти қонун,

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 20.09.2021).

ягонагӣ ва таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлатро гузоштааст.

Бо назардошти нақши муҳимми мақомоти прокуратура дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар, роҳбарияти олии кишвар (Президенти ҶТ) барои таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ-техникӣ ва таъминоти кадрии ин ниҳоди давлатӣ диққати махсус медиҳанд. Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои таъмини самаранокии фаъолияти прокуратура, таҳкими вазифаҳои асосӣ самтҳои фаъолият ва ваколатҳои мақомоти мазкур таҷдиди назар карда шудааст. Сохтори мақомоти прокуратура вобаста ба талаботи замон мунтазам такмил ёфта, давра ба давра рушд гардидааст.

Мақомоти прокуратура бо сабаби ба зимма доштани уҳдадориҳои функсионалии махсус, ки Конститутсияи ҶТ ва Қонуни конститутсионии (минбаъд Қ.к.) ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» муқаррар намудаанд, дар низоми дастгоҳи давлатӣ мақоми махсусан муҳимро ишғол менамояд. Прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ дорои вазъи ҳуқуқии конститутсионӣ мебошад, ки ин ҳолат дар боби 9 Конститутсия мустаҳкам карда шудааст. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура қисми таркибии вазъи умумиҳуқуқии он мебошад. Вижагии ин ҳолат аз он иборат аст, ки прокуратура дорои аломатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, боз чунин ваколатҳое соҳиб аст, ки дар заминаи онҳо тафовути он аз дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад. Табиист, ки дар чунин ҳолат зиёд масъалаҳои ҳуқуқии ҷанбаи назариявӣ ва амалидоштае ба миён меоянд, ки омӯзишу пажуҳиши илмиро талаб менамоянд ва дар ин робита масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура мубрам ва зарур арзёбӣ карда мешавад.

Зарурияти пажуҳиши мавзуи мазкур ба он вобаста аст, ки ҷиҳати рушди мақомоти прокуратура дар марҳилаи кунунӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ислоҳоти минбаъдаи фарогири такмили низом, сохтор, ваколат, иқтидори кадрии он, ки бо

пажуҳиши илмӣ асос ёфтаанд, ниёзи аввалиндараҷа дорад. Барои ҳаллу фасли ин вазифаҳо анҷом додани таҳлили амиқи илмии моҳияти фаъолияти прокурорӣ ҳамчун афзори (инструменти) давлати демократӣ дар шароити навини сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ба таври назаррас баланд бардоштани мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии он ба ҳайси навъи махсуси фаъолияти давлатию ҳокимиятӣ иқдоми басо муҳимму саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин, зикр намудан мавриди хос аст, ки таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ то кунун пажуҳиш нагардидааст ва таҳқиқоти мазкур заминаи муҳимме барои ошкор намудани мушкилот ва таҳияи ғояҳои илмӣ вобаста ба масъалаи зикршуда маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии кишвар таҳқиқоти илмии махсус оид ба масоили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура, идоракунии дохилинизомии мақомот (аз ҷумла, муносибатҳои ҳуқуқии яккасардорӣ, масъалаҳои мартабавӣ, супориш ва итоат, санадҳои дохилиидории маъмурӣ, таъминоти кадрӣ, вижагиҳои хизматӣ дар мақомот ва ғайра (минбаъд – ғ.)) то имрӯз вуҷуд надорад. Тарзи ташкили фаъолият, ҷанбаҳои функсионалии назорати прокурорӣ, инчунин фаъолияти таъқиби ҷиноятӣ мавриди пажуҳиши илмии олимони ватанӣ ба монанди В.Г. Мелкумов[2], С.Ш. Шаропов[3], С.К. Кенҷаев[4], К. Мирзоева[5], Б.К. Бобохонов[6],

---

[2] Мелкумов В.Г. Вопросы теории и практики общего надзора прокуратуры. По материалам Таджикской ССР: Монография. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С. 203.; Мелкумов В.Г. Советская прокуратура и проблемы общего надзора: Монография. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 244.; Мелкумов В.Г. К вопросу о периодизации организационной эволюции прокуратуры СССР // Учён, записки Тадж. гос. Ун-та. - 1969. – Т. 2.– С. 167-180.
[3] Шаропов С.Ш. Прокурорский надзор за исполнением законов об охране труда в сельском хозяйстве и основные направления его совершенствования: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1978. – С. 207.
[4] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистана: Монография. – Душанбе: «Фонд Кенжаева», 1995. – С. 215.
[5] Мирзоева К. Становление и развитие прокуратуры н прокурорского надзора в Таджикистане (20-е - середина 30-х г.г.): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М.: 1996. – С. 260.
[6] Бобохонов Б.К., Исоев М. Прокуратура дар давраи истикдолияти давлатӣ Прокуратура в годы государственной независимости. – Душанбе: Сарпараст, 2007. – С. 304.; Бобохонов Б.К. Роль и задачи органов прокуратуры Республики Таджикистан по защите прав человека и гражданина. – Душанбе, 2007. – С. 318.
[7] Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ (китоби дарсӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2019. – С. 386.

Ю.А. Раҳмон[7], И.Т. Маҳмудов[8], Исмоилзода С.А[9]. ва дигарон[10] гаштааст. Бинобар ин, ҳангоми таълифи рисолаи илмӣ муаллиф аз асарҳои илмии олимони номбурдаи ватанӣ ва хориҷии давлатҳои пасошуравӣ ба таври васеъ истифода намудааст.

Чунончи, дар иртибот бо таҳлили назарияи фаъолияти прокуратура асарҳои олимоне ба монанди: С.С. Алексеев, М.В. Баглай, В.И. Басков, А.А. Белкина, А.Д. Берензон, В.Г. Бессарабов, А.Д. Бойков, В.В. Гаврилов, А.П. Глебова, Л.М. Давиденко, В.Г. Даев, В.В. Долежан, В.К. Звирбул, В.В. Клочков, Б.В. Коробейников, В.Д. Ломовский, Т.Л. Маркелова, М.Н. Маршунов, В.Г. Мелкумов, А.Я. Митсиков, Л.А. Николаева, В.Г. Розенфелд, В.И. Рохлин, В.П. Рябтсев, В.М. Савитский, А.П. Сафонов, К.Ф. Сквортсов, Ю.И. Скуратов, А.Ф. Смирнов, А.Б. Соловев, А.Г. Халиулин, В.И. Шинд, В.Б. Ястребов ва дигарон таҳия гардиданд.

Дар замони ҳозира, дар шароити рушди қонунгузории Федератсияи Россия вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар асарҳои олимоне чун Н.Н. Апостолова, О.Я. Баев, В.П. Божев, В.Г. Бессарабов, Н.В. Буланова, В.М. Биков, Е.А. Буглаева, Л.В. Винитский, А.Ю. Винокуров, З.Ш. Гатаулина, Ю.В. Деришев, Е.Р. Ергашев, А.В. Гриненко, В.Н. Исаенко, Э.Р. Исламова, О.С. Капинус, О.А. Кожевников, В.Ф. Крюков, В.А. Лазарева, А.М. Ларин, В.Н. Махов, И.В. Маслов, С.А. Никифоров, А.В. Петров, И.Л. Петрухин, А.Г. Халиулин, В.С. Шадрин, М.С. Шалумов, С. П. Шерба ва дигарон таҳқиқ карда шудааст.

---

[8] Махмудов И.Т. Прокурорский надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: проблемы теории, практики и законодательной регламентации. – Душанбе: «Ирфон» 2010. – С. 260.; Махмудов И.Т. Процессуальное положение прокурора при рассмотрении уголовных дел судом первой инстанции // Правовая жизнь. – 2018. – №3 (23). – С. 100-114;

[9] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 212.

[10] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь. – 2017. – № 4 (20). – С. 64-79; Юлдошев Р.Р. Прокурорский надзор и уголовное преследование в Таджикистане // Сб. материалов II Междунар. науч.-практ. конф. «Прокуратура: вчера, сегодня, завтра (Сухаревские чтения)». – Москва, 2016. – С. 216-222.; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: автореф... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2006. – С. 32.

Ҷанбаҳои гуногуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура, дар асарҳои С.Н. Братановский, В.В. Стрелников, Ю.С. Дибиров, В.Ю. Шабухин ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки олимони ҳуқуқшиноси тоҷик бевосита оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур асарҳои бунёдӣ, монографӣ ё таҳқиқоти махсус нагузаронида бошанд ҳам, асарҳои дар Федератсияи Россия (минбаъд ФР) ва дигар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавҷудбударо метавон ҳамчун махзани назарияи ҳуқуқӣ, нуқтаи оғози консепсияҳои илмӣ дар таҳқиқот, аз ҷумла дар пажуҳиши мавзуи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура истифода намуд. Чунин ҳолат ба таҳияи илмии масъалаҳои асоснокнамоӣ, нигаҳдорӣ ё дигаргунсозии ин ё он самти вазъи ҳуқуқии прокуратура, аз ҷумла муайянсозии мақоми конститутсионӣ ё қонунгузории прокуратураи ҶТ, таҳкими ҷойгоҳи прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва масоили рушди муносибатҳои дохилинизомӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ дар мақомоти прокуратура иртибот дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ дар доираи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмщои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 «Рушди падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар давраи муосир» ва барои солҳои 2021-2025 «Конститутсия ва рушди асосҳои ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон» таҳия карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат мебошанд: омӯзиш ва пажуҳиши муҷтамаи асосҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура; асосноккунии илмии воқеияти вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура, аз ҷумла ҳангоми ворид шудан ба

муносибатҳои ҳуқуқии ташкилию идории дохилинизомӣ, дар раванди қабул намудани санади ҳуқуқӣ (ҳуқуқии маъмурӣ), ташкили хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва дигар ҷанбаҳои функсионалии мақомоти прокуратура; ошкорсозии омилҳои боздорандаи ташаккули фаъолияти маъмурӣ, ташкилӣ-идории прокуратура ва ғ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти мақсадҳои зикргардида иҷрои вазифаҳои зерин матраҳ шудааст:

– муайян намудани мафҳум ва мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура;

– аз дидгоҳи муосири илмӣ мавриди бозбинӣ қарор додан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани ҷойгоҳ ва нақши прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ;

– муайян намудани мазмуни муосири назорати прокурорӣ ва таносуби он ба мафҳуми «назорат»-и иҷрои қонунҳо;

– нишон додани низомнокӣ дар фаъолияти прокуратура, татбиқи муносибатҳои мартабавии ба ҳокимият ва тобеият асосёфта ва вобастагии онҳо ба талаботи объективии рушди давлат ва ҷомеа;

– таҳлили таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура;

– омӯзиш ва таҳқиқи ҳолати хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура ва муайян намудани ҳолат ва дурнамои рушди он;

– таҳлил намудани санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура;

– баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, муайян намудани ҷойгоҳи прокурор ва вазъи ҳуқуқии ӯ дар мурофиаи маъмурӣ;

– таҳқиқи ҷанбаҳои мурофиавии вазъи прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ҳангоми татбиқи ваколатҳои ҳокимиятии прокуратура пайдо мешаванд, рушд мекунанд ё қатъ мегарданд.

**Мавзуи таҳқиқот**. Мавзуи таҳқиқотро меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи марбут ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура, инчунин андешаҳои илмӣ вобаста ба масоили таҳқиқшаванда ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур инъикосгари ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратураи ҶТ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии он дар давраи соҳибистиқлолии кишвар мебошад. Зеро, дар ин марҳила мақомоти прокуратура ва мақеи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, инчунин вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии он бо назардошти вижагиҳои хос такмил ва рушд намудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди таҳлил ва таҳқиқи масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура доираи зиёди сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад. Аз он ҷумла, осори илмии муҳаққиқон ва донишмандоне чун Д.Н. Бахрах, Д.М. Витохина, Л.А.Зеленская, В.Г. Мелкумов, Ю.Н.Старилов, В.В. Стрелников, А.Ф. Смирнов, А.А. Сухинин, Ю.А. Тихомиров, М.С. Шалумов ва дигарон дар раванди таҳқиқи масъалаи баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба тавре васеъ таваҷҷуҳ гардиданд.

Ғояҳои илми олимони ватанӣ, ки ба муайян намудани мафҳуми вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура алоқаманд мебошанд аз таълифоти олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ Имомов А.И., Диноршоҳ А.М., Исмоилзода С.А. ва ҳуқуқи маъмурӣ Иброҳимов С.И., Раззоқов Б.Х., Ойев Х.О., Ғафурзода А.Д., Соибов З.М., Марифхонов Р.Н. омӯхта ва истифода карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро методи диалектикаи маърифатӣ ташкил медиҳад, ки барои омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватании давлатофарӣ, ниҳодҳои ҳуқуқии он аз дидгоҳи қонуниятҳои объективии инкишофи ҷамъиятӣ имкон медиҳад. Инчунин, ба ғайр аз методҳои умумиилмӣ, аз методҳои хусусии идроки илмӣ, аз ҷумла методҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мушаххасӣ-сотсиологӣ ва ғ. ба таври васеъ истифода карда шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро қонунгузории ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи фаъолияти мақомоти прокуратура ва судии ҶТ, таҷрибаи кории муаллифи таҳқиқот дар мақомоти прокуратура ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки дар он нахустин бор дар илми ватанӣ, масъалаҳои гуногуни вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар заминаи таҳқиқи масъалаи баррасишаванда ба таҷрибаи ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратураи кишварҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд:

1. Мафҳуми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура ба андешаи муаллиф бояд бо назардошти ду нуктаи муҳимми илмӣ асоснок карда шавад. Аввалан, бояд ба инобат гирифт, ки мафҳуми муосири маъмули ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун «мегасоҳа» на танҳо меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, балки меъёрҳои мурофиавӣ-ҳуқуқиро низ дар бар мегирад. Сониян, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура бо вижагиҳои татбиқи ваколатҳои он дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти иҷроия муайян карда мешавад. Чунончи, тибқи Конститутсия Президенти ҶТ бо ризояти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ (минбаъд МО ҶТ) Прокурори генералии ҶТ ва муовинони ӯро ба вазифа

таъйин ва озод менамояд (моддаи (минбаъд м.) 69). Прокурори генералии ҶТ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст (м.94). Аз ин меъёрҳои конститутсионӣ бармеояд, ки Президенти ҶТ ҳамчун Роҳбари давлат ва Раиси Ҳукумат дар робитаи пайвастаи идоракунии давлатӣ бо мақомоти прокуратура қарор доранд.

2. Исбот карда шудааст, ки мақомоти прокуратура аз рӯйи аломатҳои функсионалии худ ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ, ки Конститутсия муқаррар намудааст, шомил намебошад. Бо вуҷуди он, қонунгузор мантиқан рафтор намуда, мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратураро дар бахши алоҳидаи боби 9 танзим намудааст. Ин ҳолатро ба назар гирифта, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бинобар аломати ҳокимиятӣ доштани вазифа ва функсияҳои прокуратура барои тафовут ва истифодабарии илмӣ онро ҳокимияти назоратӣ-контролӣ номидан ба мақсад мувофиқ аст.

3. Қонунгузор ба андешаи муаллиф шакли идорӣ-роҳнамоии фаъолияти прокуратураро тавассути ибораи «фаъолияти ташкилӣ» ба гардиши меъёрӣ ворид намудааст, ки мазмуни он мафҳумҳои «ба тартиб даровардан», «танзим намудан», «ташкил намудан», «иҷро намудан»-ро дар бар мегирад. Дар низоми идоракунӣ ин мафҳумҳо мазмуни фаъолияти ташкилии дохилинизомӣ ва дар муносибатҳои ҳуқуқии берун аз низомӣ ҷанбаи тавсиявӣ (маъмурӣ) – иҷрои ҳатмиро доранд. Чунончи, дар иртибот ба ин дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шароитҳои ба он мусоидаткарда, амр ё дигар санади ҳуқуқии маъмурии (эътиноии) прокурор, ки ба мақомоти ҳокимияти иҷроия бо талаби риояи дақиқ ва иҷрои қонун дода ва ё фиристода мешавад, мисол шуда метавонад.

Воқеият доштани ин ҳолатро муаллифи диссертатсия дар он мебинад, ки идоракунӣ ҳамчун пешбурди фаъолияти ташкилии мақомоти прокуратура аз маҷмуи бо ҳам вобастаи амалҳо, ки барои ноил шудан ба мақсад ва иҷро намудани вазифаҳои ба зиммаи он гузошташуда, аз ҷумла: назорати прокурорӣ, таъқиби ҷиноятӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ дар мубориза бо ҷинояткорӣ иборат мебошад. Бинобар ин, дар фаъолияти мақомоти прокуратура ба ҷойи калимаи «идоракунӣ» истифода намудани «фаъолияти ташкилӣ» моҳияти онро тағйир намедиҳад.

4. Азбаски мақомоти прокуратура ваколатҳои иҷроиявӣ-амрдиҳиро надорад, ба субъектони зеринազорати худ тартиби бартараф намудани қонунвайронкуниро пешниҳод карда наметавонад. Аммо, ин норасоӣ аз ҳисоби иштироки прокурор дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷуброн карда мешавад. Воқеияти иштироки прокурор дар фаъолияти меъёрэҷодкунии мақомоти ҳокимияти иҷроия (марказӣ ва маҳаллӣ) ба андешаи муаллифи диссертатсия шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки прокурор дар идоракунии давлатӣ мебошад.

5. Исбот карда шудааст, ки супориши хизматӣ дар дохили низоми мақомоти прокуратура ин амали иродавии идории ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқидоштаи прокурори болоӣ нисбат ба кормандони прокуратураи поёнӣ буда, бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ дода шуда, дар муносибатҳои дохилиидоравии мартабавӣ (итоат ва иҷро) бо фармон ё амр ба расмиёт дароварда мешавад.

6. Мафҳуми муаллифии хизматчии мақомоти прокуратура (мансаби прокурор, кормандони прокурорӣ - прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд) чунин пешниҳод карда шудааст: хизматчии мақомоти прокуратура – шаҳрванди ҶТ, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дар низоми мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он мансаби музднокро ишғол намуда, дорои рутбаи дараҷавӣ буда, аз номи давлат фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро дар доираи ваколатҳои ба ӯ вогузоргардида баҳри таъмини қонуният, риояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат амалӣ менамояд.

**Бо мақсади такмили қонунгузории кишвар** зимни таҳлил ва баррасии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура тавсияҳои зерин манзур карда мешавад:

7. Пешниҳод карда шудааст, ки бинобар дигаргуншавии парадигмаҳои ҳуқуқии замони муосир (масалан, ба ҷойи мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ – огоҳ ва пешгирӣ намудан, ба ҷойи ҳуқуқтаъминнамоӣ – ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ғ.), зарурат ба миён омадааст, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти функсионалии назоратӣ, прокурор ваколатҳои дискретсионӣ (дидгоҳӣ) дошта бошад. Ваколатҳои дискретсионӣ ба прокурор имконият медиҳанд, ки ба ҷараёни идоракунӣ бештар ҷалб гардад. Масалан, ҳангоми ошкор гардидани камбудиҳои начандон ҷиддӣ, ҷой надоштани зарари моддӣ - ҳуқуқи роҳнамоӣ кардан барои ислоҳи онҳо, тавсия додани роҳҳои қонунии фаъолияти идорӣ, ислоҳ намудани камбудии дар санади маъмурӣ-идорӣ ҷойдошта ва ғ., ҳеҷ гуна зарари моддӣ, маънавӣ ё ҳуқуқӣ ба давлат ва ҷамъият намерасонад, балки баръакс ба самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд. Воқеан, дар мурофиаи маъмурӣ ниҳоди (институти) медиатсия ҷорӣ карда шудааст, ки барои ҳал намудани баҳсҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ то ба суд муроҷиат намудан кумак мерасонад. Яъне, дискретсия дар радифи медиатсия пешгирии воқеа пеш аз вуқуъ мебошад.

8. Хусусияти хоси хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро ба назар гирифта, довталаби дараҷаи илмӣ пешниҳод намудааст, ки консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи сиёсати кадрӣ дар мақомоти прокуратура (барои солҳои 2024-2028) таҳия ва қабул карда шавад. Консепсияи номбурда аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад, ки самаранокии омодасозии кадрҳо, интихоб, ҷобаҷогузории онҳо, пешравии вазифавӣ, бозомӯзии касбӣ, масъулиятнокӣ ва ғ. вусъат мебахшад.

9. Бо мақсади мушаххас намудани таъйиноти хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар низоми хизмати давлатии ҶТ пешниҳод мегардад, ки дар қисми (минбаъд қ.) 1 м. 53 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи

ҶТ» меъёр ба мазмуни зайл пешбинӣ карда шавад: – «Хизмат дар мақомоти прокуратура хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад». Аз чунин меъёр оғоз шудани сархати (минбаъд с.) аввал ба номи боб низ ҳаммаъно ва мантиқан мувофиқ мебошад.

10. Қайд карда мешавад, ки Қонуни конститутсионӣ мушаххас накардааст, ки бо кадом қонунгузорӣ муносибатҳои хизматӣ ва меҳнатии прокуророн ва муфаттишон танзим мешаванд. Бинобар ин, пешниҳод карда шудааст, ки дар м.53 Қ.к. мазкур меъёри зерин муқаррар карда шавад: «муносибатҳои хизматӣ-меҳнатии прокурорҳо ва муфаттишони мақомоти прокуратура мутобиқи Кодекси меҳнати ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо ҳамин Қонуни конститутсионӣ танзим карда мешаванд».

11. Бо мақсади мушаххас ва мукаммал намудани мафҳуми санади эътиноии прокурорӣ дар Қ.к. мазкур «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» он дар шакли зайл ифода карда шавад: «Санади эътиноии прокурорӣ – ин ҳуҷҷати расмии дар шакли хаттӣ ифодаёфтаи муайян ва махсуси ҳуқуқии шахси мансабдор ва ваколатдори мақомоти прокуратура мебошад, ки тавассути он ба қонунвайронкуниҳои дар рафти санҷиши прокурорӣ ошкоргардида эътино зоҳир карда мешавад».

12. Бинобар дар қонунгузории ватанӣ вуҷуд надоштани муҷозот барои қасдан иҷро накардани талаботи санадҳои эътиноии прокурорӣ, пешниҳод карда шудааст, ки дар боби 27 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (минбаъд КҲМ) меъёри муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои қасдан иҷро накардани талабот санадҳои эътиноии прокурор (вайрон кардани муҳлати иҷро, беасос рад намудан, бартараф накардани қонунвайронкунӣ) пешбинӣ карда шавад.

Аз ҷумла, ба КҲМ (соли 2008), м. $485^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Барои риоя накардани талаботи ҳуҷҷатҳои мавриди эътинои прокурорӣ (эътироз, пешниҳод, қарор, амр), яъне: вайрон кардани муҳлат, беасос рад намудан ва бартараф накардани қонунвайронкунӣ:

– ба шахсони воқеӣ - ба андозаи аз 5 то 10;

– ба шахсони мансабдор - ба андозаи аз 10 то 30;

– ба шахсони ҳуқуқӣ – ба андозаи аз 30 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».

13. Зикр намудан ба маврид аст, ки тартиби таҳия ва қабули санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура (хусусан, санадҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ қабул мегарданд) дар Қ.к. мазкур пешбинӣ нагардидаанд ва аз ҳамин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки дар Регламенти Прокуратураи генералӣ тартиби таҳия ва қабули чунин санадҳо муайян карда шаванд.

14. Бо назардошти дар сатҳи меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам намудани иштироки прокурор дар муносибатҳои мурофиавии маъмурӣ ва таҳкими вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии онҳо зарур шуморида мешавад, ки дар Кодекси таҳияшудаистодаи расмиётӣ ва мурофиавии маъмурии ҶТ, боби махсус оид ба иштироки прокурор дар расмиёт ва мурофиаи маъмурӣ ҷудо карда шавад. Дар алоқамандӣ бо ин, иштироки прокурор дар расмиёти маъмурӣ ва иштироки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ мушаххас ва пурра танзим мегардад.

Ҳамзамон, дар назар бояд дошт, ки бинобар ҷанбаи марҳилавӣ доштани мурофиаи маъмурии судӣ, зарурати дар меъёрҳои алоҳида танзим намудани иштироки прокурор дар марҳилаҳои гуногуни судӣ ба миён меояд. Ҳамзамон зарур аст, ки дар меъёри алоҳида фарқияти иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд ва иштироки прокурор дар истеҳсолоти судии вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мушаххас карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки онро ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳия намудани консепсияи ислоҳоти мақомоти прокуратура, баланд бардоштани мақоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва таҳкими фаъолияти ниҳоди мазкур дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёди демократӣ истифода намудан мумкин аст.

Тавсияҳои консептуалӣ-илмии таҳқиқот аз тарафи мақоми олии қонунгузорӣ ва иҷроияи кишвар дар такмили Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ, татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ ва санадҳои дигари сиёсию ҳуқуқӣ метавонанд ба инобат гирифта шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар инкишофи илмҳои ҳуқуқи маъмурӣ, назарияи идоракунии давлатӣ, назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ ва ғ. кумак расонад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро мумкин аст дар ҷараёни таълим дар макотиби олии самти ҳуқуқшиносӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ва хизматчиёни давлатӣ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он таъмин карда шудааст, ки:

– натиҷа ва хулосаҳо бо такя ба консепсияҳои асосноки илми муосир, махзани меъёрии ҳуқуқии ватанӣ ва амалияи аз тарафи мақомоти прокуратура татбиқ намудани функсияҳои худ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи давлатдории миллии ҶТ ва инчунин таҷрибаи пешқадами фаъолияти самараноки ҳифзи ҳуқуқ дар давлатҳои хориҷӣ ба даст оварда шудааст;

– пешниҳодҳои илмӣ бо назардошти имконоти санҷиши онҳо дар раванди фаъолияти кормандони прокуратура дар ҷараёни мурофиаҳои судии ҷиноятӣ, маъмурӣ, граждании ва дигар таҳия карда шудаанд;

– натиҷаҳои илмии бадастовардашуда имкон медиҳанд, ки роҳу воситаҳои дигаргунсозиҳои минбаъда дар самти такмили қонунгузории ҶТ

муайян карда шуда, амсилаи муносиби рушди қонунгузории миллӣ, ки дар ин хусус дар паёмҳои Президенти мамлакат ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии барномавӣ, аз ҷумла Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 қайд карда шудаанд, интихоб карда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳиягардида ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, шиносномаи он аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар раванди таҳлил ва пажуҳиши масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура муаллиф паҳлуҳои мухталифи онро аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ баррасӣ намуда, нуктаҳои илман асоснок ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки хусусияти назариявӣ ва амалиро дар худ касб менамоянд. Ҳамзамон, муаллиф як қатор мақолаҳои илмиро вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба табъ расонидааст, ки ифодагари саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқоти илмии анҷомдода мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ иҷро гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Нуктаҳои мубрами таҳқиқоти мазкур аз тарафи муаллиф дар маърӯзаҳои ду конфронси байналмилалӣ ва чор конфронси ҷумҳуриявӣ доир ба мавзуъҳои такмили фаъолияти прокурорӣ, аз ҷумла: Контрол ва назорат дар идоракунии давлатӣ: масоил ва роҳҳои ҳал, дар мавзуи «Оид ба мафҳуми коррупсия дар идоракунии давлатӣ» (Душанбе, 13-14 октябри соли 2017); Масоили ҳуқуқи маъмурӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ дар Россия ва хориҷа, дар мавзуи «Баъзе ҳолатҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи ҶТ» (22 январи соли 2019, Москва, РУДН) инъикос гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар иртибот бо масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 8 маводи илмиро ба табъ расонидааст, ки

аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба нашр расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш иртибот дорад ва аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, руйхати адабиёт (маъхазҳо), замимаҳо ва интишорот иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 229 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

## 1.1. Мафҳум ва мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура

Прокуратураи ҶТ мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави ҶТ назорат мекунад[11].

Прокуратура мақомоти махсуси давлатӣ мебошад, ки табиати духӯраи ҳуқуқӣ дошта, ба он аломатҳои умумиҳуқуқии ба ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ хос ва инчунин, аломатҳои функсионалии махсус мансуб буда, ба ин васила прокуратура аз дигар мақомот фарқ менамояд. Бинобар ин, муайян намудани самти фаъолияти функсионалии мақомоти прокуратура аз дуруст муайян намудани вазъи умумии конститутсионӣ-ҳуқуқии он вобастагӣ дорад ва қисми таркибии мақоми умумиҳуқуқии прокуратураро вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ин мақомот ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқии русӣ мафҳуми «ҳолати ҳуқуқӣ» бо дигар шаклҳо ҳам пешниҳод карда шудааст (масалан, «мақоми ҳуқуқӣ», «табиати ҳуқуқӣ» ва ғ.) ва вобаста ба ин, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ низ муаллифон мафҳуми ҳолати ҳуқуқиро бо иборахои «мақоми ҳуқуқӣ», «вазъи ҳуқуқӣ», «табиати ҳуқуқӣ» ифода намудаанд. Ба андешаи мо, ҳамаи ибораҳо дар решаи худ ба як маъно ва мазмун ишора мекунанд, ки андешаҳои назариявии чунин хулоса минбаъд муфассал шарҳ дода мешавад.

Пайдоиши мафҳуми «вазъи ҳуқуқӣ»-ро дар таҳқиқоти ҳуқуқӣ, олимон ба солҳои 60-уми асри гузашта иртибот медиҳанд. То ин замон бузургтарин назарияшиносони илми ҳуқуқ (аз қабили, Н.Г. Александров, С.Н. Братус ва дигарон) дар асарҳои илмии худ вазъи ҳуқуқиро на падидаи алоҳидаи ҳуқуқӣ,

[11] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2021)

балки қисми таркибии ҳуқуқдории субъективӣ меҳисобиданд[12]. Воқеан, байни вазъи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқдории субъективӣ ҳаммонандӣ вуҷуд дорад, ҳар дуи онҳоро субъект ба даст меоварад, ҳамзамон, инкишоф, тағйирёбӣ ва қатъшавии онҳо низ ба ҳуқуқҳои субъективӣ вобастагӣ дорад.

Шарҳи илмии мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ» ва мазмуни онҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ мавзуи баҳси тӯлонии олимон гаштааст, ки баъзе ақидаҳои ҷолибро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Чунончи, ба ақидаи А.В. Митскевич «вазъи ҳуқуқӣ» муродифи мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории субъект аст, ки аз маҷмуи ҳуқуқҳои умумии ӯ иборат мебошад[13]. Аммо, Н.И. Матузов қобилияти ҳуқуқдории субъектро ҳамчун қобилияти доштани маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои пешбининамудаи қонун аз тарафи шахс, ки давлат онро эътироф намудааст ва ба ҳайси хосияти вижаи иҷтимоӣ, сифати ҳуқуқҳои субъектҳоро муайян менамоянд, арзёбӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳуқуқдории асосӣ муайянкунандаи пайдошавии ҳуқуқҳои субъективӣ мебошад, яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ шарти асосии ҳама гуна ҳуқуқдорӣ мебошад. Агар қобилияти ҳуқуқдорӣ набошад, соҳиби ин ё он ҳуқуқ ва уҳдадорӣ шудан имконнопазир мебошад[14], яъне мақоми ҳуқуқиро низ дошта наметавонад.

Ин ақидаро В.А. Патюлин ҷонибдорӣ карда, муайян намудааст, ки «қобилияти ҳуқуқдорӣ ин имконияти субъекти ҳуқуқ будан мебошад, ки давлат онро эътироф менамояд», бинобар ин, ба ақидаи олим, «вазъи ҳуқуқиро ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳаммонанд кардан (иваз намудан) мумкин нест, зеро он на маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, балки хосияти шахс барои субъекти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо будан аст»[15].

Дар монографияи дастаҷамъии олимони соҳаи ҳуқуқи давлатӣ ва ҳуқуқи маъмурии собиқ шуравӣ қайд карда шудааст, ки таркиби мафҳуми

---

[12] Иқтибос аз Стрельников В.В. Особенности административно-правового статуса органов российской прокуратуры // Право и безопасность. – 2011. – №2 (39). – С. 61-62.
[13] Мицкевич А.В. Субъекты советского права. – М., 1963. – С. 212.
[14] Матузов Н.И. Субъективные права граждан СССР. – Саратов, 1966. – С. 92.
[15] Патюлин В.А. Государство и личность в СССР: Правовые аспекты взаимоотношений – М.: Наука, 1974. – С. 226.

«вазъи ҳуқуқӣ» аз қисмҳои зерин иборат мебошад: 1) сохтор (аломатҳои ҳуқуқии вазъ); 2) мазмуни он; 3) механизми танзим[16].

Дар ин таркиб «сохтори вазъи ҳуқуқӣ» унсурҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро дар бар мегирад (ҳуқуқи амалкунӣ бо ҳуқуқи субъективӣ муайян карда мешавад); «мазмуни вазъи ҳуқуқӣ» - маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои (соҳавӣ ва функсионалӣ) бо меъёрҳои ҳуқуқ танзимгардида мебошанд, яъне мазмун мансубияти намудии вазъро муайян менамояд – вазъи ҳуқуқии умумӣ, вазъи ҳуқуқии конститутсионӣ, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ; «механизми танзим» - маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути онҳо давлат ҳолат, вазъ ва табиати ҳуқуқии мақомотро таъмин ва муайян месозад.

Муаллифони ин консепсия иброз медоранд, ки мафҳуми иқтибосшудаи вазъ сифати онро ба ҳайси мафҳуми намуди ягона тавсиф намуда, мафҳуми ягонаи методологӣ, қисмҳои таркибӣ ва унсурҳои онро муайян мекунад[17].

Ба ақидаи олимони шинохтаи ФР А.П. Алехин, А.А. Кармолитский ва Ю.М. Козлов «... вазъи ҳуқуқии мақомоти мушаххаси ҳокимияти давлатӣ бо хусусиятҳои махсусгардонидашудаи инфиродии он дар низоми идоракунии давлатӣ, ки ба он аломати устуворӣ медиҳад ва асосҳои махсуси фаъолияти онро ташкил медиҳад, муайян карда мешавад»[18].

Дар ҳамин ҳол, олимони номбурда тарҳи сохтории «вазъи ҳуқуқӣ»-ро пешниҳод намудаанд, ки он аз се аломати таркибӣ иборат мебошад: а) «мустақилияти ташкилӣ» – ба таркиби ҳеҷ як мақомоти дигар ворид набудан ва зерсохтори ягон мақомотро ташкил надодан; б) «функсионалӣ» – мақсад ва вазифаҳои фаъолияти идоракунии соҳаро бо вижагиҳои функсионалӣ таъмин намудан; в) «ҳуқуқӣ» – доштани ваколатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқшуда, ки ба салоҳияти ягон мақомоти дигар мансуб нестанд[19].

---

[16] Советское административное право. Государственное управление и административное право / ред. кол. Ю.М. Козлов, Б.М. Лазарев, А.Е. Лунев, М.И. Пискотин. – М.: Юрид. Лит., 1978. – С. 240.

[17] Асари ишорашуда. – С. 240.

[18] Алехин А. П., Кармолицкий А.А., Козлов Ю.М. Административное право Российской Федерации: Учебник. – М.: «Зерцало-М», 2003. – С. 96-97. (– С. 608)

[19] Асари ишорашуда. – С. 98.

Глазунова Н.И. қайд менамояд, ки аломатҳои таркибии мафҳуми вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатӣ инҳо шуда метавонанд: а) сиёсӣ (ҷанбаи ҳокимиятии давлатӣ доштан); б) сотсиологӣ (вазифаҳои аҳаммияти умумидоштаро ҳал менамояд ва ба манфиатҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст); в) ҳуқуқӣ (қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ намудани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ); г) маъмурӣ-идоракунӣ (амалӣ намудани функсияҳои давлатӣ бо тартиби ҳатмӣ-императивӣ дар самти муайяни идоракунии ҷомеа, ки барои ин бо воситаҳои зарурӣ таъйин карда мешавад)[20]. Тавре ки маълум мешавад, аломати маъмурӣ-идоракунӣ, ҳамчун қисми таркибии вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар баробари дигар аломатҳо ба таври пурра ва ҷудонашаванда дар муайянсозии вазъи мақомот ҳузур дорад.

Дар ин ҷо бояд қайд намоем, ки қобилияти амалкунии мақомоти прокуратура, ҳамчун қисми таркибии вазъи ҳуқуқии он бо назардошти ҳуқуқу уҳдадориҳои дохилинизомӣ ва берун аз он муайян карда мешавад. Ваколати дохилӣ, асосан ҷанбаи роҳбарӣ, яъне идоракунии низомро дошта, ваколати берунӣ амалисозии ваколатҳои вазифавии ҷанбаи идоракунии ташкилию маъмуриро дар назар дорад. Ҳуқуқу уҳдадориҳои беруна ба амалӣ намудани салоҳияти функсионалӣ, касбӣ вобаста мебошад, онҳо низ бештар бо муносибатҳои ҳуқуқии ташкилию идорӣ ҷанбаи маъмурӣ–ҳатмӣ дошта, амалӣ карда мешаванд.

Чунин муносибат ба дарки мафҳуми вазъи ҳуқуқии мақомот, ба андешаи мо ба консепсияи таърифотии пешниҳоднамудаи муаллифони китоби дарсии «Ҳуқуқи маъмурӣ» мувофиқат менамояд, ки тибқи он, «…қобилияти ҳуқуқдории дилхоҳ мақомоти ҳокимияти давлатиро вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии он ташкил медиҳад, ки аз қисмҳои зерини таркибӣ иборат мебошад: а) доштани салоҳияти худӣ; б) аз номи давлат амал намудан; в) қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таъсис; г) пеш аз ҳама, ҷанбаи

[20] Глазунова Н.И. Государственное (административное) управление. – М., 2006. – С. 150.

ҳуқуқистифодабарӣ доштан; д) дар асоси принсипи корпоративӣ ташкил намудани фаъолият, вақте ки шахси мансабдори болоӣ ҳуқуқи мудохила кардан ба амали зердастро дар доираи салоҳиятнокии худ дорад); е) воҳиди ташкилии дастгоҳи давлатӣ мебошад; ё) дар раванди татбиқи салоҳияти худ санадҳои меъёрӣ қабул менамояд»[21].

Ақидаи муаллифони номбурдаро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоем, ки вазъи маъмурӣ – ҳуқуқии мақомоти прокуратура ҳамаи аломатҳои ишорашудаи муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатиро доро мебошад. Онҳо имкон медиҳанд, ки прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ ҷойгоҳ ва хусусиятҳои фарққунанда дошта бошад. Ҳамзамон дар асоси аломатҳои номбурдаи вазъи ҳуқуқӣ, меъёрҳои Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ»-ро бо таври зайл гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: а) меъёрҳое, ки вазъи ҳуқуқии прокуратураро муайян менамоянд. Чун қоида, ин меъёрҳо ҷанбаи умумисалоҳиятӣ дошта, ба ҳамаи сохтору зинаҳои мақомот баробар тааллуқ доранд (чунончи, м. 1 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» - прокуратураро ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатии ваколатдор дар татбиқи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави ҶТ муайян намудааст, дар моддаҳои (минбаъд – м.м.) 4-5 ва ғ. низ меъёрҳои ҷанбаи умумидошта ҷой доранд). Яъне ҷанбаи назоратӣ ин салоҳияти функсионалӣ буда, ба тамоми воҳидҳои низом ва сохтории прокуратура марбут мебошад; б) меъёрҳое, ки вазъи ҳуқуқии прокуратураро дақиқ (мушаххас) менамоянд (масалан, принсипҳои фаъолияти прокуратура (нигаред (минбаъд – ниг.) м. 6), дахолат накардан ба фаъолияти прокуратура, ва ғ., ки дар м. 7 муқаррар карда шудааст; в) меъёрҳои ташкилӣ-роҳбарикунанда, ки ҳамчунин вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураро муайян мекунанд (меъёрҳои боби 4, м. 10 –

[21] Дмитриев Ю.А., Евтеева А.А., Петров С.М. Административное право: Учебник. – М.: «Эксмо», 2005. – С. 90-112.

фаъолияти ҳамоҳангсозӣ, м. 11 – иштирок дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, м. 12 – баррасии муроҷиати шаҳрвандон ва ғ.)[22].

Бояд тазаккур дод, ки Конститутсия ва Қ.к. мазкур ба зиммаи мақомоти прокуратура вазифаи муҳимми сиёсӣ – ҳимояи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро гузоштааст, ки зимни амалӣ намудани онҳо прокуратура ҳамзамон, манфиати давлат ва ҷомеаро муҳофизат менамояд, чунки бе таъмин намудани манфиатҳои давлат ва ҷомеа таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ғайриимкон аст.

Дар иртибот бо ин, ба андешаи мо таваҷҷуҳ намудан ба ақидаи илмӣ, ки мутобиқи он – инкишофи фаъолияти бисёрҷанбаи прокуратура имкон медиҳад, ки ба он вазъи иҷтимоӣ (сотсиалӣ) дода шавад, манфиатнок мебошад. Вазъи иҷтимоии прокуратура дар ҳама давру замон вуҷуд дошт, ки дар ваколатҳои прокурор оид ба таъмин ва ҳимояи манфиатҳои пеш аз ҳама қишрҳои осебпазири ҷомеа (пиронсолон, ноболиғон, шаҳрвандони камбизоат), расонидани ёрӣ ва машварати ҳуқуқии ройгон, ҳамчунин ҳимоя ва таъминоти баланди иҷтимоии кормандони прокурорӣ, назар ба дигар гурӯҳи шаҳрвандон зоҳир мегардад[23]. Чунончи, бо иштироки ҳатмии прокурор баррасӣ намудани парвандаҳо нисбати ноболиғон, оид ба фарзандхондӣ, аз тарафи прокурор пешниҳод намудани даъво ба манфиати маъюбон ва ғ.

Яъне, вазъи иҷтимоӣ – ин доштани салоҳияти таъминкунандаи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашуда мебошад. Чунин ҳолати ҳуқуқӣ доштани прокуратура, ба андешаи мо ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии он алоқамандии бевосита ва ногусастанӣ дорад, зеро қонунгузор ба

---

[22] Таснифоти пешниҳодшудаи гурӯҳбандии меъёрҳо барои дақиқ муайян намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура муфид мебошанд. Масалан, муҳаққиқ Н.В. Ласкина меъёрҳои Қонуни Федератсияи Россия дар бораи прокуратураро таҳлил намуда, шартан онҳоро ба умумӣ ва махсуси боҳампайваста ва ҳамдигарро муайянкунанда тақсим намудааст, ки ба андешаи ӯ якеи онҳо мақоми ҳуқуқии прокуратураро муайян намуда, дигарӣ бошад, ин мақомро дар амалӣ намудани вазифаи асосии назорати прокурорӣ мушаххас мегардонад. Муфассалтар ниг.: Ласкина Н.В. Прокурорский надзор: Учебное пособие для вузов. – М., 2006. – С. 167.

[23] Прокурорский надзор в Российской Федерации: учебник / под ред. А.А. Чувилева. – М. : Юристъ, 1999. – С. 45.

салоҳияти иҷтимоии прокуратура ҷанбаи императивӣ, умумиҳатмӣ дода, иҷрои онро зери назорати маъмурии мақоми болоӣ гузоштааст.

Ҳамин тавр, ҳолати муайянкунандаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураро ваколатҳои ба он додашуда ва ҳуқуқу уҳдадориҳо ташкил медиҳанд, ки тавассути онҳо прокуратура ба муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ворид мешавад, яъне вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ин қисмати мақоми умумиҳуқуқист.

Бо назардошти нуктаи мазкур пажуҳишгарон намудҳои дигари вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратураро пешниҳод намудаанд. Масалан В.В. Стрелников вижагиҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураи ФР-ро қайд намуда, иброз медорад, ки прокуратураи ФР дорои вазъҳои гуногун мебошад: 1) вазъи  умумӣ – мақоме, ки прокуратураро ҳамчун низоми ягонаи мукаммал муаррифӣ менамояд (асоси ҳуқуқии ин мақомро Конститутсия ва қонуни соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд; 2) вазъи махсус – ин вазъи прокуратура (ё қисми низоми он), ки вобаста ба хусусият ва ҳаҷми татбиқи салоҳияти амалинамудаи он дар самти мушаххас муайян карда мешавад (масалан, прокуратураи нақлиётӣ ё прокуратураи махсусгардонидашуда – назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ); 3) вазъи фардӣ – вазъи прокуратураи мушаххас (шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ), ки ваколатҳои худро дар доираи ҳудуди муайян ва дигар хусусиятҳои хоси маҳал (иқтисодӣ, этникӣ ва ғ.) амалӣ менамоянд[24].

Таснифоти пешниҳоднамудаи олимон – В.В. Стрелников ва Ю.С. Дибиров бевосита вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки дигар аломатҳои муҳимми маъмурӣ-ҳуқуқиро низ муайян намоем. Дар ин кор таҳлили баъзе меъёрҳои  Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ба мақсад мувофиқ мебошад. Масалан, дар м. 10 салоҳияти Прокурори генералӣ ва прокуророни тобеи он оид ба

---

[24] Стрельников В.В. Особенности административно-правового статуса органов российской прокуратуры // Право и безопасность. – 2011. – №2 (39). – С.63; Дибиров Ю.С. Особенности административно-правового статуса органов прокуратуры // Символ науки. – 2016. – №12-3. – С. 84-86.

ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷинояткорӣ оварда шудааст, ки ин намуди фаъолияти прокурориро Низомнома «Дар бораи фаъолияти ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ» низ муқаррар менамояд. Тибқи он прокурорҳо Шӯрои ҳамоҳангсозиро даъват менамоянд ва иҷрои қарори он барои ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳатмӣ мебошад.

Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии вазъи умумии ҳуқуқии прокуратураи ватаниро м.м. 93, 94 Конститутсияи ҶТ ташкил медиҳанд, ки мутобиқи онҳо мақомоти мазкур (Прокурори генералӣ ва прокуророни тобеи ӯ дар доираи ваколати худ) назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро амалӣ менамояд ва низоми ягонаи мутамарказонидашуда дорад[25]. Вазъи махсуси ҳуқуқии прокуратураи Тоҷикистон аз хусусиятҳои соҳавӣ ва махсуси он иборат аст. Чунончи, Сарпрокуратураи ҳарбии ҶТ, прокуратураҳои горнизонҳои ҳарбӣ, нақлиётӣ ва махсус. Вазъи фардии ҳуқуқиро ҳамаи прокурорҳо, аз ҷумла Прокурори генералӣ, прокурори шаҳру ноҳия соҳиб мебошанд. Тибқи чунин вазъ бештар ба муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ворид мегарданд. Масалан, самти фаъолияти ташкилию ҳуқуқии прокурори шаҳр ва ноҳия, ки тавассути он ҳамчун шахси мансабдори давлатӣ шаҳрвандонро қабул менамояд ва муроҷиати онҳоро ҳаллу фасл менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар сатҳи вазъи фардӣ мақоми махсус ҷой дошта метавонад. Масалан, мутобиқи қ. 1 м. 13 Қ.к. болозикр вазъи ҳуқуқии прокурори махсус бо прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо баробар карда шудааст[26]. Дар чунин ҳолат прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ вазъи ҳуқуқии фардиро низ доро мебошад.

[25] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – С. 136.

[26] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.10.2021).

Муҳаққиқони Украина пешниҳод намудаанд, ки мақоми ҳуқуқии прокурор набояд бо номгӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ маҳдуд карда шавад, чунин ҳолат метавонад ба шарҳи нопурраи мазмуни фаъолияти он оварда расонад, инчунин, ба таври сунъӣ васеъ намудани унсурҳои сохтории он ҳам зарурат надорад. Бинобар ин, зери мафҳуми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокурор бояд: а) тартиби ба вазифа таъйин намудани кормандони прокуратура; б) асос ва расмиёти қатъ гардидани фаъолияти онҳо; в) вижагиҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои прокурорҳо; г) вижагии вазъи ҳуқуқӣ, ки бо он прокурор аз кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунад, дар маҷмуъ фаҳмида шавад[27].

Ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, дар навбати худ қайд менамоем, ки аз нуктаҳои овардашуда сетои он ҷанбаи ташкилӣ-ҳуқуқӣ, яъне асоси маъмурӣ-ҳуқуқӣ доранд, яъне: а) ба вазифа таъйин намудан; б) асос ва расмиёти қатъ гардидани фаъолият; в) вижагиҳои ваколатҳои прокурор дар тафовут аз дигар мақомоти ҳуфзи ҳуқуқ ва ҳокимияти давлатӣ, ки тавассути онҳо ҳам назорати риояи дақиқ ва ҳам иҷрои якхелаи қонунҳо таъмин карда мешавад. Нуқтаҳои овардашудаи фаъолияти прокуратура дар ҳама ҳолат тавассути расмиёти ташкилӣ-ҳуқуқии ҷанбаи ҳокимиятидошта амалӣ карда мешаванд ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураро инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бо вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии он ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ тавсиф гардида, аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо хусусиятҳои худ фарқ менамояд. Ба ғайр аз он, вижагиҳои зикргардида дар табиати хоси ҳуқуқу уҳдадориҳо, тартиби ба вазифа таъйин, аз вазифа озод намудан ва қатъ гардидани фаъолияти прокурорҳо ифода меёбанд.

Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми эҷоди мафҳуми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бояд ба ду масъала таваҷҷуҳ

[27] Сурженко М. Нормативно-правовая регламентация статуса прокурора в Украине // Legea si viata. – 2014. – Septembrie. – С. 168.

намуд. Аввалан, бояд ба назар гирифт, ки мафҳуми ҳуқуқи маъмурии замони муосир ҳамчун «мегасоҳа» шомили меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавию ҳуқуқӣ мебошад. Ин тартиб имконият медиҳад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураро ҳам дар меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои позитивии моддӣ ва ҳам дар меъёрҳои мурофиавии ҷанбаи баҳсӣ ва юрисдиксионидошта пайдо намудан мумкин аст. Сониян, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура дар раванди амалигардонии ваколати худ дар робита бо салоҳияти Президент, Ҳукумат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти адлияи маъмурӣ ташаккул меёбад.

Масалан, мутобиқи м. 69 Конститутсияи ҶТ Президенти ҶТ бо розигии Маҷлиси миллии МО ҶТ Прокурори генералии ҶТ ва муовинони ӯро ба вазифа таъйин ва аз он озод менамояд[28]. Аз мазмун ва моҳияти ин меъёр хислати муҳимми фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ бармеояд, ки тибқи он, пас аз ба вазифа таъйин намудани роҳбарияти мақомоти мазкур Президенти ҶТ минбаъд низ фаъолияти прокуратураро зери назорати доимии худ қарор медиҳад, яъне механизми доимоамалкунандаи принсипи идоракунии иҷтимоӣ «таъйин намо ва бисанҷ»-ро амалӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, тибқи қ. 5 м. 7 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» прокуророн дар ҳолатҳои гузаронидани санҷишҳо бо супориши Маҷлиси миллии МО ҶТ ва Президенти ҶТ оид ба моҳияти парвандаҳо ва маводҳои дар пешбурдашон мавҷудбуда уҳдадоранд тавзеҳот диҳанд, онҳоро барои шиносоӣ пешниҳод кунанд.

Дар навбати худ, тибқи м. 9 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» «Прокурори генералии ҶТ дар ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии МО ҶТ, дар ҷаласаҳои Суди конститутсионии ҶТ, Ҳукумати ҶТ, прокурорҳои поёнӣ дар ҷаласаҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ метавонанд

[28] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – С. 136.

иштирок намоянд»[29] ва фаъолияти функсионалии худро амалӣ намоянд. Меъёрҳои номбурдаи Конститутсияи ҶТ ва Қ.к. мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки салоҳияти мақомоти ҳокимияти намояндагии қонунгузор, Президенти ҶТ ва мақомоти прокуратура дар омезиш бо равобити маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарор доранд ва дар ҳамин радиф ташаккул ёфтани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура, тибқи нуктаҳои илмии овардашуда ягон шакку шубҳа ҷой надорад.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, яке аз нуктаҳои муҳимми муайянкунандаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии Прокурори генералӣ аз вазифа озод намудани прокурорҳои тобеъ мебошад. Мутобиқи м. 95 Конститутсияи ҶТ муҳлати ваколати прокурор 5 сол муқаррар шудааст. Аммо, тибқи қ. 2 м. 16 Қ.к. номбурда – прокурорҳо дар ҳолатҳои зерин пеш аз муҳлат аз вазифаи ишғолнамудаашон барканор карда мешаванд: а) бо хоҳиши худ; б) бо сабаби ба истеъфо баромадан; в) бо сабаби ба кори дигар гузаштан ё иҷро карда натавонистани вазифа бинобар вазъи саломатӣ; г) бо сабаби интихоб шудан ба мақомоти намояндагӣ; д) аз рӯйи натиҷаҳои аттестатсия; е) барои вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дар бораи мубориза бо коррупсия, танзими анъана ва ҷашну маросим; ё) дар мавриди содир намудани ҷиноят, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд муқаррар карда шудааст; ж) бо дигар асосҳое, ки қонунгузории ҶТ дар бораи меҳнат пешбинӣ кардааст[30].

Аз асосҳои овардашудаи Қонун, асоси дар с. «г» овардашуда, яъне бо сабаби интихоб шудан ба мақомоти намояндагӣ, ҷанбаи ташкилӣ-ҳуқуқиро дорад. Масалан, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ интихоб шудани прокурор намуди маъмурӣ-ҳуқуқии гузаштан ба кори дигари

[29] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.10.2021).

[30] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 27.10.2021).

давлатӣ, болоравии мансабӣ маҳсуб меёбад. Мутобиқи м. 16 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», ки аз вазифа барканор кардани прокурор барои риоя накардани талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи мубориза бо коррупсия, танзими анъана ва ҷашну маросим, хусусияти баръало намоёни маъмурӣ-ҳуқуқӣ, бо меъёрҳои расмиётӣ-мурофиавӣ танзимшавандаро дорад. Меъёр аз ду қисмат иборат буда, дар ҳолати аввал, агар прокурор ақалан яке аз таркибҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар боби 38 (м.м. 656-675) КҲМ ҶТ пешбинишударо содир намояд, аз вазифа сабукдӯш карда мешавад. Барои татбиқи ин меъёри Қ.к. зикршуда Барномаи тақвияи интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратура барои солҳои 2021-2023 аз 20 октябри соли 2021, №5/85 бо фармони Прокурори генералии ҶТ тасдиқ карда шудааст[31]. Дар фасли II Барномаи мазкур 8 шакли ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта нишон дода шудааст, ки содир кардани онҳо аз тарафи корманди мақомоти прокуратура боиси гирифтани муҷозот ва аз вазифа рафтани ӯ мегардад[32].

Дар ин Барнома номгӯи шаклҳои зоҳир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии кормандони прокуратура оварда шудаанд, ки инҳоянд: а) гирифтани ришва барои қабули ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ё тартиб додани санадҳои санҷишӣ; б) тамаъҷӯӣ барои мусоидат намудан ба таъйин намудани ҷазои сабук аз тарафи суд; г) аз худ намудани маблағҳое, ки барои ҷуброни зарар пардохт карда шудааст; д) барнагардонидани восита ва амволе, ки ҳангоми азназаргузаронӣ гирифта шудааст; е) мудохилаи ғайриқонунӣ ва суйистифода аз мақоми хизматӣ дар ғайридавлатӣ гардонидани амволи давлатӣ, ҷудо намудани қитъаи замин ва ғ.[33]

---

[31] Маҷмуи фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2021.
[32] Маҷмуи фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2021.
[33] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 194-207.

Бояд таъкид намуд, ки Барномаи мазкур яке аз сабабҳои асосии ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ даст задани кормандони прокуратураро ба интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ марбут медонад, ки нуктаи муҳимми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунӣ дар низоми прокуратура мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, талаб карда мешавад, ки ҳангоми таъйин ба вазифаҳои прокурорӣ ва роҳбарони сохтории Прокуратураи генералии ҶТ (минбаъд – ПГ), прокуратураҳои поёнӣ ҷобаҷокунӣ аз ҳисоби кормандони собиқадори дар якчанд самти назорати прокурорӣ фаъолияти босамаркарда, босавод, кордон, ташаббускор, солим, қавиирода, адолатпарвар, хоксор, принсипнок, ташкилотчӣ, поктинат, ба содиркунии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ моилнабуда ва ба давлату миллат содиқ сурат гирад.

Аломати дигари мақоми ҳуқуқии прокуратура, ки аз ҷумла, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии онро низ дар бар мегирад, ин табиати бисёрҷанба доштани ваколатҳои прокуратура мебошад, ки онро ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқи салоҳияти махсусдошта муаррифӣ менамояд. Воқеан, мақомоти прокуратура сохтори марказонидашудаи мустақили махсус мебошад, ки ба ғайр аз функсияи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, салоҳияти пайгирии ҷиноят (ҷинояткорӣ) ва айбдоркунии давлатиро низ ба уҳда дорад.

Унсури асосии вазъи ҳуқуқии прокуратураро ваколатҳое ташкил медиҳанд, ки тавассути он прокуратура, аз ҷумла, ба муносибатҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ ворид мегардад ва ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ шинохта мешавад, нақш ва таъйиноти онро дар дастгоҳи давлатӣ муайян менамояд. Мутобиқи қонунгузории ҶТ прокуратура дорои ваколатҳои зарурӣ барои ҳал намудани вазифаҳои ба зиммааш гузошташудаи давлатӣ мебошад. Вижагии дигари танзими қонунии салоҳиятдории прокуратура аз он иборат мебошад, ки Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» дар м. 4 вазифаҳои мақомоти прокуратураро муайян намудааст, ки барои иҷрои самараноки онҳо салоҳиятнокии мувофиқ заруранд. Чунончи, барои ҳал

намудани вазифаҳои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба прокуратура салоҳиятнокӣ барои ҳифз намудани а) соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии қаламрави ҶТ; б) ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; в) асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ зарур аст[34]. Дар м. 5 Қ.к. мазкур самтҳои асосии фаъолияти прокуратура муайян карда шудааст, ки барои амалӣ намудани онҳо доштани салоҳиятнокии функсионалӣ зарур мебошад.

Барои муайян намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура дар баробари гуфтаҳо, яъне дар доираи вазифа, функсия ва ваколати ба он ҷудокардашуда зарур аст, ки дар ин маврид ба асосҳои илмӣ-назариявӣ таваҷҷуҳ намоем. Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ вижагиҳои мақоми ҳуқуқии прокуратураро бо он марбут медонанд, ки прокуратура мақомоти ҳокимияти давлатӣ набуда, танҳо аломатҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро дорад[35], аз ҳамин лиҳоз он ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил шуда наметавонад.

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқони сершумори соҳаи илми ҳуқуқи маъмурӣ дар таҳқиқоти худ қайд кардаанд, ки (баъзе ақидаҳои онҳоро мо дар боло оварда будем) мақоми умумии ҳуқуқии ин ё он мақомоти давлатиро ваколатҳои он муайян менамояд, ваколат вазифа, функсия, ҳуқуқ ва уҳдадорӣ, шакл ва услуби кори мақомотро дар бар мегирад[36]. Лазарев Б.М. пешниҳод намудааст, ки «ваколат – ин ҳуқуқ ва уҳдадорӣ барои амалӣ

[34] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 27.10.2021).
[35] Дибиров Ю.С. Особенности административно-правового статуса органов прокуратуры // Символ науки. – 2016. – №12-3. – С. 84.
[36] Советское административное право / Под ред. Ю.М.Козлова. – М., 1973. – С. 96.
[37] Лазарев Б.М. Компетенция органов управления. – М., 1972. – С. 26.

намудани фаъолияти хусусияти ҳокимиятидошта мебошад»[37]. Ба ақидаи Д.Н. Бахрах «ваколат – ин маҷмуи салоҳияти ҳокимиятии мақомот нисбат ба самти фаъолият мебошад»[38]. Тихомиров Ю.А. бар он ақида аст, ки ваколат – маҷмуи расман муайянкардашудаи тарзи амалигардонии ҳокимияти оммавӣ буда, бо салоҳияти ҳокимиятӣ барои қабул намудани санадҳо кафолат дорад[39]. Аломати ҳокимиятӣ доштани ваколат дар ҳамаи ақидаҳои овардашудаи олимон ҷой дорад.

Старилов Ю.Н. ақидаҳои илмии муҳаққиқонро оид ба ваколат мавриди таҳқиқ қарор дода, кӯшиш намудааст, ки номувофиқии онҳоро ислоҳ кунад. Муҳаққиқ муайян намудааст, ки «ваколат – маҷмуи салоҳияти ҳокимиятии беруна буда, моҳияти вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатиро ифода менамояд, ва аз низоми аломатҳо иборат мебошад, аз ҳамин лиҳоз ваколат қисмати муҳимми (маҷмуи аломатҳои) мақоми ҳуқуқӣ мебошад»[40] .

Дар радифи ин ақида А.Ф. Смирнов консепсияи умумии ваколати мақомоти прокуратураро пешниҳод менамояд, ки мутобиқи он маҷмуи ҳамаи салоҳияте, ки бо он мақомот мутобиқи қонун дода шудааст, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин номбурда қайд менамояд, ки мақомоти прокуратура дорои ваколати махсусгардонидашуда низ мебошад, ки онро зинаҳои гуногуни прокуратура дар ҳудуд ва самти муайяни салоҳиятнокиашон истифода менамоянд.

Консепсияи пешниҳоднамудаи муҳаққиқи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоем, ки дар ҶТ ҳам ба монанди ФР прокуратураҳои махсус мавҷуд буда, онҳо ба низоми ягонаи мақомоти прокуратура шомил мебошанд. Инҳо сарпрокуратураи ҳарбии ҶТ ва прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳо, прокуратураи нақлиётии ҶТ ва прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, ки хусусиятҳои хоси фаъолият доранд.

---

[38] Бахрах Д.Н. Административное право. – М., 1996. – С. 28.
[39] Тихомиров Ю.А. Теория компетенции // Журнал Российского права. – 2000. – № 10. – С. 24.
[40] Старилов Ю.Н. Служебное право: Учебник. – М., 1996. – С. 257.
[41] Смирнов А.Ф. Прокуратура и проблемы управления. – М., 1997. – С. 270.

Вижагии салоҳияти махсуси прокурорҳои номбурда аз он иборат аст, ки дар он функсияҳои маъмурикунонӣ бештар истифода карда мешаванд. Масалан, интизоми қатъии ҳарбӣ (хусусан, дар низоми прокуратураҳои ҳарбӣ ва прокуратураҳои махсуси назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), риояи дақиқи муносибатҳои мартабавӣ дар низом, ташкили фаъолият дар асоси фармонфармоӣ (принсипи «фармон иҷро карда мешавад, ҷойи муҳокима надорад» амал мекунад) ва ғ. Илова бар он, ба андешаи мо, ба муносибатҳои ҳуқуқии ҳокимиятӣ-маъмурии прокуратураҳои номбурда тарзи татбиқи ваколатҳои ҳокимиятии онҳоро низ номбар намудан мумкин аст. Азбаски муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти идоракунии ҳарбӣ, бинобар вижагиҳои зикршуда, аз муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии одӣ фарқ доранд, амалӣ намудани салоҳияти ин прокуратураҳо бештар самаранок мебошанд. Чунин ҳолат боз бо он тасдиқ мегардад, ки объектҳои зериназоратии ин соҳаҳо низ дар ҳолати ҳарбикунонидашуда фаъолият менамоянд ва муносибатҳои ҳуқуқии онҳо ҷанбаи муносибатҳои ҳокимиятии фармон ва итоатро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура дар доираи вазъи умумиҳуқуқии он ҷой дошта, дар иртибот ба мавқеи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ваколатҳо, вазифа ва самти фаъолияти он муайян карда мешавад, ки онро Конститутсияи ҶТ ва Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинӣ намудааст. Амалӣ намудани салоҳияти мақомии прокуратура ба зиммаи прокурорҳо ва кормандони мақомоти прокуратура вогузор карда шудааст.

Таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура нишон медиҳад, ки дар меҳвари асосии он, ки унсури марказии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкурро ташкил медиҳад ва ваколатҳои прокуророн қарор дорад. Аз мазмуни қонунгузории кишвар бармеояд, ки прокуророн ҳамчун шахсони дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ дар мақомоти прокуратура дорои ду намуди ваколат – умумӣ ва иловагӣ мебошанд.

1. Ваколатҳои умумӣ. Ваколати умумӣ ба прокурор зимни ба вазифа таъйин шудани ӯ дода мешавад ва дар давоми хизмат дар мақомоти прокуратура амал мекунад. Ин ваколат дорои хусусияти ҳокимиятӣ-назоратӣ буда, дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ тавассути расмиёти дар низоми прокуратура мавҷудбудаи маъмурӣ бо чорабиниҳои ташкилӣ, иҷроия ва амрдиҳӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, дар қ. 1 м. 24 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинӣ карда шудааст, ки прокурор ҳангоми назорати умумӣ ҳуқуқ дорад бо пешниҳод намудани шаҳодатномаи хизматиаш «а) бидуни мамониат, ба объектҳои реҷавӣ ҳангоми будани иҷозати махсус ворид гардад ва бо ҳар гуна ҳуҷҷатҳои онҳо шинос шавад; б) иҷрои қонунҳоро дар асоси аризаҳо, шикоятҳо, муроҷиатҳо ва дигар маълумот оид ба ҳуқуқвайронкунӣ санҷад; в) барои гузаронидани санҷиш кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҷалб намояд; г) барои санҷиши қарорҳо, амру фармоишҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, мавод, маълумоти оморӣ ва дигар маълумотро (асл ё нусхаи онҳоро) талаб намояд, дар бораи вазъи қонуният ва чораҳои таъмини он маълумот гирад; д) шахсони мансабдор, шаҳрвандонро даъват намояд ва аз онҳо доир ба вайрон кардани қонун баёнот талаб кунад».

Ҳамаи меъёрҳои овардашуда баръало ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқиро ифода намуда, дар доираи ваколати назорати умумии прокурорӣ ҷойгир шудаанд ва хусусияти маъмурӣ-амрдиҳӣ ва талабкуниро доранд.

2. Ваколатҳои иловагӣ. Прокурорҳо ба ғайр аз ваколатҳои умумӣ, инчунин ваколати иловагӣ дошта метавонанд, ки бо амалӣ намудани онҳо низ ба муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ворид мешаванд. Чуноне аз м. 2 Қ.к. мазкур бармеояд, муовин, ёрдамчии калон ва ёрдамчии прокурор ба мафҳуми умумии прокурор иртибот доранд, аммо дар баъзе ҳолатҳо онҳо низ аз тарафи прокурор – роҳбари асосии прокуратура, барои амалӣ намудани ин ё он вазифа иловатан ваколатдор карда мешаванд. Масалан, прокурор метавонад муовин, ёрдамчии калон ё ёрдамчии худро ваколатдор намояд, ки

тибқи м. 33 Қ.к. номбурда ҷиҳати масъалаи додани розигӣ барои татбиқи чораҳои пешгирӣ, чораҳои дигари маҷбурии мурофиавӣ ва амалҳои тафтишотӣ маводҳои дахлдорро омӯхта, ба прокурор хулоса пешниҳод намояд. Табиати ҳуқуқии чунин супоришҳо ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, тавассути мақоми маъмурии прокурор, яъне фармоиш ва итоат амалӣ карда мешавад.

Прокурори дар маҷлиси судӣ-ҷиноятӣ иштироккунандаро қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ муайян менамояд. Мутобиқи қ. 2 м. 279 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ[41] прокуроре, ки дар суд бо парвандаҳои ҷиноятӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ менамояд, мақоми айбдоркунандаи давлатиро мегирад, ин мақом ба андешаи мо, мақоми сирфан маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад, зеро ки ӯ аз номи маъмурияти давлатӣ, аз номи давлат айбдоркуниро амалӣ менамояд. Аз ин ҷиҳат, ин ваколатҳо табиати махсуси маъмурӣ-ҳуқуқӣ доранд.

Амалигардонии самараноки ваколатҳои прокуратура бидуни ташкили дурусти роҳбарӣ ва идора ҳам дар дохили низом ва ҳам берун аз низоми мақомот ғайриимкон мебошад, зеро сохтори марказонидашудаи прокуратура сарварии роҳбарияти болоиро бар зердастони сохтори поёнӣ тақозо менамояд. Масалан, барои роҳбарӣ ва идора намудани сохторҳои низоми прокуратура Прокурори генералӣ дастур ва супоришҳое медиҳад, ки барои ҳамаи субъектони шомили ин низом ҳатмӣ мебошад. Ин тартибот имкон медиҳад, ки ибораи «роҳбарӣ намудан»-ро дар низоми прокуратура ҳамчун ҷузъи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ намоем, зеро муродифи ин ибора – идора намудан мебошад. Аз ин лиҳоз, мақоми махсуси прокуратураро ба назар гирифта (ки он ба мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ шомил нест), ба андешаи мо онро мақомоти маъмурӣ-ҳуқуқии роҳбарикунанда ифода намудан мумкин аст.

---

[42] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурoҷиат: 01.11.2021).

Табиати маъмурӣ-ҳуқуқии роҳбарӣ намудан дар фаъолияти прокурорҳо, прокурорҳои калони раёсатҳои (шуъбаҳои) ПГ, прокуратураҳои вилоятӣ баръало ба назар мерасанд ва онҳо ҷанбаи роҳбарии соҳавӣ ва умумиро касб кардаанд. Прокурори генералӣ ё прокурори вилоят роҳбарии умумиро ба амал бароварда, сохторҳои онҳо роҳбарии соҳавиро амалӣ менамоянд (назорат дар соҳаи андоз, буҷет, иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумрук, иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовар ва ғ.)

Роҳбарияти ин зерсохторҳои прокуратураи болоӣ ташкилотчиёни асосии роҳбарият, идоракунандагони дохилинизом мебошанд. Масалан, мутобиқи банди (минбаъд – б.) 5 «Регламенти ПГ ҶТ», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №3 тасдиқ гардидааст: «сардорони раёсату шуъбаҳо ва муовинони онҳо ташкилкунандаи бевоситаи фаъолияти воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии ПГ ба шумор мераванд»[42].

Тавре, ки дар боло қайд намудем, зерсохторҳои ПГ ва прокурорҳои вилоятҳо фаъолияти худро дар асоси принсипҳои минтақавӣ, мавзуӣ ва минтақавӣ-мавзуӣ амалӣ менамоянд. Прокурорҳои номбурда дар асоси принсипи мавзуӣ, самти фаъолиятро ба мавзуи (предмети) мушаххас мувофиқ мегардонанд. Мисоли равшани принсипи мавзуӣ-идоракунӣ фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали 2016 №8 «Дар бораи вазифаҳои мақомоти прокуратура оид ба назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ бо парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ» шуда метавонад, ки дар он ҳар як самти фаъолияти назоратӣ ва ташкили кор оид ба амалӣ намудани назорат бо намуди предметии парвандаҳо мушаххас гардонида шудааст[43].

---

[43] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 98-99.

[44] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 138-145.

Мувофиқи принсипи минтақавӣ (ҳудудӣ) – прокурорҳои поёнӣ ба минтақаи муайян тақсим карда мешаванд, ба онҳо якчанд прокурорҳои митақаҳои як самти ҳудуд ворид мешаванд (масалан, прокурорҳои минтақаи Кӯлоб ва ғ.). Дар ин минтақа прокурорҳои шаҳр ва ноҳияҳо, прокурорҳои ҳарбӣ, нақлиётӣ ва махсус фаъолияти мавзуӣ-соҳавӣ бурда метавонанд. Инчунин, онҳо метавонанд дар самти муайян фаъолияти якҷоя ва муштаракро анҷом диҳанд. Масалан, дар фармони Прокурори генералӣ аз 15 феврали соли 2016 №24 «Дар бораи тақсимоти ваколатҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти прокуратураҳои нақлиётӣ ва ҳудудӣ оид ба таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар нақлиёт» роҳҳои ҳамкории прокурорҳои нақлиётӣ ва ноҳиявии минтақаи номбурда нишон дода шудааст[44].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ намуди омехтаи принсипи роҳбарӣ ба прокуратура низ қайд карда шудааст. Масалан, муҳаққиқ А.В. Трикс қайд менамояд, ки «дар замони ҳозира бинобар зарурати ҳамкории зич аз рӯйи масъалаҳои гуногуни фаъолияти прокурорӣ байни шуъбаҳо (раёсатҳои) прокуратура амалӣ намудани принсипи омехтаи мавзуӣ-минтақавии ташкили кор мувофиқи мақсад мебошад. Мутобиқи ин принсип, феълан салоҳияти роҳбарӣ ва назорат  дар ин ё он соҳаи фаъолияти прокуратура амалӣ карда мешавад»[45].

Амалӣ намудани принсипи омехтаи роҳбарият дар низоми прокуратураи ҶТ низ мушоҳида мегардад. Чунончи, мутобиқи б. 20 Регламенти ҶТ: «Раёсатҳо, шуъбаҳо, дастгоҳи марказӣ ва прокурорҳои тобеъ мунтазам иттилоотро оид ба вазъи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, амалияи назорати прокурорӣ-тафтишотӣ ҷамъоварӣ ва мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, бо мақсади такмил додани таҷрибаи

---

[44] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 10-16.
[45] Трикс А.В. Справочник прокурора. – СПб.: Питер, 2007. – С. 32.

назорати прокурорӣ, тафтишот, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти прокуратура ва дар сатҳи давлатӣ баррасӣ намудани масъалаҳои ҳалталаб ба Прокурори генералӣ пешниҳодҳои асоснок манзур менамоянд»[46].

Самаранокии принсипи омехтаи роҳбарии прокуратураро қайд намуда, муҳаққиқ А.Ф. Смирнов навиштааст, ки «татбиқи принсипи минтақавӣ-мавзуӣ прокурорҳои сохтор ва шуъбаҳоро бо функсияҳои роҳбарикунанда муҷаҳҳаз менамояд, ки моҳиятан роҳбарии функсионалӣ мебошад. Дақиқан, онҳоро метавон роҳбари минтақавӣ номида, ҳамзамон ваколатҳои зарурии иловагиро ба онҳо вогузор намудан мумкин аст»[47]. Аммо, А.Р. Хаверин ин ақидаро нодуруст ҳисобида менависад, ки «шахсони номбурда пурра ваколатҳои роҳбарро иҷро намекунанд, зеро ки онҳо дар назди роҳбарияти зинаҳои болоии идоракунанда танҳо барои самти муайяни кори ба зиммаи онҳо гузошташуда масъулият доранд, аз ҳамин лиҳоз, дараҷаи таъсирнокии роҳбарии онҳо ба зинаҳои поёнии мартабавии прокуратура бо санадҳои дохили танзимкунандаи самти мазкур муайян карда мешавад»[48].

Мо ин ақидаро ҷонибдорӣ карда, дар навбати худ қайд менамоем, ки дар амалияи ватании роҳбарӣ дар низоми прокуратура, прокурорҳои раёсат ва шуъбаҳои ҶТ ва вилоятҳо нақши «сарпарастонро доранд, ба уҳдаи онҳо назорати иҷрои вазифа ва супоришҳои алоҳида, омӯзиши вазъи амалӣ, ташкили такмили ихтисоси кормандони прокуратура ва функсияҳои таҳлилӣ гузошта шудааст».

Ҳамин тавр, метавон тасдиқ намуд, ки сардорони раёсат ва шуъбаҳо, инчунин кормандони дастгоҳи марказии ҶТ, прокурорҳои вилоятҳо нисбат ба прокуророни поёнӣ ваколатҳои ҳокимиятӣ-роҳбарӣ, функсияи роҳбарикунанда доранд. Асоси ҳуқуқии ин ваколатҳоро м. 94 Конститутсияи ҶТ, м.м. 17-21 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ташкил

[46] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С.100
[47] Смирнов А.Ф. Прокуратура и проблемы управления. – М., 1997. – С. 41.
[48] Хаверин А.Р. Приоритеты в работе прокурора // Борьба с преступностью в России: правовые и организационные основы. Сб. науч. тр. – М., 2005. – С. 47.

медиҳанд, ки моҳияти мутамарказ доштани низоми прокуратура, тобеъ будани прокуророни поёнӣ ба болоӣ ва Прокурори генералӣ муносибатҳои мартабавии кормандони онро тасдиқ мекунанд.

Таҳлили масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура имкон медиҳад, ки вобаста ба он чунин хулосабарорӣ намуд:

1) Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура қисми таркибии вазъи ҳуқуқии умумии он буда, дар Конститутсияи ҶТ, Қ.к. мазкур ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудааст. Асосҳои ҳуқуқии онро ба ғайр аз қонунгузории зикргардида, фармонҳои Прокурори генералӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура муайян менамоянд.

2) Қисми таркибии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура аз ҷузъҳои «роҳбарӣ», «ташкил» ва «идоракунӣ» иборат мебошад, ки тартиби маъмурӣ-ҳуқуқии таъсис ва бо кадом воситаҳои ҳуқуқӣ идорашавиро ифода менамояд.

3) Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура вижагиҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо прокуратура имкони ворид шудан ба муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, дар доираи ҳуқуқҳои субъективии худ иштирокчии ин муносибатҳо буданро муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураи ҶТ бо вижагии мақоми умумиҳуқуқӣ, ки бо он аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунад, бо тартиби таъсис, ба вазифа таъйин ва озод кардан ва инчунин дигар хусусиятҳо муайян карда мешавад. Бо ҳамин мазмун, мафҳуми илмии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура вобаста аз мавқеи ишғолнамудаи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибат ва алоқамандии он ба принсипи конститутсионии тақсими ҳокимият, инчунин аломатҳои зерин муайян карда мешавад: а) маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ки субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будани онро тасдиқ менамоянд; б) қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маъмурӣ; в) шакл

ва усули фаъолият, ки прокуратураро ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ дар муносибатҳои ҷанбаи оммавӣ ва муносибатҳои дигари маъмурӣ-юрисдиксионидошта муаррифӣ менамоянд; г) ваколатҳои дохилинизоми роҳбарӣ, ки тавассути он низом ва сохтори прокуратура идора карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки: а) мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратураи ҶТ дар боби алоҳидаи Конститутсияи ҶТ (боби 9) мустаҳкам карда шудааст; б) дар ҶТ мақоми умумӣ-ҳуқуқии прокуратураро Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» танзим менамояд, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз он бармеояд; в) ҷанбаи таъсисдиҳии мақомоти прокуратура ва ҳисоботдиҳанда будани он ба таври конститутсионӣ мустаҳкам карда шудааст; г) вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар аломатҳои зикршуда ифода ёфта, ҳамчун воситаи асосии амалӣ намудани онҳо хизмат менамояд.

Ҳамин тариқ, асосҳои зикргардида тасдиқ менамоянд, ки дар Конститутсияи ҶТ ва Қ.к. зикршуда ҷойгоҳ ва мақоми ҳуқуқии прокуратура, муносибати он ба низоми тақсими ҳокимият дуруст муайян карда шудааст. Дар баробари ин хусусиятҳои императивӣ, диспозитивӣ ва ҳамгироӣ доштани ваколатҳои функсионалии прокуратура, ки дар м.м. 92-97 Конститутсияи ҶТ мустаҳкам карда шудаанд, аз табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ доштани он шаҳодат медиҳад.

## 1.2. Равишҳои консептуалӣ оид ба муайян намудани ҷойгоҳи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ

Мансубияти ин ё он мақомоти давлатӣ ба шохаи муайяни ҳокимият, дар навбати аввал ба мазмун, табиат, таъйинот, вазифа ва функсияҳои он вобастагӣ дорад.

Дар м. 9 Конститутсияи ҶТ принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мустаҳкам карда шудааст[49]. Ба прокуратура ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ[50] функсияҳои муайян вогузор шудааст, ки асоси онро амалӣ намудани назорати риояи дақиқ, иҷрои якхелаи қонунҳо, пайгирии шахсони вайронкунандаи қонунҳо ташкил медиҳад ва ин вижагии амалкарди мақомот имкон намедиҳад, ки ба ин ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ бо таври «холис» шомил бошад, аз ин лиҳоз, мулоҳизаҳо ва консепсияҳои гуногун оид ба ҷойгоҳи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавҷуданд.

Вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар Конститутсияи ҶТ мустаҳкам карда шудааст, яъне Конститутсияи ҶТ вазъи ҳуқуқӣ, таъйиноти иҷтимоӣ, ҷойгоҳи онро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти он ва дигар ҷанбаҳои ҳуқуқии ин мақомотро муайян намудааст, ки дар ин хусус қисман мо дар боло маълумот дода будем. Ҳамзамон қайд менамоем, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқоти махсус оид ба вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура мавҷуд мебошад[51]. Баъзе аз муҳаққиқони ватанӣ низ қайд намудаанд, ки дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ прокуратура мақоми хосаро ишғол менамояд ва он ҳамчун мақомоти мустақили таъминкунандаи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Конститутсия ва қонунҳо дар боби алоҳидаи Конститутсияи ҶТ (боби 9, м.м. 93-97) мустаҳкам карда шудааст[52].

Таҳлили адабиёти илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур нишон дод, ки дар ИДМ – давлатҳои мустақили пасошуравӣ чор амсилаи вазъи

---

[49] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016.

[50] Чи тавре дар боло қайд намуда будем, ақидаҳои дигаре низ ҷой дорад, ки прокуратураро ҳамчун мақомоти давлатӣ маҳсуб намеёбаду танҳо нишонаҳои онро соҳиб аст. Муфассалтар ниг.: Дибиров Ю.С. Особенности административно-правового статуса органов прокуратуры // Символ науки. – 2016. – №12-3. – С. 84.

[51] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 212.; Бывальцева С.Г. Конституционно-правовой статус прокуратуры: проблемы и перспективы // Конституционное и муниципальное право. – 2011. – № 5. – С. 23–25.

[52] Маҳмудов И.Т. Ҷои прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2017. – №2/8. – С. 199-204.

конститутсионии прокуратура вуҷуд дорад. Амсилаи аввал – дар конститутсияҳои кишварҳои Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Молдова ва ФР ҷой дорад. Дар ин кишварҳо мақоми ҳуқуқии прокуратура дар м.м. алоҳидаи Конститутсия, ки ҳокимияти судиро танзим менамояд, мустаҳкам карда шудааст. Амсилаи дуюм – дар конститутсияҳои ҶТ, Беларус, Украина, Ӯзбекистон ва Туркманистон амал мекунад. Тибқи он вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар бобҳои алоҳидаи Конститутсия танзим гардида, воқеан, мақоми мустақили давлатӣ будани он ифода ёфтааст. Амсилаи сеюм – дар Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон ҷой дорад, ки мутобиқи он мақоми ҳуқуқии прокуратура дар меъёрҳои боби мақомоти ҳокимияти иҷроия ҷойгир карда шудааст, яъне прокуратура ба мақомоти ҳокимияти иҷроия монанд гардидааст[53]. Амсилаи чаҳорумро Конститутсияи Ҷумҳурии Гурҷистон пешбинӣ намудааст, ки тибқи он прокуратура ба низоми Вазорати адлияи ин давлат дохил карда шудааст, аммо мақомоти ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад[54].

Бояд тазаккур дод, ки хусусиятҳои вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии амсилаҳои номбурдаи прокуратура мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмии муҳаққиқон қарор дода шудаанд[55], аммо онҳо вобаста аз мавзуи таҳқиқот ба хулосаҳои гуногун омада, нисбат ба ҷойгоҳи мақомоти прокуратура андешаҳои гуногун низ доранд. Масалан, ба андешаи А.Б. Ахметова меъёрҳои ба прокуратура бахшидашудаи конститутсияҳои ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистон вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратураро нопурра инъикос менамоянд, ин меъёрҳо фақат ба ташаккули низом ва ҳалли масъалаҳои калидии таъсиси прокуратура бахшида шуда, таъйиноти иҷтимоии он,

---

[53] Бояд қайд намуд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон аз 27 июни соли 2010, Прокуратура ба фасли 7 ба мақомотҳои дигари ҳокимияти давлатӣ шомил карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.gov.kg/?page_id=263&lang=ru (санаи муроҷиат: 05.11.2021).

[54] Тибқи Конститутсияи Гурҷистон соли 1995 Прокуратура ба низоми мақомоти Вазорати адлияи ин давлат дохил карда шудааст ва роҳбарии умумии прокуратураро Вазири адлия ба уҳда дорад. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.matsne.gov.ge/ru/document/view/4110673 (санаи муроҷиат: 05.11.2021).

[55] Дар ин бора муфассал ниг.: Сафонова Т. Ю. К вопросу о правовом положении прокуратуры как государственного органа в странах СНГ (На примере Республик Армения, Украина, Белоруссия, Казахстана, Кыргызстан) // Международное публичное и частное право. – 2011. – № 3. – С. 36–41.

функсия, вазифа ва салоҳиятнокӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онро муайян намекунанд[56]. Ба ақидаи муаллифи мазкур ин аз номуайян будани ҷойгоҳ ва вазъи прокуратура шаҳодат медиҳад.

Ахметова А.Б. ин масъаларо таҳлил намуда, қайд мекунад, ки дар боби ҳокимияти судӣ ҷой додани прокуратура асоси ба ин шохаи ҳокимият шомил намудани онро фароҳам намесозад. Чунин тарзи муносибат танҳо аз он сабаб аст, ки прокурор дар татбиқи адолати судӣ ҳамчун тараф иштирок карда, фаъолияти ҳуқуқҳимоякунии худро дар суд амалӣ ва бо ҳамин волоияти қонунро таъмин менамояд[57]. Ба ҳамин монанд С.К. Журсимбаев навиштааст, ки мақомоти судӣ ва прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқҳимоякунӣ якдигарро пурра менамоянд[58]. Аз ақидаҳои овардашуда хулосае бармеояд, ки прокуратура воқеан дар пешбурди мурофиаи судӣ иштирок меварзад, на дар татбиқи адолати судӣ, яъне истеҳсолоти судӣ ва адолати судӣ бо таркиби субъектии худ аз ҳам фарқ менамоянд. Субъекти истеҳсолоти судӣ иштирокдорони мурофиа буда, адолати судиро бошад, танҳо суд ба амал мебарорад.

Ҳолати мазкурро ба назар гирифта, С.К. Журсимбаев менависад, ки «... прокуратураи Қазоқистон ба низоми сегонаи тақсими ҳокимият ворид нашудааст ва ин барои мулоҳиза оид ба инкишофи ҳуқуқии шакли нави мақомоти прокуратура асос шуда метавонад».

Ба андешаи мо, ба низоми сегонаи конститутсионии ҳокимияти давлатӣ шомил накардани прокуратура мазмуни онро надорад, ки ин мақомот роҳи мустақили инкишофи ҳуқуқиро доро аст ва новобаста аз дигар шохаҳои ҳокимият арзи вуҷуд ва фаъолият менамояд. Ҳамзамон, прокуратураро ҳамчун шохаи мустақил ва чоруми ҳокимияти давлатӣ ҳисобидан низ бармаҳал мебошад.

---

[56] Ахметова А.Б. Сравнительный анализ конституционно-правового статуса прокуратуры в Республике Казахстан и Российской Федерации // Общественные науки. Политика и право. – 2014. – №1 (29). – С. 69.
[57] Адабиёти ишорашуда. – С.70.
[58] Журсимбаев С. К. Прокурорский надзор в Казахстане. – Алма-Аты : «NURPRESS», 2003. – С. 443.

Инро ба назар гирифта, мо тартиби конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими мавқеи прокуратураро дар Конститутсияи кишвари худ дуруст меҳисобем. Конститутсияи ҶТ мақоми ҳуқуқии прокуратураро дар боби алоҳида (нуҳум) ба танзим даровардa ҳамзамон муқаррар намудааст, ки фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ба танзим медарорад (м. 95). Аз мазмун ва муҳтавои ин меъёр ва муносибати қонунгузори ватанӣ нисбат ба ҷойгоҳи прокуратура бармеояд, ки он мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба муносибатҳои ташкилию ҳуқуқӣ ворид мешавад ва дар амалигардонии принсипи тақсими ҳокимият вазифаи муҳимми нигаҳдорӣ ва мувозинатро амалӣ менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳодҳои дигар низ вуҷуд доранд. Масалан, дар Украина ҳангоми гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ пешниҳодҳои зерин ироа гардиданд: а) муайян намудани прокуратура ҳамчун мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ[59]; б) иваз намудани функсияҳои тафтишотии пешазсудии прокуратура бо функсияҳои пайгирии ҷиноятӣ; в) аз прокуратура гирифтани функсияи «назорати умумӣ»; г) муттаҳид намудани дигар функсияҳои прокуратура, ки дар б. 2.5 м. 121 Конститутсияи он пешбинӣ шудаанд ва гурӯҳбандӣ намудани онҳо ба функсияҳои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун дар суд. Ҳамчунин намунаи ислоҳоти прокуратураи Украина баррасӣ шуда буд, ки он ба тобеияти Вазорати адлия дода шавад[60].

Дар асоси ислоҳоти конститутсионии ин давлат коршиносони Шӯрои Аврупо, ки даъват шуда буданд, талаботи мураккабтарро пешниҳод намуданд, ки аз арзиши илмӣ бархӯрдоранд. Масалан, коршиноси комиссияи венетсиании Шӯрои Аврупо Ҷеймс Гамилтон қайд намудааст, ки «… кадом

---

[59] Толочко О. Прокуратура як незалежний орган в системе судововлади II Реформування органов прокуратури Украини: проблеми, перспективи // Материалы Межнародно науково-практично конференци (2-3 жовтня 2006 р.). – Киев: Академия прокуратури Украини, 2006. – С. 67-69.

[60] Сурженко М. Нормативно-правовая регламентация статуса прокурора в Украине // LEGEA SI VIATA. – 2014. – Septembrie. – С. 169.

навъи прокуратураро Украина интихоб менамояд ва дар назди кадом шохаи ҳокимият – мақомоти иҷроия, судӣ ё умуман мустақил будани прокуратура тавофути зиёде надорад. Муҳим он аст, ки мустақилияти кормандони ин ниҳод зимни иҷрои уҳдадориҳои худ таъмин карда шаванд»[61]. Муаллиф бо ин ақидаи худ б. 10 м. 19 Тавсияномаи (соли 2000) Шӯрои Аврупо доир ба пешгирӣ намудани дахолат ба фаъолияти прокуратура ва таъмин намудани мустақилияти онро дастгирӣ намудааст.

Ба андешаи В.Г. Гончаренко ба Конститутсияи Украина на ворид намудани принсипи тақсими ҳокимияти давлатӣ ба се шоха, балки муҳим он аст, ки дар он функсияҳои тақсимнашавандагии ҳокимияти халқӣ ба таври мушаххас ба функсияҳои: таъсисдиҳандагӣ; қонунгузорӣ; судӣ; иҷроия; назоратӣ; иттилоотӣ, ташкилию хоҷагӣ; тарбиявӣ ва ғ. мустаҳкам карда шавад[62]. Мақомоти прокуратура, дар навбати худ, бояд вазъи ҳуқуқии мақомоти марказонидашудаи мустақили мақоми давлатӣ, ки функсияҳои назоратӣ (асосӣ) қонунгузорӣ (ташаббуси қонунгузорӣ) ва судӣ (айбдоркунии давлатӣ ва намояндагӣ дар суд)-ро дошта бошад.

Ақидаҳои овардашуда боз ҳам тасдиқ менамоянд, ки дар муайян намудани вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура нақши асосиро функсия ва ваколатҳои он иҷро менамоянд. Ин ҳолат олимонро водор намудааст, ки консепсияи функсионалии муайян намудани мақоми прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда шавад.

Смирнов А.Ф. муаллифи консепсияи мазкур пешниҳод менамояд, ки «бояд ду гурӯҳи омилҳои таъминкунандаи муносибгардонии прокуратураро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ҷудо кард. Ба гурӯҳи аввал, омилҳое дохил мешаванд, ки принсипҳои асосии ташкилию ҳуқуқии прокуратураро дар

---

[61] Гамильтон Дж. Загальна оценка проекту змин до Конституции щодо статусу прокуратуры// Реформування органы в прокуратуры Украини: проблеми и перспективи: материали Межнародно науково-практично конференции (2-3 жовтня 2006 р.). - Киев: Академия прокуратури Украини, 2006. – С. 180.

[62] Гончаренко В.Г. Концептуальни питания статусу прокуратури Украини в системи органив державной влади // Реформування органив прокуратури Украини: проблеми и перспективи: матереали Межнародно науково-практично конференции (2-3 жовтня 2006 р.). – Киев: Академия прокуратури Украини, 2006. – С. 34-36.

низоми ҳокимияти давлатӣ муайян мекунанд. Ба гурӯҳи дуюм бошад, омилҳои муайянкунандаи мақсад, вазифаҳо, функсия ва ваколатҳои мақомоти прокуратура, ки ба нафъи сохтори мавҷудаи давлатанд, дохил мешаванд»[63].

Чунин мавқеъ ба муаллифи мазкур имконият доданд, ки ду консепсияи муайяннамоии вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратураро пешниҳод намояд: якум, ҳокимияти давлатӣ ягона аст, функсияҳои асосии он – қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ бояд дар байни мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ тақсим карда шавад; дуюм, ҳокимияти ягонаи давлатӣ ба се қисмати таркибии он – шохаҳои мустақил ҷудо карда шуда, мансубияти мақомот вобаста ба функсияҳои онҳо ба ин шохаҳо муайян карда шавад. Қайд карда мешавад, ки дар ҳолати дувум ба таври ҷиддӣ оид ба мавзуи низоми нигаҳдорӣ ва мувозинатҳо савол ба миён меояд, зеро онҳо барои таъмин намудани фаъолияти мутақобилаи шохаҳои алоҳидаи ҳокимият зарур мебошанд ва бинобар ин имконияти аз ҷониби яке аз шохаҳо ғасб гардидани ҳокимият, инчунин аз фаъолият бозмондани он истисно мегардад.

Консепсияи ахир моҳияти тақсими ҳокимияти давлатӣ дар доираи м. 9 Конститутсияи ҶТ мустаҳкамгардидаро ифода менамояд, яъне дар асоси он метавон дар бораи ҳокимияти ягонаи давлатӣ қазоват намуд, ки барои он ҳеҷ гуна маҳдудияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд надорад, зеро тақсимоти анъанавии ҳокимият ба таври зайл мебошад: муассисӣ, қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ, назоратӣ-контролӣ, иттилоотӣ, ташкилию хоҷагӣ, тарбиявӣ ва ғ.

Ба андешаи мо, Конститутсияи кишвар низ ҳамин тарзи муносибатро интихоб намуда, мақоми прокуратураро дар боби 9 мустаҳкам намудааст. Воқеияти пас аз боби ҳокимияти судӣ оварда шудани боби мазкур ба мақоми мустақили ҳокимияти давлатӣ маҳсуб ёфтани прокуратураро дарҷ менамояд

[63] Смирнов А.Ф. Организационно правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры РФ: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1997. – С. 32.

ва ҳамзамон, дар рафти иҷрои вазифаҳои худ ин ниҳод ба татбиқи ҳокимияти судӣ низ мусоидат менамояд.

Ба андешаи З.Х. Искандаров прокуратура бо ҳамин сифат ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ниҳоди ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи инсон мансуб аст[64]. Дар ҳамин ҳол, прокуратура дорои функсияҳое мебошад, ки амалӣ намудани онҳо барои татбиқи адолати судӣ мусоидат менамояд.

Баъзе пажуҳишгарон дар асоси нуктаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ қайд менамоянд, ки ҳокимият ягона аст, шохаҳои он ҳамдигарро пурра мегардонанд, иртибот ва мувофиқати заруриро нигоҳ дошта, мавҷудоти ягонаи сиёсиро ташкил ва ба манфиати халқ амал менамоянд, онҳо ҳамчунин консепсияи оид ба ҳокимияти ягонаи давлатиро ҳимоя мекунанд[65].

Ба андешаи мо, В.В. Клочков дуруст қайд менамояд, ки «ба давлати ҳуқуқбунёд низоми кафолатҳои амалкарди муътадили ҳокимият хос аст, ки ду зернизомро дар бар мегирад. Аввалӣ, тартиберо кафолат медиҳад, ки ҳар се шохаи ҳокимият мустақил буда, дар доираи функсияҳои худ, бо тарзу усули ба худ хос фаъолият менамоянд, якдигарро иваз намекунанд ё кӯшиши ғасби дигар ҳокимиятро надоранд. Ин зернизоми кафолатҳоро (низоми) боздорӣ ва мувозинатҳо меноманд. Зернизоми дуюм, тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ҳамкории шохаҳои мустақили ҳокимиятро таъмин менамоянд ва аз маҷмуи мувофиқашудаи амалкарди якҷоя ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ иборат мебошад»[66].

Тавре ки маълум аст, тақрибан дар ҳамаи конститутсияҳои давлатҳои мустақили пасошуравӣ, аз ҷумла дар м. 9 Конститутсияи ҶТ меъёр оид ба тақсими ҳокимият ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ мустаҳкам карда шудааст. Аммо, ин Қонуни асосӣ муқаррар накардааст, ки прокуратура ба кадом шохаи ҳокимият шомил аст. Ба ақидаи Ю.И. Скуратов (собиқ Прокурори

---

[64] Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии амалигардонии он. – Душанбе: «Эҷод», 2007. – С. 122-125.
[65] Теория государства и права / Под ред. Манова Г.Н. – М.: «БЕК», 1995. – С. 258.
[66] Клочков В.В. Методологические вопросы организации и деятельности прокуратуры // Проблемы теории законности, методологии и методики прокурорского надзора: сб. науч. тр. / НИИ проблем укрепления законности и правопорядка. – Москва: Манускрипт, 1994. – С. 11-12.

генералии ФР) «Консепсияи тақсими ҳокимият ба сифати дастгоҳи асосии тақсими ҳокимияти давлатӣ бо тарзи гуногун фаҳмида мешавад, бинобар он ягонагии он аз назар дур мемонад»[67]. Воқеан, дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ дар ин хусус ақидаҳо гуногунанд ва мо саъй намудем, ки кӯшиши гурӯҳбандии консептуалии мушобеҳро анҷом диҳем:

1. Мазмун ва муҳтавои консепсияи мансубияти мақомоти прокуратура ба ҳокимияти қонунгузорӣ дар он аст, ки ба ақидаи муаллифони он прокуратура бояд дар низоми мақомоти қонунгузорӣ ҷой дошта бошад. Дар асоси ин мулоҳиза прокуратура ягона мақомоти назорати иҷрои якхелаи қонунҳо мебошад, ки онҳоро мақомоти қонунгузорӣ қабул менамояд, бинобар ин прокуратура дар асоси ваколатҳое амал менамояд, ки аз мақомоти хокимияти қонунгузорӣ гирифтааст ва ба он ҳисоботдиҳанда мебошад (м. 94 Конститутсияи ҶТ). Ҳамзамон, нишон дода мешавад, ки бидуни прокуратура мақомоти қонунгузор воқеан бе ҳокимият мемонад, зеро дигар мақомоти давлатии таъминкунандаи назорати иҷрои қонунҳо вуҷуд надорад[68].

Тарафдорони консепсияи мазкур қайд менамоянд, ки парламент – ҳамчун мақомоти қонунгузор, қонунҳоро қабул намуда, прокуратураро бо ваколат ва функсияҳои зарурӣ таъмин менамояд. Дар навбати худ прокуратура вазифа ва функсияҳои худро амалӣ намуда, иҷрои дақиқи қонунҳоеро, ки парламент қабул намудааст, назорат менамояд ва бо ҳамин васила прокуратура қисми функсияҳои парламентро иҷро менамояд. Ба ақидаи Л.А. Николаева прокуратура қисми дастгоҳи мақомоти ҳокимияти қонунгузор аст, зеро ки волоияти қонунро ҳифз менамояд[69]. Ломовский В.Д. низ тасдиқ менамояд, ки «прокуратура бояд дар назди ҳокимияти қонунгузор бошад, мақомоти қонунгузор наметавонад аз назорати иҷрои қонунҳое, ки

[67] Скуратов Ю.И. Разделение властей или разделение функций // Разделение властей и парламентаризм: Сб. ст. – М., 1992. – С. 60-73.

[68] Долежан В.В. Проблемы компетенции прокуратуры: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1991. – С. 44; Точиловский В.М. О концепции прокурорской власти // Советское государство и право. – 1990. – № 9. – С. 46.

[69] Николаева Л.А. Становление правового государства // Государство и право. – 1994. – № 5. – С. 6-7.

қабул менамояд, дар канор бошад, назорати парлумонӣ, ки шаклҳои гуногун дорад, аз ҷумла бо назорати прокурорӣ амалӣ карда мешавад»[70].

Гурӯҳи олимоне ҳам ҳастанд, ки консепсияи ба мақомоти қонунгузор шомил намудани прокуратураро қабул надоранд. Дар ин бобат, ба андешаи мо М.С. Шалумов далели асоснок овардааст. Ӯ менависад, ки: «таъйиноти асосии мақомоти қонунгузор ин қабул намудани қонунҳо аст, прокуратура бошад, чунин ваколатро надорад»[71]. Иштироки прокурор дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, маънои қабули қонунро надорад. Мо ҳам ҷонибдори чунин ақида ҳастем, зеро мутобиқи м. 11 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» «прокурор дар рафти амалӣ намудани ваколатҳои худ ҳангоми зарурати такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ба субъекти ваколатдоре, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад ё ба мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст, дар бораи қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо, ё аз эътибор соқит кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ таклиф пешниҳод кунад»[72].

2. Мутобиқи консепсияи «ҳокимияти иҷроияи неруманд» - муаллифони он прокуратураро ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия шомил менамоянд. Асоси чунин ақидаро функсияи ташкил намудани иҷрои қонунҳо аз тарафи ҳокимияти иҷроия гузошта шуда, назорат ҳамчун воситаи самараноки иҷрои вазифаҳои матраҳшуда фаҳмида мешавад. Тарафдорони ақидаи мазкур И.Л. Петрухин, В.М. Боер ва Н.Г. Янгол ва дигарон ба таҷрибаи тоинқилобии Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигар давлатҳо, ки Прокурори генералӣ ва вазири адлия як шахс мебошад, такя намуда, прокуратураро ба низоми Вазорати адлия дохил менамоянд[73]. Масалан, В.М. Боер ва Н.Г. Янгол қайд менамоянд, ки «шомил намудани

---

[70] Ломовский В.Д. Какой власти принадлежит прокуратура? // Российская юстиция. – 2001. – №9. – С. 23.

[71] Шалумов М.С. Прокуратура в правовой системе государства // Законность. – 1993. – №7. – С. 17.

[72] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

[73] Петрухин И.Л. Состязательность и правосудие // Государство и право. – 1994. – №10. – С. 133.

прокуратура ба мақомоти ҳокимияти иҷроия бештар ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд ҷавобгӯ мебошад»[74], зеро прокурор салоҳияти ҳокимиятии худро амалӣ намуда, масалан, амалҳои назоратию идории самти иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти пешбурди фаъолияти фаврию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва маъмуриро назорат менамояд. Бинобар ин, прокуратура бояд шомили мақомоти иҷроия ва дар низоми Вазорати адлия бошад. Ин ақидаро бисёр олимон дастгирӣ намудаанд[75].

Пажуҳишгарони илми ҳуқуқ И.Л. Петрухин ва олими беларус Г.А.Василевич қайд менамоянд, ки «дар давлатҳои мутамаддини замони муосир прокуратура ба ҳокимияти иҷроия шомил карда шудааст ва дар низоми Вазорати адлия қарор дорад» ва ин ҳолат боиси самаранокии фаъолияти онҳо гаштааст[76].

Ин ақида ба олимони ватанӣ низ таъсири худро расонидааст, масалан А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «дар ҶТ мақомоте мавҷуданд, ки ба низоми таҷзияи ҳокимият мувофиқат намекунанд. Чунин аст, вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура ва Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба мақомоти иҷроия иртибот доштани онҳоро тасдиқ мекунад»[77].

Ақидаи А.М. Диноршоҳро ҷонибдорӣ намуда, дар радифи мавзуи рисолаи мазкур, яъне вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура тасдиқ менамоем, ки консепсияи илмии ба ҳокимияти иҷроия иртибот доштани мақоми ҳуқуқии прокуратура мавзуи муҳокимаи роҳбарияти сиёсии давлат, илми муосири ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ шуда метавонад.

---

[74] Боер В.М., Янгол Н.Г. Российская государственность: от тоталитаризма к правовому государству. – СПб., 1997. – С. 142.

[75] Федоров Н.В. О судебной реформе в России // Государство и право. – 1992. – №6. – С. 11.; Полянский И.А. Правовая природа исполнительной власти и ее место в организации государственной власти // Правоведение. – 1999. – №4. – С. 27; Точиловский В.И. О концепции прокурорского надзора // Советское государство и право. – 1990. – №9. – С. 46; Даев В.Г. Концепция прокурорского надзора в свете правовой реформы // Вестник МГУ. – 1990. – №4. – С. 38-40; Савицкий В.М. Стержневая функция прокуратуры - осуществление уголовного преследования // Российская юстиция. – 1994. – № 10. – С. 24.

[76] Петрухин И.Л. Прокурорский надзор и судебная власть: Учеб. Пособие. – М., 2001. – С. 16.; Василевич Г.А. Конституция Республики Беларусь (научно-практический комментарий). – Минск: «Право и экономика» 2001. – С. 436.

[77] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2006. – С. 7-8.

Бояд тазаккур дод, ки консепсияи мазкур равияҳои дигари асоснокнамоӣ низ дорад, масалан: а) «ҳамаи он мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба қатори субъектони мақомоти қонунгузор ва судӣ ворид нашудаанд, аммо салоҳияти ҳокимиятӣ доранд, ба қатори мақомоти иҷрокунандагони қонунҳо ё мусоидаткунанда барои иҷрои онҳо ворид намудан мумкин аст». Ҷонибдорони ин равия қайд менамоянд, ки мақомоти ба низоми ҳокимияти иҷроия вориднашуда, лекин дорои салоҳияти ҳокимиятибуда (комиссияи интихоботӣ, мақомоти контролӣ ва назоратӣ), мумкин аст ҳомилон ё иҷрокунандагони иродаи мақомоти қонунгузор, Президент, Ҳукумат ва суд бошанд. Ба андешаи А.Ф. Малий чунин муносибат проблемаи муайянсозии ҷойгоҳи комиссияи интихоботӣ ва прокуратураро дар тақсими ҳокимият аз байн мебарад[78]; б) прокуратура мақомоти мустақили ба низоми Ҳукумат вориднашавандаи намуди алоҳидаи мақомоти иҷроия мебошад, ки бо ҳамаи шохаҳои дигари ҳокимият дар иртибот аст ва ваколатҳои худро новобаста аз онҳо амалӣ менамояд. Ба андешаи С.А. Осипян «прокуратура сирфан мақоми иҷроия нест, аммо якҷо бо он ҳамчун дастгоҳи давлатӣ иҷрои қонунҳоро, ки ҳокимияти қонунгузор қабул намудааст, амалӣ менамояд»[79].

Бояд дар назар дошт, ки ба ғайр аз ФР ва Қазоқистон, дар дигар давлатҳои ИДМ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон прокуратура чун пештара, парвандаҳои ҷиноятиро оғоз намуда, тафтиши пешакии онҳоро анҷом медиҳад ва инчунин бо дигар корҳои ташкилию идорӣ машғул мешавад. Бар замми ин назорати прокурорӣ ҷанбаи роҳбарикунанда – идоракунӣ низ дошта метавонад. Инро ба назар гирифта, муҳаққиқ И.В. Велиев қайд менамояд, ки «мақомоти прокуратура ҳамчунин назорати қонунӣ будани санадҳои мақомоти худидоракунии маҳаллиро, ки

[78] Малый А. Ф. Государственная власть как правовая категория // Государство и право. – 2001. – №3. – С. 98-99.

[79] Осипян С.А. Государственно-правовая природа и место органов прокуратуры в системе органов государственной власти Российской Федерации // Конституция. Проблемы управления и прокурорского надзора. – М., 1996. – С. 86-87.

мақомоти ҳокимияти иҷроия набуда, моҳиятан функсияҳои идоракуниро иҷро менамоянд, баамал мебарорад ва агар душвор будани идоракуниро аз ҷониби иҷрокунандагони амудӣ (мансабдорони мартабавӣ) ба инобат гирем, мубрамии назорати прокурорӣ хеле меафзояд»[80]. Яъне, ба андешаи мо, дар ин ҷо муаллиф нақши идоракунӣ-роҳбарӣ доштани назорати прокурориро дар назар дорад. Баамалбароии функсияҳои идоракунӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура дар сарчашмаҳои ватанӣ баён гардидааст. Чунончи, муҳаққиқи ватанӣ З.М. Соибов дар таҳқиқоти худ иброз менамояд, «аз ҷониби мақомоти мазкур (яъне, мақомоти идоракунии давлатие, ки ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб нестанд, ки дар ин росто мақомоти прокуратура низ зикр мегардад) функсияи ҳамоҳангсозӣ, иттилоотӣ ва машварат, танзим, контрол ва назорат ва ғ. амалӣ карда мешавад. Масалан, яке аз намудҳои маъмули назорати давлатӣ ин назорати прокурорӣ мебошад, ки бевосита аз ҷониби мақомоти прокуратура ба амал баровarda мешавад»[81].

Таҷрибаи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҷойгоҳи прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад, ки баъзе давлатҳо консепсияи баррасишавандаро қабул намудаанд. Масалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон аз 5 майи соли 1993 меъёр дар бораи прокуратура дар боби «Ҳокимияти иҷроия» (м. 76) ҷойгир аст[82]. Дар қонунгузории мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Қирғизистон низ муқаррар карда шудааст, ки «Прокуратураи Ҷумҳурии Қирғизистон – мақомоти давлатӣ дар низоми ҳокимияти иҷроия мебошад»[83]. Бо Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон»

---

[80] Велиев И.В. Место прокуратуры в системе органов государственной власти Российской Федерации // Современное право. – 2005. – № 10. – С. 31.

[81] Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 53 .

[82] Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон аз 27 июни соли 2010 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

[83] Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи прокуратураи Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 17 июли соли 2009, №224. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.gov.kg/?page_id=263&lang=ru (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

аз 28 декабри соли 2016, №218 прокуратура ба фасли ҳафтуми Конститутсия «Мақомотҳои дигари давлатӣ» (м. 104)[84] ҷойгир карда шудааст.

3. Мутобиқи қ. 1 м. 91 Конститутсияи Гурҷистон «Прокуратураи Гурҷистон муассисаи ҳокимияти судӣ мебошад»[85], аммо мутобиқи қ. 1 м. 1 Қонуни Гурҷистон «Дар бораи прокуратура» ин мақомот муассисаи тобеи давлатӣ дар низоми Вазорати адлияи ин кишвар мебошад[86].

Ба андешаи мо, ин намуди танзим ва муайянсозии ҷойгоҳи прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ки дар Конститутсия ва Қонуни прокуратураи Гурҷистон инъикос ёфтааст ба Консепсияи «мақомоти иҷроияи неруманд» мувофиқат намекунад. Аммо, дар ин ҳолат ба саҳнаи илм ақидаи дигар ворид мешавад, ки мутобиқи он прокуратура бояд ба мавқеи табиии худаш, ҳамчун ҷузъи низоми адолати судӣ баргардонида шавад. Тибқи ин Консепсия прокуратура мақомоти мусоидаткунанда ба амалисозии адолати судӣ мебошад ва бинобар ин вазъи ҳуқуқии он дар боби 7 м. 129 Конститутсияи ФР «Ҳокимияти судӣ» танзим шудааст.

Бо назардошти нуктаи мазкур муҳаққиқон В.Б. Алексеев ва К.Е. Колибаб менависанд, ки «мафҳуми ҳокимияти судӣ танҳо бо мақомоти амаликунандаи адолати судӣ маҳдуд намешавад, ин мафҳум мақомоти прокуратураро низ дар бар мегирад. Ваколатҳои прокурор бештар ба доираи ҳокимияти судӣ дохиланд, ҷудо кардани онҳо аз ҳокимияти судӣ, вақте ки бо чораҳои мушаххаси прокурорӣ барқарор намудани қонуният ва вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ пешгирӣ карда мешавад, нодуруст аст. Прокуратура ҳамчун мақомоти универсалии назоратӣ-контролӣ ба амалӣ намудани функсияҳои адолати судӣ мусоидат менамояд»[87].

---

[84] Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи тағйирот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 28 декабри соли 2016, №218. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.gov.kg/?page_id=263&lang=ru (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

[85] Конститутсияи Гурҷистон аз 24 августи соли 1995. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.refworld.org (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

[86] Қонуни Гурҷистон «Дар бораи прокуратура» аз 21 октябри соли 2008, № 382-Пс. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://matsne.gov.ge/ru (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҷанбаи дигари ҳамин консепсия вуҷуд дорад, ки тибқи он муттаҳид кардани ҳокимияти судӣ ва прокурорӣ ба ҳокимияти ягона кӯшиш карда шуда, истилоҳи «ҳокимияти судӣ-прокурорӣ» ворид карда шудааст[88].

Муҳаққиқ М.С. Шалумов консепсияи болозикрро мавриди интиқод қарор дода, менависад: «аломатҳое, ки муаллифони консепсияи зикршуда овардаанд, прокуратураро ҳамчун мақомоти ҳокимияти судӣ муаррифӣ намекунанд, мақомоти прокуратура ба низоми судҳо ворид шуда наметавонад, прокурорҳо бошанд, ба судҳо итоат намекунанд ва ҳисоботдиҳанда ҳам нестанд»[89].

В.С. Афанасев м. 129 Конститутсияи ФР-ро, ки дар бораи прокуратура аст, тафсир намуда менависад, ки «меъёри тафсиршаванда гарчанде дар боби ҳокимияти судӣ мавҷуд мебошад, прокуратураро субъекти ин ҳокимият намекунад, зеро мутобиқи м. 118 Конститутсияи ФР танҳо суд метавонад субъекти ин ҳокимият бошад»[90].

4. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳое мавҷуданд, ки тибқи онҳо ба ғайр аз се шохаи ҳокимият, ки дар Конститутсия мустаҳкам карда шудаанд, яъне қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ боз ҳокимияти контроли (назорати)-ро пешниҳод менамоянд, ки ба низоми он Суди конститутсионӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Палатаи ҳисоб ва Прокуратура ворид карда мешаванд. В.Е. Чиркин қайд менамояд, ки «…мақомоти болоии контролӣ-назоратии давлат, мақоми ҳуқуқии махсус доранд, онҳо дар амалигардонии функсияҳои худ мустақиланд, аз ҷиҳати бунёдӣ муташаккил буда, дорои ваколатҳои махсуси ҳокимиятӣ мебошанд, фазои номаҳдуди татбиқ намудани ин ваколатҳоро доранд (тафтишот мебаранд, назорат мекунанд, санҷиш

[87] Алексеев В.Б., Колибаб К.Е. Процессуальный статус прокуратуры и судебная власть // Организация управления в органах прокуратуры: сб. ст. – М., 1998. – С. 95-96.
[88] Багдасарян А.В. Государственно-правовой статус прокуратуры в Республике Армения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1995. – С. 4.
[89] Шалумов М.С. Проблемы функционирования российской прокуратуры в условиях формирования демократического правового государства: дис. ... д-ра. юрид. наук. – Екатеринбург, 2002. – С. 46.
[90] Научно-практически комментарии к Конституции Российской Федерации / Отв. ред. В.В. Лазарев. М.: Изд-во «Спарк», 1997. – С. 549.

мегузаронанд, ҳолати корро меомӯзанд ва аз натиҷаи кори худ ба дигар мақомоти давлатӣ, ки қарор қабул карда метавонанд, хулоса пешниҳод менамоянд)»[91]. Олими номбурда қайд менамояд, ки чор намуди ҳокимияти назоратӣ-контролӣ мавҷуд аст: а) назорати ба Конститутсия мувофиқ будани қонунҳо (Кумитаи назорати конститутсионӣ, Суди конститутсионӣ ва Шӯрои конститутсионӣ); б) назорати умумии қонуният (прокуратура); в) назорати риояи ҳуқуқи инсон (омбудсменҳо, ҳуқуқҳифзкунандагони халқӣ); г) назорати молиявӣ (назоратчиёни генералӣ, аудиторҳои генералӣ, Палатаи ҳисоб ва ғ.).

Консепсияи мазкурро дастгирӣ намуда Г.В. Антонов – Разумовский чор зинаи назоратро дуруст меҳисобад ва дар навбати худ қайд менамояд, ки «зуҳур намудани камбудии муҳимми умумии назорат дар ҳамаи зинаҳо ва манфиатдории махсуси субъект барои ҳал намудани ҳолати мунохишавии ҳуқуқӣ, барои дар давлати демократӣ ташкил намудани зинаи панҷумии «бетараф»-и назоратӣ, мусоидат менамояд. Ин зинаи назоратиро, назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти мустақил – прокуратура, ки назоратро доимӣ ва ҳамаҷониба ташкил менамояд, арзёбӣ кардан мумкин аст»[92].

Андешаи болозикрро ҷонибдорӣ намуда, муҳаққиқони қазоқ М.С. Нарикбаев, Г.К. Утибаев ва М.М. Алиев қайд кардаанд, ки «илми назорати прокурорӣ консепсияи мукаммали ифодакунандаи ҷанбаи ҳокимияти прокурориро надорад, ибораи ҳокимияти прокурорӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ кам истифода карда мешавад. Дар назарияи ҳуқуқ ва давлат ҳокимияти прокурорӣ ҳамчун ҳокимияти контролӣ-назоратӣ муайян карда мешавад. Аз ҷиҳати сохтор ҳокимияти прокурорӣ се аломати бо ҳам пайвастаро муттаҳид менамояд: аввал – императивӣ будани ҳокимияти прокурорӣ (аз номи давлат баромад менамояд ва талаби ӯ – талаботи намояндаи ҳокимият аст); аломати дуюм, - диспозитивӣ будани ҳокимияти прокурорӣ (ҷой доштани ваколатҳои

[91] Чиркин В.Е. Контрольная власть // Государство и право. – 1993. – № 4. – С. 11-17.
[92] Становление правового государства в Российской Федерации и функции прокуратуры // Государство и право. – 1994. – № 5. – С. 22-23.

маъмурӣ, имконияти роҳбарӣ намудан, роҳ нишон додан барои тартиби бартараф намудани вайронкунии қонунҳо); сеюм, ҷанбаи ҳамгирой доштани ҳокимияти прокурорӣ (прокуратура метавонад ҳамаи воситаҳои таъмин намудани қонуниятро истифода намояд) ба туфайли онҳо тартиботи ҳуқуқӣ мустаҳкам карда мешавад»[93].

Ақидаи ба ҳамин монанд, аммо шарҳу тафсири андаке дигаргунадоштаро пажуҳишгар Г.С. Сапаргалиев пешниҳод намудааст, ки мутобиқи он «мақомоти прокуратура низоми ягонаи марказонидашуда, аз ҷиҳати ташкилӣ итоати амудӣ дошта, бо се хусусият фарқ менамояд: а) низоми марказонида имконият медиҳад, ки аз дигар мақомоти давлатӣ махсус ва муташаккил бошад; б) прокуратура ваколатҳои худро новобаста аз дигар мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдори онҳо амалӣ менамояд; в) прокуратура танҳо ба Президент итоат намуда (дар мисоли Ҷумҳурии Қазоқистон), қисми муҳимми дастгоҳи давлатӣ мебошад ва дар доираи ваколатҳои худ аз номи давлат баромад менамояд»[94].

Андешаи зикргардидаи муҳаққиқ мазмунан мустақил будани мақомоти прокуратураро аз дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад. Мавқеи олимони ватанӣ низ нисбат ба мустақилии мақомоти мазкур ба шохаи муайяни ҳокимияти давлатӣ шомил набудани он ба назар мерасад. Муҳаққиқони ватанӣ ба монанди З.Ҳ. Искандаров[95], З.М. Соибов[96], И.Т. Маҳмудов[97] ва С.А. Исмоилзода[98] мақомоти прокуратураро чун мақомоти мустақил ва дорои мақоми махсус муайян намудаанд.

---

[93] Иқтибос аз Шокатаев С. Статус прокуратуры и её место в системе государственных органов. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.zakon.kz/203719 (санаи муроҷиат: 15.11.2021).

[94] Сапаргалиев Г.С. Место и роль прокуратуры в механизме государства Казахстан // Проблемы совершенствования прокурорского надзора на современном этапе: сб. докладов конфер. – Астана, 1999. – С. 235-242.

[95] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь. – 2017. – №4. – С. 65.

[96] Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 53.

[97] Махмудов И.Т. К вопросу о месте прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013. – №3. – С. 83.

[98] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. Ҳуқуқ. Душанбе, 2023. – С. 12.

Мо чунин муносибатро дар мавриди мақоми ҳуқуқии прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунем, ки дар асоси муқаррароти м. 15 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» прокуратураи ҶТ мақоми ҳуқуқии ҳокимияти давлатии хусусияти императивӣ ва диспозитивидоштаро дорад, ки аз мақомоти қонунгузор – МО ҶТ ва Президенти мамлакат бармеояд.

5. Мутобиқи консепсияи ҳокимияти прокурорӣ – прокуратура бояд ҳамчун шохаи мустақили чоруми ҳокимияти давлатӣ шинохта шавад. Муаллифони ин ақида қайд менамоянд, ки дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, ки инкишоф ва дифференсиатсияи (тақсими) фаъолияти мақомоти давлатиро тақозо менамояд, масъалаи  мустақил будани ҳокимияти прокурориро ба ҷойи аввал гузошта, ғояи аз байн бурдани назоратро инкор менамояд[99]. Ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда И.В. Велиев қайд намудааст, ки «рушди ҳокимияти прокурорӣ ба принсипҳои амалигардонии давлати ҳуқуқбунёд мувофиқ буда, дар ҳамаи самтҳои фаъолияти давлатдорӣ қонуниятро таъмин ва ба вайроншавии он роҳ намедиҳад. Бинобар он, мувофиқат накардани шумораи шакли фаъолияти давлатӣ ва намудҳои ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби эътироф намудани фаъолияти прокурорӣ ҳамчун шохаи чоруми ҳокимият бартарафшаванда мебошад»[100].

Албатта ба ин гуфтаҳои муҳаққиқ ҳамроҳ шудан мумкин аст, аммо ба андешаи мо, дар давраи гузариш ба давлати ҳуқуқбунёд ва пойдории он, принсипи тақсими ҳокимият, ки м. 9 Конститутсияи ҶТ муқаррар кардааст, бояд пурра вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо иҷро намуда, гузаришро ба давлати демократии ҳуқуқбунёд таъмин намояд. Бинобар ин, барои Тоҷикистони муосир масъалаи таъсиси ҳокимияти прокурорӣ ҳамчун шохаи мустақили чоруми ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз бармаҳал аст.

---

[99] Гницевич А.Е. Роль прокуратуры в формировании социалистического правового государства // Правовая реформа и проблемы ее реализации: Мат. региональн. науч.-практ. конф. – Краснодар, 1989. – С. 65-66.
[100] Велиев И.В. Место прокуратуры в системе органов государственной власти Российской Федерации // Современное право. – 2005. – № 10. – С. 44.

Хамин тариқ, прокуратура – мақомоти махсуси мустақил аз дигар шохаҳои ҳокимият мебошад, ки амалкарди муътадили принсипи боздорӣ ва мувозинатро амалӣ менамояд. Дар ин ҷо бояд ёдовар шавем, ки «… принсипи тақсими ҳокимият бо тарзи худкор аз пеши худ амалӣ намегардад, он ба воситаҳои таъминкунандаи дар намуди муайян кардани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳо дар низоми боздорӣ ва мувозинат ниёз дорад, зеро мақсади мақоми мазкур, аз рӯйи таъйиноти бунёдии худ манъ намудан, буридани роҳи суистифодаи ҳокимият, худсарӣ ва авторитаризм мебошад»[101].

Бояд тазаккур дод, ки проблемаи баррасишаванда мавзуи омӯзиш ва пажуҳиши муаллифони ватанӣ, ба монанди А.И. Имомов, А.М. Олимов, М.Н. Халифаева ва дигарон қарор гирифтааст[102], ки хулосаҳои онҳоро бинобар мавқеи конститутсионӣ доштанашон мо ҷонибдорӣ менамоем. Дар натиҷа, якҷоя бо муаллифони ватанӣ қайд менамоем, ки аз консепсияҳои дар боло овардашудаи муайянсозии ҷойгоҳи прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ба андешаи мо, бештар ба мақсад мувофиқтараш он аст, ки прокуратура ба ягон шохаи ҳокимиятӣ шомил нест, аммо дар сохтори тақсимоти ҳокимият арзи вуҷуд намуданаш тақозо менамояд, ки ҷойгоҳи он муайян карда шавад. Аз ин рӯ, Конститутсия эҷодкорона рафтор намуда, ҷои онро ҳамчун мақомоти мустақили давлатӣ дар низоми ҳокимият ва мақомоти дигари давлатӣ, дар боби алоҳида муайян намудааст.

Дар Конститутсияи ҶТ, Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», ҶТ, Кодекси мурофиавии граждании ҶТ (минбаъд КМГ) ва дигар санадҳои қонунгузории миллӣ бо таври мушаххас мақсад, вазифаҳо, функсия ва ваколатҳои прокуратура ва ҷойгоҳи он дар низоми мақомоти давлатӣ муайян карда шудааст. Инро ба назар гирифта ёдовар мешавем, ки прокуратура пеш аз ҳама, мақомоти мустақили давлатӣ мебошад, ки риояи

---

[101] Полянский И.А., Комарова В.В. Реализация принципа разделения властей в Российской Федерации // Юрист. – 2000. – № 12. – С. 2.

[102] Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Матбуот», 2007. – С. 425; Олимов М.М. Место и задачи органов прокуратуры по защите прав граждан в Республике Таджикистан // Законность. – 2009. – № 1. – С. 82-85; Халифаев М.Н. Место и роль органов прокуратуры в современном обществе: взгляды и тенденции // Законность. – 2009. – № 1. – С. 101-106.

дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро назорат менамояд. Ин намуди фаъолият махсус буда, аз номи давлат амалӣ карда мешавад, дигар ягон мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ, ташкилот ё муассиса, шахси воқеӣ ё шахси мансабдор ҳуқуқи амалӣ кардани назорати давлатиро дар ин самт надорад[103].

## 1.3. Мазмуни муосири назорати прокурорӣ ва таносуби он бо мафҳуми «назорат»-и иҷрои қонунҳо

Таносуби мафҳумҳои «назорати прокурорӣ» ва «назорати иҷрои қонунҳо»-ро пеш аз ҳама, дар меъёрҳои Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», ки мавзуъ ва ҳудуди назорати прокурориро танзим намудааст, ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Бояд дар назар дошт, ки Қ.к. мазкур мафҳуми назорати прокурориро надодааст, ҳарчанд ки дар аксар меъёрҳои он сухан дар хусуси назорат меравад. Аз ин рӯ, олимон ва муҳаққиқон саъю кушиш мекунанд, ки аз ҷиҳати илмӣ дидгоҳи худро ба ин падида муайян намоянд.

Масалан, ба андешаи В.В. Воронин «назорати прокурорӣ – ин зуҳуроти мустақили ҳуқуқӣ мебошад, ки аз дигар намудҳои фаъолияти контролӣ фарқ менамояд. Он мазмуни махсуси худро дошта, қонуниятро ҳамчун мақсад, восита ва принсипи фаъолияти прокурорӣ ташкил менамояд»[104]. Аммо, барои кушодани мазмуни ин мафҳум муайян намудани предмети назорати прокурорӣ муҳим аст ва дар м. 23 Қ.к. зикргардида предмети назорати умумӣ ба тариқи зайл муайян карда шудааст: а) назорат ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои ҶТ, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои

[103] Деменкова Е.В. Прокуратура в системе органов государственной власти // Государство и право в XXI веке: – 2016. – № 1. – С. 58-63.
[104] Воронин О.В. О современном содержании прокурорского надзора // Вестник Томского госуниверситета. Право. – 2012. – №4 (6). – С. 14-25.

дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шаклҳои моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқат намудани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд; б) назорат ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз ҷониби ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сарсатри якуми м. мазкур нишон дода шудаанд; в)  назорати қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи мақомоте, ки ба баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, парвандаҳо, маводҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ барои баррасӣ дар судҳои иқтисодӣ, ба истиснои қарорҳои суд ваколатдоранд; г) назорати риояи қонунҳое, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ, байналмилалӣ, ҳифзи муҳити зист, гумрук, андоз ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мансуб мебошанд.

Дар ин меъёри Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», ба андешаи мо функсияҳои назоратии мақомоти прокуратура оварда шудааст ва предмети назорат бошад дар ду самти муайяннамудаи ҳамин меъёр дида мешавад: а) назорати риояи қонунҳо; б) назорати ба қонун мутобиқ будани санадҳои субъектони зериназоратӣ.

Дар қ. дуюми меъёр предмети назоратро қонунгузор назорати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян намудааст, ки он арзиши олӣ эътироф гардида, дар меъёри алоҳидаи Конститутсияи ҶТ (м. 5) мустаҳкам карда шудааст.

Дар қ. сеюм чунин предметҳои назорат мустаҳкам карда шудааст: а) назоратӣ – қонунӣ будани қарорҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (нобобоста аз субъекти онро баррасикунанда); б) парвандаҳо, маводҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ барои баррасӣ дар судҳои иқтисодӣ, ба истисноi қарорҳои суд.

Дар қ. чорум бошад предметҳои зерин: а) риояи қонунҳо марбут ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ; б) қонунҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; в) қонунҳо марбут ба фаъолияти мақомоти гумрук ва андоз; г) қонуният марбут ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

Предмети назорати прокурориро, ки мо дар меъёри номбурда пайдо намудем бо хусусиятҳои зерин фарқ намудан мумкин аст: 1) бо доираи субъектони зериназоратӣ; 2) бо санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо қабул менамоянд; 3) бо муносибатҳои ҳуқуқие, ки онҳо ворид мешаванд.

Предметҳои дар боло зикргардида ва таснифоти онҳо бо предмети асосӣ – назорати риояи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ муттаҳид карда мешаванд, ки функсияи асосии прокуратура – назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон амалӣ менамояд. Ин функсия хусусияти ҳокимиятии давлатиро доро буда, он ифодакунандаи аз номи давлат фаъолият намудани прокуратура мебошад.

Дар марҳилаи муосири рушд ва инкишофи мақомоти прокуратура масъалаи гузоштани тафовут ва алоқамандӣ миёни назорат ва контрол дар самти назорати умумии ин ниҳод яке аз масоили асосӣ ҳисобида мешавад. Дар мадди аввал масоили мазкур дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ин самтҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба танзим даровarда мешаванд, хело зиёд мушоҳида мегардад. Иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (зерқонунӣ) дар соҳаҳои номбурда аз ҷониби шумораи зиёди мақомоти марбутаи давлатӣ (контролӣ) назорат карда мешаванд. Дар чунин маврид прокуратура ҳамчун муайянкунанда, нишондиҳанда ва ислоҳкунандаи камбудиҳо, хатогиҳои санадҳои зерқонунӣ ва амалӣ баромад намуда, вазифаи роҳандозӣ (роҳбарӣ)-ро иҷро мекунад. Ин ҳолатро Ю.И. Скуратов хеле ҷолиб қайд намудааст: «дар шароити мавҷуда нақши «дастаи оташнишонӣ» ва «ҷубронкунанда»-и заиф (суст)-ии низоми контрол ва назорати вазъи қонуниятро бозидани прокуратура ва бар замми ин, одати муқарраршуда – кор кардан ба ҷойи дигарон ба он оварда расонидааст, ки прокуратура дар аксар маврид ягона «охирин» масъул (ҷавобгӯ)-и ҳамаи нобарориҳо, нуқсон (иллат)-ҳои қонунияти кунунӣ ба назар мерасад»[105]. Ин гуфтаҳо бори дигар тасдиқ менамоянд, ки барои

[105] Скуратов Ю.И. Концептуальные вопросы развития прокуратуры в период правовой реформы в Российской Федерации // Законность. – 1997. –№ 3. – С. 7.

муайян намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура таҳқиқ намудани масоили алоқамандӣ ва фарқияти «назорат» ва «контрол» муҳим буда, баррасии масоили таносуб ва тафовути онҳо на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалиро низ соҳиб мебошад.

Дар назари аввал мафҳумҳои луғавии рӯзмарраи калимаҳои «назорат» ва «контрол» ҳаммонанд буда, мушоҳида, мушоҳидаи доимӣ бо мақсади санҷиш (аз болои касе ва чизе), риоя шудани қоидаҳоро ифода менамояд[106]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба алоқамандӣ, шабоҳат, мустақилият ва фарқияти ин мафҳумҳо ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Як гурӯҳи олимон тасдиқ менамоянд, ки «назорат» намуди мустақили фаъолияти давлатӣ мебошад ва аз «контрол» фарқ дорад[107], гурӯҳи дигари олимон қайд менамоянд, ки «назорат» як намуди «контрол» мебошад[108], гурӯҳи сеюми муҳаққиқон мавқеи мобайниро ишғол намуда, дар хусуси фаъолияти контролӣ-назоратии прокуратураи замони муосирро қайд менамоянд[109].

Масалан, муҳаққиқ Л.А. Николаева барои аз ҳамдигар ҷудо намудани мафҳумҳои «назорат» ва «контрол» маҳакҳои зеринро пешниҳод менамояд: «а) вазифаи асосии (бунёдии) мақомот; б) хусусияти ваколатҳои мақомоти дахлдори «назорат» ва «контрол»; в) мавқеи (ҷойи) ишғолнамудаи ҳар кадоми ин ниҳод дар низоми мақомоти давлатӣ». Муаллиф қайд менамояд, ки «азбаски вазифаи асосии прокуратура таъмини риояи дақиқ ва иҷрои бенуқсони қонунҳо мебошад, бинобар он фаъолияти субъектони зериназоратӣ аз нуқтаи назари қонуният баҳо дода мешавад. Вазифаи дигари мақомоти контролӣ бошад, аз санҷидани ҳолати воқеии иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баҳодиҳии сифат ва ҳаҷми натиҷаҳои фаъолият иборат мебошад. Барои ислоҳ намудани камбудиҳои ошкоргардида мақомоти мазкур метавонанд муҷозоти маъмурӣ татбиқ намоянд, ки прокуратура ин

[106] Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. - 3-е изд., стер. – М.: АЗЪ, 1996. – С. 286, 371.
[107] Рохлин В.И. Прокурорский надзор и государственный контроль. – СПб.: «Юридический центр Пресс», 2003. – С. 167.
[108] Контрольные органы и организации России: Учебник / Под ред. А.П. Гуляева. – М., 2000. – С. 7.
[109] Конин Н.М. Административное право России. – М.: Юристъ, 2004. – С. 234-235.

намуди ваколатро доро намебошад. Ҳамзамон, прокуратура мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ махсуб ёфта, мақомоти контролӣ бошад, ба низоми мақомоти идоракунии давлатӣ шомил аст»[110].

Дар ин ҷо тазаккур додан бамаврид аст, ки дар замони аз тарафи олим навишта шудани ин сатрҳо (соли 1975) дар низоми ҳуқуқии ИҶШС падидаи адлияи маъмурӣ вуҷуд надошт ва дар замони муосир, ки ин падида дар илм ба вуҷуд омада, рушд намуда истодааст ва тибқи он прокурор метавонад нисбати вайронкунандагони қонун ба суд даъвои маъмурӣ-муҷозотӣ пешниҳод намояд[111]. Аз ин лиҳоз, дар замони муосир ҳангоми пешбурди назорати умумӣ прокуратура ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ аз дастгоҳи чораҳои контролӣ-таъсиррасонӣ истифода бурда метавонад ва ин ҳолат мақоми маъмурӣ-ҳуқуқӣ доштани онро ифода менамояд.

Олимони дигари замони шуравӣ С.Г. Новиков ва М.Ю. Рагинский дар замони худ қайд намуда буданд, ки «моҳияти прокуратура ва фарқи он аз дигар мақомоти давлатӣ дар он аст, ки дар аввал – он функсияҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ (идорӣ) ё судиро надорад, дуюм, бевосита ба фаъолияти фаврӣ-хоҷагӣ ё ташкилии мақомоти дигар, ки зери назорат қарор дорад, мудохила карда наметавонад, сеюм, фаъолият ё санади мақомоти зеринազоратии идориро аз нуқтаи назари мақсаднокии амалӣ баҳогузорӣ намекунад, фақат назорат мебарад, то ки ин мақомот ва шахсони мансабдори он қонунҳоро иҷро намоянд ва ба камбудӣ роҳ надиҳанд»[112].

Ба андешаи мо, гуфтаҳои олимони номбурда низ дар замони муосир ҷанбаи мубрам надорад, зеро фаҳмиши ҳуқуқӣ вобаста ба функсияи давлат тағйир ёфта, ҷанбаи ҳифзи ҳуқуқро гирифтааст, ки дар қ. 2 м. 5 Конститутсияи ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Аз ин лиҳоз, функсияи мақомоти он, аз ҷумла прокуратура низ тағйир ёфта, дар ҷараёни пешбурди

[110] Николаева Л.А. Соотношение прокурорского надзора и государственного контроля. Вопросы теории и практики прокурорского надзора. Ч.1. – М., 1975. – С. 164-166.
[111] Дар ин бора муфассал ниг.: Иброҳимов С.И. Административная юстиция в Таджикистане и государств Центральной Азии: концептуальные подходы. – Душанбе: «Дониш», 2015. – С. 620.
[112] Новиков С.Г., Рагинский М.Ю. Прокуратура в системе советского государственного аппарата // Правоведение. – 1974. – № 3. – С. 45.

функсияи асосӣ-назоратӣ, боз дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок менамояд, ариза ва шикоятҳои шаҳрвандонро баррасӣ ва ҳал менамояд, ба мақомоти зериназоратӣ дар кадом самт таъмин намудани қонуният, тартиби ислоҳ намудани хатогиҳои дар санадҳои онҳо ошкоргардидаро тавсия медиҳад ва роҳандозӣ менамояд, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки шомили ҳокимияти маъмурӣ мебошанд дар мубориза бо ҷинояткорӣ ҳамоҳанг месозад, барои татбиқи адолати судӣ мусоидат менамояд. Зиёда аз он, дар асоси қ. 2. М. 14 Конститутсияи ҶТ қайд менамоем, ки прокуратура ҳуқуқи баҳо додан ба мақсаднокии санади қабулшаванда амал (беамалӣ)-и мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдори он, вобаста ба иҷрои қонунро дорад. Ҳамаи ин вижагиҳои муосири предметӣ-функсионалии прокуратураро ҷанбаи ташкилӣ-идорӣ доранд, яъне вазъи маъмурӣ-ҳуқуқидошта арзёбӣ намудан мумкин аст.

Муҳаққиқон В.Г. Даев ва М.Н. Маршунов пешниҳод менамоянд, ки мафҳумҳои «назорат» ва «контрол»аз рӯйи аломатҳои зерин фарқ карда шаванд: а) бо муносибати онҳо ба предмети худ; б) нисбат ба худи предмет умуман; в) аз рӯйи ҳудуд (сарҳад)-и санҷишҳои назоратӣ ва контролӣ. Ба ғайр аз ин муаллифон таъкид менамоянд, ки назорат дар фарқият аз контрол «... ҳама вақт аз тарафи мақомоти беруна нисбат ба объектҳои низоми дигар амалӣ карда мешавад, контрол бошад, метавонад дар дохили низом амалӣ карда шавад. Назорат ҳудуд (сарҳад)-и қаблан муайяншудаи фаъолияти назоратиро дорад, самти контрол бошад маҳдуд нест. Предмети назорат мумкин аст фаъолияти худи мақомоти контролӣ бошад, аммо контрол аз болои назорат шуда наметавонад»[113].

Дар ин радиф олим Х. Ойев қайд намудааст, ки контрол ва назорат фишангҳои асосөии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, бидуни онҳо расидан ба ҳадафҳои дар м. 10 Конститутсияи

---

[113] Даев В.Г., Маршунов М.Н. Основы теории прокурорского надзора. – Л., 1990. – С. 42-43.

ҶТ пешбинигардида – доштани эътибории олӣ ва мустақиман амал намудани он ғайриимкон мебошад.

Инчунин, муаллиф иброз доштааст, ки контрол ва назорат, ки бо як қатор хусусиятҳо аз ҳамдигар тафовут доранд, ҳаммаъно нестанд ва дар асоси қонунҳои соҳавии мақомоти контролӣ мазмун ва муҳтавои онҳо яксон оварда шудааст.

Қайд гардидааст, ки гурӯҳи олимон ба мисли Ю.М. Козлов, Ю.А. Дмитриев, И.А. Полянкский, Е.В. Трафимов ва ғ. контроли давлатӣ ва назорати давлатиро фишангҳои асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ ҳисобидаанд.

Гурӯҳи дигари олимон Д.Н. Бахрах, Б.В. Россинский, Ю.А. Старилов фишанги асосии таъмини реҷаи қонуниятро назорати давлатӣ – шакли махсусгардонидашудаи контроли давлатӣ аз болои фаъолияти идораҳо, шаҳрвандон ва ғ. ҳисобида, онро контроли маҳдудкардашудаи судӣ, прокурорӣ ва маъмурӣ ҳисобидааанд .

Зимнан ёдрас менамоем, ки мафҳумҳои контрол ва назорат дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ ҳамчун мафҳумҳои баробарвазн ифода ёфта, дар як радиф гузошта шудаанд, вале ин ду мафҳум аз лиҳози моҳият, таъйинот, мақсадҳо, шаклҳо ва намудҳо аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд.

Ё ин ки, барои дақиқтар муайян намудани ин фишангҳо олимон умумият ва фарқиятҳои ин ду мафҳумро қайд намудаанд.

Чунончи, ҳар ду унсурро ҳамчун функсияи алоҳидаи идоракунии давлатӣ номида, контролро мазмунан шакл ва усули ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, на танҳо фишанги асосии таъминкунандаи қонуният ва интизом, инчунин таъминкунандаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми идоракунии давлатӣ ҳисобидаанд.

Контрол ин низом, силсилаи мушоҳида ва санҷишҳои раванди фаъолияти объекти идоракунӣ бо мақсади набаромадани (дур нашудани) он аз доираи вазифаҳо, салоҳиятҳо ва нақшаҳои худ мебошад, ки дар акси ҳол

метавонад боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ба вуҷуд овардани омилҳои коррупсионӣ гарданд.

Моҳияти контролро аз болои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Х. Ойев аз ҷониби мақоми босалоҳият бо истифода аз воситаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ маълум ва ошкор намудани ҳолатҳои вайронкунии қонуният ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бо мақсади риоя намудани қонунгузорӣ, таъмини сарфаҷӯёнаи воситаҳои молию пулӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунӣ аз ҷониби мақомоти иҷроия ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори он шарҳ додааст.

Тафовути контролро аз назорат дар а) бурдани мушоҳидаи доимӣ аз болои фаъолияти ва амалҳои объекти зериконтролӣ; б) ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва боэътимод дар бораи вазъи қонуният ва интизом; в) тадбирандешӣ оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани вайронкунии қонуният ва интизом; г) ошкор кардани сабаб ва шароитҳои ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда; ва д) тадбирандешии чораҳои ҷазои интизомӣ нисбат ба шахсони гунаҳкор дарҷ намудааст.

Инчунин, хусусиятҳои дигари дар байни онҳо фарқиятгузорандаро чунин муайян намудааст: 1) дар контрол аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ итоаткунанда ё ба мақомоти контролӣ мансуб будани объекти зериконтролӣ; 2) дар бар гирифтани объекти контрол дар фаъолияти объекти зериконтролӣ натанҳо масъалаи қонуният, инчунин мақсаднокии фаъолият, яъне дахолат ба фаъолияти маъмурию хоҷагӣ ва тағйир додани самти фаъолияти он; 3) доштани субъекти контрол салоҳияти бекор кардани қарорҳои зериконтролӣ (итоаткунанда), ба ҷойи охирин қабули қарор ё вазифадор намудани ӯ дар хусуси аз нав қабули қарори дигар; 4) аз ҷониби мақоми контрол нисбат ба зериконтролӣ ҳуқуқи татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонии интизомӣ то ҳадди аз вазифа сабукдӯшнамоӣ ва 5) доштани субъекти контрол дар таҳия ва қабули тадбирҳо баҳри бартараф кардани сабабу шароитҳои ба вайронкунии қонуният ва интизом боисшуда, яъне таҷдиди назар намудани

сохтори низоми идоракунии объекти котролӣ, якҷоянамоӣ, барҳамдиҳӣ, муттаҳидсозӣ, ихтисорнамоӣ, қатънамоӣ ва ё тағйирдиҳии маблағгузорӣ ва ғ.[114]

Дар фаъолияти назоратӣ бошад алоқамандии идорӣ аз ҷиҳати шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ байни объект ва субъекти назорат ҷой надошта, субъект танҳо ҳуқуқи дар назди худи мақоми зериназоратӣ ва ё болоии он масъалагузорӣ оид ба бекор кардани қарор, аз нав қабул намудани қарори дигар, инчунин чораҳои таъсиррасонии интизомӣ то сабукдӯш намудан аз вазифа ва бартараф кардани сабабу шароитҳои ба вайронкунии қонуният ва интизом мусоидаткунандаро дорад.

Шаклҳои фаъолияти контролиро дар намуди шунидани ҳисоботҳо, маълумотҳо, дархостҳо, гузаронидани санҷишҳо, ташхисҳо (экспертиза), мушоҳидаҳо, омӯхтани фаъолияти корӣ, касбӣ, номзадҳо ба мансабҳои давлатӣ, баррасии аризаҳо, шикоятҳо, ҳамоҳангсозӣ ва ғ. баён намуда, контролро вобаста ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи он ба берунӣ ва дохилинизомӣ; вобаста ба таҷзияи ҳокимият ба контроли президентӣ, контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ), контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия, контроли судӣ; вобаста ба ҳолат, вазъи қарордоштаи фаъолияти объекти зериконтролӣ ба пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда ҷудо намудаанд.

Ҳамчунин, назорати давлатиро ҳамчун яке аз усулҳои таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ маънидод намуда, онро ба назорати маъмурӣ ва назорати прокурорӣ ҷудо намуда, дар навбати худ назорати прокурориро яке аз намудҳои он донистаанд, ки мо низ тарафдори ин фикри олим ҳастем. Илова менамоем, ки назорати давлатӣ дар навбати худ бо ду мазмун – васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Назорати давлатӣ дар мазмуни васеъ ҳама гуна назорати аз ҷониби ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро инъикос намуда, дар мазмуни маҳдуд бошад, танҳо назорати аз

[114] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ.1). – Душанбе, 2013. – С. 208.

ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ амалишавандаро ифода менамояд.

Муҳаққиқи ватанӣ З.М. Соибов дар рисолаи илмии худ фарқияти миёни контрол ва назоратро бо назардошти маҳакҳои зерин муайян намудааст: 1) вобаста ба тобеияти объектони контролшаванда ва назоратшаванда; 2) вобаста ба доираи амалишавиашон; 3) вобаста ба самтҳои таъсиррасонӣ; 4) вобаста ба қабули тадбирҳо (чораҳо); 5) вобаста ба мақсадашон; 6) вобаста ба хусусияти амалисозӣ; 7) вобаста ба субъекти амаликунанда[115].

Дар алоқамандӣ бо тафовути падидаҳои мазкур муҳаққиқ иброз менамояд, ки «аз мазмуни воқеии контрол бармеояд, ки он нисбат ба мафҳуми назорат васеътар буда, фарогири самтҳои гуногун бо татбиқи чораҳои мухталиф мебошад»[116].

Умуман саволе ба миён меояд, ки худи фишангҳои таъминкунандаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ – контрол ва назорат, бо ҳама гуна тавофут ва монандии ҳамдигарӣ ба давлату мардуми мо чи зарурат дорад, чунки дар давлатҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА ва давлатҳои Аврупо, ки назорат мавҷуд нест ва аз контрол низ даст кашида истодаанд. Ба назари мо, масъалаи мазкур табиати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мафкуравӣ-фарҳангӣ дорад. Ин ҳолат бо сабабҳои объективӣ – гузариш аз шакли идоракунии давлатии сотсиалистӣ ба демократӣ, аз низоми иқтисодии нақшавӣ ба бозаргонӣ, ҳамчунин оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, паст гардидани маърифати шаҳрвандон, бахусус маърифати ҳуқуқии онҳо, яъне дар чунин сатҳи тараққиёт қарор доштани кишвар тақозо менамояд, ки аз фишангҳои назорат ва контрол алоқаманд аст.

Муаллифони дигар қайд менамоянд, ки мафҳуми контрол нисбат ба мафҳуми назорат ҳаҷман васеътар мебошад, зеро контрол имконияти аз

[115] Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 328
[116] Соибов З.М. Асари ишорашуда. – С. 329

тарафи мақомоти болоии контролӣ ислоҳ намудани камбудиҳои пайдонамударо дар бар гирифта метавонад. Лекин дар амалия, мақомоти прокуратура низ зимни амалисозии назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ ё муассисаҳои ислоҳӣ, ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо истифода аз ваколатҳои ҳокимиятии худ қонунвайронкуниҳои ошкорнамударо ислоҳ намуда метавонанд[117], барои ислоҳ намудан роҳандозӣ ва натиҷаи онро бозбинӣ менамоянд.

Аммо, тибқи қоидаҳои умумӣ прокурор худаш наметавонад қонунвайронкуниро бартараф созад ва дар ин ҳолат бояд бо пешниҳод ба мақомоти болоии зериназоратӣ муроҷиат намояд, ё ин ки ҳолати ошкоргардидаро ба таври судӣ мавриди баҳс қарор диҳад. Ин ҷо, бояд қайд намуд, ки агар ислоҳ намудани камбудиҳо зарари моддӣ нарасонанд, ба оқибати баҳсӣ боис нашаванд ё ҳуқуқу озодиҳои дигаронро маҳдуд накунанд, ба андешаи мо, дар рафти назорати прокурорӣ нишон додани тарзу усули ислоҳ ва бартарафнамоии қонунвайронкунӣ, роҳбарӣ ба барқарор кардани қонуният, дар доираи ваколати прокуратура ва чорабинии ташкилию-ҳуқуқии фаъолияти прокуратура мебошад, ки амалияи ба таври фаврӣ (оперативӣ) ҳал намудани масоилро таъмин менамояд. Яъне, таркиби маъмурӣ – ҳуқуқии фаъолияти прокуратураро ифода менамояд.

Иддае аз муҳаққиқон ақидаеро ҷонибдорӣ менамоянд, ки тибқи он назорати прокурорӣ ҳамчун зуҳуроти мустақили ҳуқуқӣ аз контрол куллан фарқкунанда маънидод карда мешавад. Масалан, ба ақидаи О.В. Воронин «… назорати прокурорӣ – намуди ягонаи фаъолияти санҷишии оммавӣ мебошад, ки ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи доираи васеи субъектони зериназоратӣ, ки қисми зиёди онҳоро мақомоти оммавӣ, муассисаҳо ва шахсони мансабдор ташкил мекунанд, баҳои ҳуқуқӣ медиҳад»[118]. В.В.

[117] Судоустройство и правоохранительные органы в Российской Федерации / Под ред. Швецова В.И. – М., 1997. – С. 206 - 207.
[118] Воронин О.В. О современном содержании прокурорского надзора // Вестник Томского государственного университета. Право. – 2012. – №4 (6). – С. 15.

Клочков, тасдиқ менамояд, ки «… аз рӯйи табиати сиёсӣ ва ҳуқуқии худ назорати прокурорӣ, намуди асосии контроли олии давлатии иҷрои қонунҳо аз тарафи иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ буд ва боқӣ мемонад»[119]. Дар навбати худ муаллиф қайд менамояд, ки назорати мақомоти намояндагӣ ва судӣ шаклҳои махсусро дорад. Ӯ зикр мекунад, ки «Прокуратура ҷавҳари (меҳвар, асос)-и низомофарандаи контроли давлатӣ мебошад. Прокурор назорати иҷрои қонунҳоро дар мақомоти контролӣ ба роҳ монда, фаъолияти онҳоро муттаҳид ва босамар мегардонад, аз байн бурдани маҳалгароӣ ва таъсиррасонии идоравиро таъмин менамояд, онҳоро аз мансабдорони ба коррупсия омехта ва алоқаманд ба сохторҳои ҷиноятпеша пок месозад»[120]. Мо ин ақидаи муайянкунандаи ҷойгоҳи прокуратураро дар низоми мақомоти контролӣ-назоратӣ ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки фаъолияти муттаҳидкунанда ва фаъолсозандаи прокуратура дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мешавад. Яъне прокуратура бо истифода аз ваколатҳои худ ба объектҳои зериназоратӣ таъсир мерасонад, ки он ҷанбаи ташкилии маъмурӣ-ҳуқуқӣ дорад (роҳбарӣ, роҳандозӣ ва ғ.) ва бо ҳамин роҳ, мақсад ва функсияи идоракунии давлатиро амалӣ менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари олимоне низ мавҷуданд, ки дар бораи ҳаммонандии мафҳумҳои «назорат» ва «контрол» андеша баён намуда, робитаи анъанавии онҳоро дар амалӣ намудани принсипи қонуният ҳамчун метод (усул)-и амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ва низом (ҳолат)-и ҳаёти ҷамъиятӣ маънидод намудаанд. Масалан, Н.М. Чепурнова аломатҳои ба ҳам монанди назорат ва контролро чунин қайд намудааст - «Контрол – ин ҷузъи муҳимми ниҳоди идоракунии давлатӣ, назорат – тарзи таъмин намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатӣ мебошад»[121]. Дар бораи табиати ҳаммонанд доштани назорат ва

---

[119] Клочков В.В. Методологические вопросы организации и деятельности прокуратуры // Проблемы теории законности, методологии и методики прокурорского надзора: сб. науч. тр. / НИИ проблем укрепления законности и правопорядка. – Москва: Манускрипт, 1994. – С. 6-7.
[120] Адабиёти ишорашуда. – С. 7.
[121] Чепурнова Н.М., Чепурнов А.А. Государственный контроль и надзор в экономике как инструменты административно-правового регулирования и управления в России // Контроль и надзор в сфере

контрол Е.Ю. Егорова[122] ва муҳаққиқи ватанӣ И.Б. Буриев[123] низ ибрози ақида намудаанд.

Ҳамин тавр, вижагии назорати прокурорӣ, ба андешаи мо, ҳам дар тарз, усули татбиқи меъёри ҳуқуқ ва ҳам дар истифодаи таъсиррасонии назоратӣ-юрисдиксионӣ бо мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ зоҳир мегарданд, ки дар асл фишанги маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми татбиқи салоҳияти назоратии худ мақомоти прокуратура бавосита дар идоракунии давлатӣ иштирок менамояд, ки он вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ин мақомотро ифода менамояд.

Бояд қайд намуд, ки баъзе муаллифон ҳудудгузории назорати прокуроририро аз фаъолияти контролӣ, ки дигар мақомот амалӣ менамоянд, аз рӯйи объект ва сарҳади баамалбарории назорат (контрол) ва инчунин аз вижагиҳои ваколатҳои мақомоти назоратӣ ва контролӣ муайян намудаанд. Шалумов М.С. чунин мешуморад, ки объекти контроли давлатӣ инҳоянд: фаъолияти оперативии субъектҳои зериконтролӣ вобаста ба иҷрои воқеии қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, дастурамалҳо, қоидаҳо, нишондиҳандаҳои меъёрӣ, стандартҳо ва ғ.; натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории ин фаъолият; тарзу воситаҳои аз тарафи онҳо иҷро намудани уҳдадориҳои худ.

Ба ақидаи муаллиф, азбаски тамоми фаъолияти оперативии субъектони ишорашуда ба тартиб даровarda мешаванд, ё ҳадди ақал бояд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои локалӣ ба тартиб даровarda шаванд, дар ин ҳолат амалинамоии контрол бо мудохилаи бемаҳдуд ба фаъолияти онҳо баробарарзиш мегардад. Объекти назорати прокурорӣ бошад, танҳо иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия (контролӣ) мебошад, ки аз

---

государственного управления, проблемы и пути совершенствования: Сборник материалов международной конференции. – Душанбе, 2017. – С. 264-273.

[122] Егорова Е.Ю. Контрольно-надзорные полномочия федеральной миграционной службы (Российской Федерации) // Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования: Сборник материалов международной конференции. – Душанбе, 2017. – С. 87- 92.

[123] Буриев И.Б. Контрол ва назорат дар таърихи идоракунии давлатии Тоҷикистон // Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования: Сборник материалов международной конференции. – Душанбе, 2017. – С. 62.

тарафи прокуратура танҳо аз нуқтаи назари қонунӣ будани фаъолият ва санадҳои қабулнамудаи онҳо баҳогузорӣ карда мешавад[124].

Нуқтаи дигари фарққунандаи фаъолияти контролӣ аз назорати прокурорӣ дар нисбатан маҳдуд будани доираи муносибатҳои ҳуқуқии объектҳои зериназоратии онҳо мебошад, яъне контрол бештар хусусияти соҳавӣ дорад. Масалан, контроли хадамоти муҳоҷирати меҳнатӣ, контроли мақомоти андоз ва ғ.

Дар амалияи фаъолияти маоқомоти мазкур маҳдудият дар амалӣ намудани назорати прокурорӣ низ дида мешавад, масалан, новобаста аз он ки Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ мақоми идоракунии давлатӣ мебошад, аммо фаъолитяи он зери санҷишҳои прокурорӣ қарор дода намешавад. Дар номгӯи объектҳои зери назорати прокурорӣ қарордошта, ки дар м. 5 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» оварда шудааст, Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ пешбинӣ нагардидааст. Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории танзимкунандаи мақомоти прокуратураи ФР низ Маъмурияти Президенти ин мамлакат объекти зери назорати прокурорӣ ишора нашудааст[125].

Таҳлили муқоисавии назорати прокурорӣ ва назорати (контроли) судӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ин фаъолият низ хусусиятҳои хос ҷой доранд. Масалан, м.м. 19, 32 Конститутсияи ҶТ кафолат медиҳанд, ки шахс ҳамаи амал (беамалӣ) ва санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро дар суд мавриди баҳс қарор диҳад. Дар ҷараёни баррасии мурофиат ё даъво назорати судӣ амалӣ карда мешавад, ки аз назорати прокурорӣ куллан фарқ дорад. Дар м. 5 Қ.к. мазкур тамоми объектҳои назорати прокурорӣ нишон дода шудааст, ки прокуратура бо тарзу усули назоратии худ онҳоро амалӣ менамояд, аммо таносуби назорати прокурорӣ ва назорати судӣ на аз доираи амалкарди ваколат, балки аз рӯйи ҷанбаҳои татбиқи онҳо муайян мегардад. Бо

---

[124] Шалумов М.С. Проблемы функционирования российской прокуратуры в условиях формирования демократического правового государства: дис. ... д-ра. юрид. наук. – Екатеринбург, 2002. – С. 98.

[125] Федеральный закон «О прокуратуре Российской Федерации» от 17 января 1992 г., № 2202-I. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru (санаи муроҷиат: 15.11.2021).

назардошти нуктаи мазкур, бисёр пажуҳишгарон қайд менамоянд, ки назорати судӣ аз назорати прокурорӣ бо аломатҳои зерин фарқ мекунад:

– бо субъект: назорати судӣ танҳо аз ҷониби суд ва назорати прокурорӣ аз ҷониби прокурор амалӣ карда мешавад;

– бо шаклҳои фаъолият: назорати судӣ танҳо бо шакли мурофиавии махсуси бо қонун муқарраршуда ва назорати прокурорӣ бошад, ҳам дар шакли мурофиавӣ ва ҳам ташкилию ҳуқуқӣ (маъмурӣ-идорӣ) амалӣ мегардад;

– бо предмети фаъолият: мақсади асосии назорати судӣ баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо, санҷиши қонунӣ, асоснокӣ ва адолатнокии санадҳои батасвибрасидаи судӣ, ҳамчунин риояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон бо роҳи амалинамоии адолати судӣ мебошад. Фаъолияти прокуратура бо амалигардонии адолати судӣ алоқаманд набуда, вазифаҳои он аз ошкор ва решакан кардани ҳолатҳои риоя нагардидани Конститутсия ва қонунҳо тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ва таъсиррасонии прокурорӣ иборат мебошад;

– бо оқибатҳои ҳуқуқӣ: назорати судӣ дар фарқият аз назорати прокурорӣ бо қабули санади алоҳидаи судӣ анҷом меёбад;

– назорати прокурорӣ (санҷиш) ба тарзи фаврӣ (оперативӣ) ва бетаъхир амалӣ карда мешавад ва дар фарқият аз истеҳсолоти судӣ (таъйин ва гузаронидани музокираҳо, тартиб додани протоколҳо ва ғ.) расмиёти муайяни пешбурд надорад ё барасмиятдарории мурофиавиро талаб намекунад. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор бо мақсади ошкор намудани ҳолати қонунвайронкуниҳо ва ё оқибатҳои он метавонад санҷиши ногаҳониро, берун аз вақти корӣ гузаронад[126].

– бо хусусияти ташаббускорӣ: мақомоти судӣ зимни баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо ташаббус зоҳир карда наметавонад ва дар доираи қонуни

[126] Чунин ваколатҳои прокурор аз мазмуни моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд.

мурофиавӣ адолати судиро анҷом медиҳад. Ташаббуси прокурор бошад, метавонад дар рафти амалигардонии назорат хеле васеъ истифода карда шавад. Масалан, тариқи ройгон муроҷиат намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба прокуратура.[127]

Вижагиҳои дар боло овардашудаи тафовути назорати прокурориро аз назорати судӣ тасдиқ намуда, дар навбати худ қайд менамоем, ки нуктаҳои зикршуда маънои онро надоранд, ки прокуратура нисбат ба суд ваколатҳо ё аҳаммияти бештар дошта бошад. Аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ исбот карда шудааст, ки самаранокии фаъолияти прокурорӣ аз ҳокимияти неруманди судӣ вобаста аст. Дар аксар ҳолатҳо прокуратура натиҷаи фаъолияти назоратии худро барои баррасӣ ба суд пешниҳод менамояд – ин парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ тафтишшуда, даъвоҳои пешниҳодшуда, эътирозҳо, дархост дар бораи мусодира ва ғ. мебошанд[128].

Ҳамин тариқ, аз нуктаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки «назорат» мафҳуми маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Ваколати назорат ба прокуратура дода шудааст, ки он бо истифода аз вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии худ назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Конститутсия ва қонунҳоро амалӣ намуда, вазъи қонуниятро дар фаъолияти субъектони зериназоратӣ месанҷад.

Аз татбиқи амалии чунин санҷишҳо ҷадвали фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура шаҳодат медиҳад, ки ба андешаи мо онро дар шакли зайл (вобаста аз санадҳои эътинои прокурорӣ)[129] тасвир намудан мумкин аст (ниг. Замимаҳо: ҷадвали 2).

---

[127] Шалумов М.С. Проблемы функционирования российской прокуратуры в условиях формирования демократического правового государства: дис. ... д-ра. юрид. наук. – Екатеринбург, 2002. – С. 107.

[128] Шалумов М.С. Проблемы функционирования российской прокуратуры в условиях формирования демократического правового государства: дис. ... д-ра. юрид. наук. – Екатеринбург, 2002. – С. 106; Иброхимов С.И. Основные види судебного контроля в сфере государственного управления // Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования: Сборник материалов международной конференции. – Душанбе, 2017. – С. 135-140.

[129] Маълумотномаи шуъбаи таҳлил ва омори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №23/5-120-2021.

Қобили қайд аст, ки фаъолияти прокурорҳо дар асоси ҷадвали омории мазкур таҳлилу ҷамъбаст, баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда мешавад. Дар амалия ошкор кардани ҷиноят ва ба тасвиб расонидани санадҳои эътинои прокурорӣ ченак – нишондиҳандаи асосии (мусбӣ) баҳогузории фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомот дониста мешавад. Масалан, агар баҳодиҳии фаъолияти прокуратураи вилоятҳоро дар давраи ҳисоботӣ таҳлил намоем, дар ин ҷо фаъолияти прокуратураи вилояти Суғд бинобар бо натиҷаи 1687 санҷишҳои прокурорӣ баровардани шумораи умумии 28365 санадҳои эътиноӣ (амрҳо 4975, эътирозҳо 3209, пешниҳодҳо 2662, ҷавобгариҳои интизомӣ 4068, моддӣ 1339, маъмурӣ 11058 ва парвандаи ҷиноятӣ 1054, аз ҷумла ҷиноятҳои коррупсионӣ 253) миёни дигар субъектони ҳамрадиф, мисол прокуратураи вилояти Хатлон, ки бо натиҷаи 1629 санҷишҳои прокурорӣ шумораи умумии 27742 санадҳои эътиноӣ (амрҳо 4842, эътирозҳо 3223, пешниҳодҳо 2432, ҷавобгариҳои интизомӣ 4217, моддӣ 2623, маъмурӣ 9269 ва парвандаи ҷиноятӣ 1136, аз ҷумла коррупсионӣ 311) ба тасвиб расонидааст, беҳтарин (қобили таҳсин) дониста мешавад. Ба назари мо чунин тарзи баҳодиҳӣ воқеъияти ба пуррагӣ дар амал татбиқ гардидани вазифаҳои асосии мақомот: қонуният, таъмини волоият, таҳкими он ва тартиботи ҳуқуқиро нишон намедиҳад.

Варақаи оморӣ дар асоси фармони Прокурори генералӣ аз 9 ноябри соли 2016 №5-151 «Оид ба тасдиқ намудани Дастурамал «Дар бораи тартиби пешбурд ва пешниҳоди ҳисоботи омории давлатии шакли «П» – «Дар бораи фаъолияти прокурор» ва бо фармоиши Агентии омори назди Ҳукумати ҶТ «Ҳисоботи омории давлатӣ дар бораи фаъолияти прокурор (ШАКЛИ-«П») аз 15 марти соли 2011, №1/12 тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шудааст. [130]

Фасли 1 ҳисоботи мазкур «Назорати иҷрои қонунҳо» номгузорӣ гардидааст, ки фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураро дар бар гирифта,

[130] Маҷмӯаи фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2017. Ҷ 3, С 104-143

он аз 3 ҷадвал: А. «Вобаста ба соҳаҳои қонунгузорӣ»; Б. «Назорати прокурорӣ дар мақомот»; ва В. «Нишондиҳандаҳои фаъолият ва натиҷаҳои он дар самтҳои алоҳида» иборат мебошад (ниг. Замимаҳо: ҷадвалҳои 2 ва 3).

Чи тавре дар ин ҷо мебинем, баҳодиҳии фаъолияти прокурорҳо дар асоси муқоисаи натиҷаи он бо соли қаблӣ анҷом дода мешавад ва дар ҷадвали ҳисоботи омори давлатӣ дар фарқ аз ҷадвали 1 ба ғайр аз сутун ва маълумотҳо, инчунин шумораи шахсони ҳуқуқҳояшон барқароршуда (Ҷадвалҳои А ва Б, сутунҳои 14-15) дарҷ гардидааст. Бояд зикр кард, ки зимни баҳодиҳии фаъолияти мақомот нишондиҳандаи ин сутун дар ҳисоботи оморӣ оварда ва ба инобат гирифта намешавад. Дар фармони болозикри Прокурори генералӣ низ танҳо номи сутун дарҷ гардида, вобаста ба натиҷагирӣ ва баҳодиҳии фаъолият дар заминаи онҳо чизе гуфта нашудааст.

Ба фикри мо ин ҳолат воқеияти иҷро гардидани вазифаҳои дар назди мақомот гузошташуда, ки ба ҳолати маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бетаъсир буда наметавонад, аз ҷумла таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро инъикос намекунад ва бинобар ин, таклиф менамоем, ки дар ин самт меъёри (маҳаки) нишондиҳандаи дараҷаи (сатҳи) вазифаҳои аз тарафи мақомот анҷомдодашуда, мутобиқ ба талаботи стандарти байналмилалӣ таҳия гардида, дар он воқеияти иҷрои вазифа ва функсияҳои мақомот инъикос ёбанд ва ба ин васила нақши воқеии мақомоти прокуратура дар идоракунии давлатӣ таъмин карда шавад.

Ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура низ дар он зоҳир мегардад, ки зимни амалӣ намудани вазифаи асосӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, фаъолияти субъектони зериназоратиро аз нигоҳи қонуният баҳогузорӣ менамояд. Зеро баҳодиҳӣ натиҷаи амали субъективии корманди санҷишбарандаи мақомоти прокуратура буда, бо ваколатҳои иҷроиявӣ-амрдиҳӣ таъмин карда шудааст. Гарчанде, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастурамалҳои баамалбарории назоратӣ рафтори объективонаи санҷишгарро талаб намояд ҳам, баҳодиҳии

натиҷавӣ ба хислатҳои инсонӣ (одоби касбӣ, саводнокӣ, малакаи касбӣ, табъи хуш, муоширати хуб ва ғ.) вобастагӣ дорад. Зеро ҳангоми санҷиш назоратбаранда вазъи ҳуқуқии маъмур, яъне талабкунандаро дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан зарур аст, ки дар замони муосир назорати прокурорӣ мазмуни нав касб намудааст ва имконияти иштирок намудан дар чорабиниҳои ҳуқуқбарқароркуниро дорад. Масалан, метавонад чорабинӣ, тартиб ва воситаҳои бартараф (ислоҳ) намудани камбуди (қонунвайронкуни)-ҳоро роҳнамоӣ ва ба кадом самт ё мазмун тағйир дода шудани меъёри санади ҳуқуқии маъмурии хилофи қонунбударо муайян кунад ва ғ. Бо мақсади таъмини реҷаи қонуният, прокуратура метавонад ба объектҳои зериназоратӣ таъсири ҷанбаи ташкилию ҳуқуқидошта расонад, ки аз воситаҳои зерин иборат бошад: роҳнамоӣ, таъкиднамоӣ, фаҳмондадиҳии санад ё иқдоми маъмурӣ-ҳуқуқӣ, нишон додани тартиби рафтори қонунӣ ва ғ., ки танзими қонунӣ ва амалияи онҳоро дар фаъолияти мақомоти прокуратура мо дар бобҳои минбаъда мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

# БОБИ 2. ҶАНБАҲОИ МАЪМУРӢ – ҲУҚУҚИИ МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶТ

## 2.1. Муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ (субординатсионӣ) – итоат ва иҷро дар низоми мақомоти прокуратураи ҶТ

Дар муқаддимаи рисолаи илмӣ қайд гардида буд, ки бо қабули Конститутсияи ҶТ дар соли 1994 ислоҳоти ҳуқуқию давлатӣ дар кишвар оғоз шуд ва ин раванд то ҳол идома дорад. Самти асосии ин чорабинӣ бо номи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ гузаронидани ислоҳоти ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро фаро гирифт ва соли 1995 дар заминаи Судҳои арбитражӣ – судҳои иқтисодӣ ва Кумитаи назорати конститутсионӣ – Суди конститутсионии ҶТ таъсис дода шуд. Аз соли 2007 барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул ва дар амал татбиқ карда мешаванд[131]. Ислоҳоти мақомоти милитсияи кишвар, ки қабл аз соли 2010 эълон шуда буд, дар арафаи натиҷабардорӣ қарор дорад. Дар ин раванд такмил ва рушди фаъолияти мақомоти прокуратура ҷанбаи муҳим ва мубрам пайдо менамояд.

Талаботи ҳатмӣ ва зарурии самаранок фаъолият намудани дилхоҳ мақомоти давлатӣ, ташкили дурусти фаъолияти он маҳсуб ёфта, бинобар ин, пажуҳиши тартиби ташкили фаъолият дар низоми прокуратураи ватанӣ барои муайян намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ин ниҳод муҳим мебошад.

Дар Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» муайян карда шудааст, ки «Низоми мақомоти прокуратураи ҶТ-ро ПГ, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокуратураи шаҳрҳо, ноҳияҳо ва прокуратураҳои ба он баробаркардашуда ташкил медиҳанд. Таъсиси мақомоти прокуратура, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти прокуратура аз тарафи Прокурори генералӣ сурат мегирад»[132].

---

[131] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул ва ба амал татбиқ карда шудааст, ки барои солҳои 2007-2011; 2011-2013; 2015-2017; 2019-2021 мебошанд.

[132] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи қ. 4 м. 13 Қ.к. зикгардида сохтори ПГ-ро Президенти ҶТ бо пешниҳоди Прокурори генералӣ тасдиқ мекунад. Тибқи фармони Президенти мамлакат аз 14 августи соли 2015, № 539 (бо тағйироту иловаҳо аз 23 июли соли 2021) сохтори зерини дастгоҳи марказии ПГ тасдиқ карда шудааст: Роҳбарият; 15 – раёсат; 7 – шуъба; Ёрдамчиёни калони Прокурори генералӣ барои супоришҳои махсус ва Бахши коргузории махфӣ[133].

Дар б. 2 фармони мазкур Нақшаи ташкили идоракунии ҷузъҳои сохтории ПГ тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он чорабиниҳои идоракунии дохилинизомӣ аз тарафи роҳбарияти субъектони зерин амалӣ карда мешаванд: Дастгоҳи марказӣ; Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе; прокуратураи нақлиётӣ; прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо ва махсусгардонидашуда; Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура.

Мутобиқи қ. 3 м. 13 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ПГ ва прокурорҳои поёнӣ ҳуқуқи идоракунии оперативии объектҳои таъйиноти иҷтимоӣ-маишӣ ва хоҷагидориро доранд. Дар асоси қ. 1 м. 17 санади мазкур ба ПГ Прокурори генералӣ роҳбарӣ мекунад. Аз мазмуни қ. 3 ҳамин меъёр бармеояд, ки ташкили идоракунии дохилинизомӣ дар сохторҳо ва самтҳои муайяни фаъолияти мақомоти прокуратура аз тарафи шахсони мансабдор ва масъул ба роҳ монда мешавад, ки онҳо ҳамзамон ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори генералӣ маҳсуб меёбанд ва аз тарафи Прокурори генералӣ ба вазифа таъйин ва озод карда мешаванд[134].

---

«Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.11.2021).

[133] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 августи соли 2015, №539. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.11.2021).

[134] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.11.2021).

Дар низоми прокуратураи Тоҷикистон ташкили кор аз рӯйи принсипи яккасардорӣ ба роҳ монда шуда, ҳамчун дастгоҳи машваратии идоракунии дастаҷамъӣ ҳайати мушовара фаъолият менамояд, ки онро дар назди худ Прокурори генералии ҶТ дар ҳайати Прокурори генералӣ (раис), муовини якум ва муовинони ӯ (аз рӯйи вазифа), дигар кормандони прокуратураро, ки Прокурори генералии ҶТ ба вазифа таъйин намудааст, ташкил менамояд.

Ҳайати мушовара мақоми машваратӣ буда, дар назди Прокурори генералии ҶТ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва прокурори нақлиёти Тоҷикистон ташкил карда мешаванд. Қарори ҳайати мушовара бо тарафдории аксарияти овозҳои аъзои он қабул шуда, бо фармони прокурори дахлдор дар амал татбиқ карда мешавад, ки хусусияти расмӣ дорад. Иҷрои қарори мушовара мутобиқи тартиби мавҷуда барои ҳамаи кормандони мақомоти прокуратура ҳатмӣ мебошад[135].

Ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии дохилинизомии мақомоти прокуратура, аз ҷумла муносибатҳои ташкили фаъолият дорои ҷанбаи идорӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, зеро чи тавре, ки дар боло қайд карда шуд, шакли идоракунии прокуратура яккасардорӣ буда, муносибатҳои хизматӣ моҳияти мартабавӣ – итоат ва иҷроро доро мебошанд.

Дар иртибот бо «низом» (умумӣ ва дохилӣ) бояд қайд намуд, ки таҳти он қисмҳои таркибии (сохторӣ, функсионалӣ) ягона ва бо ҳам пайваста фаҳмида мешавад. «Низоми мақомоти прокуратураро – маҷмуи сохторҳои таркибӣ, ҷойгоҳи ишғолнамуда дар мақомот, таносуби байниҳамдигарӣ, алоқамандии ташкилӣ ва муносибатҳои идории онҳо ташкил медиҳанд»[136].

---

[135] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 августи соли 2015, №539. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.11.2021).

[136] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры Российской Федерации: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1997. – С. 47-48; Стрельников В.В. О целях и задачах управленческой деятельности в органах прокуратуры Российской Федерации // Гражданин и право. – 2016. – № 5. – С. 36.

Дар низоми прокуратура асосан ду намуди умумии муносибатҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ-идории зерин ҷой доранд: муносибатҳои амудӣ, мартабавӣ (фармонфармоӣ, итоат ва иҷро) ва муносибатҳои уфуқӣ (назоратӣ, роҳбарӣ-роҳандозӣ, ҳамоҳангсозӣ). Хусусияти ин алоқамандиҳо шакли соҳавӣ (линейный) – функсионалии асосҳои сохтори ташкилиро муайян менамояд, ки дар натиҷаи бунёди дастгоҳи идорӣ танҳо аз мақомоти зертобеи ҳамдигарӣ (раёсат, шуъба, бахш, гурӯҳ ва ғ.) пайдо мешаванд.

Дар асоси принсипи яккасардорӣ (дар муносибатҳои амудӣ) – роҳбар барои ҳамаи самтҳои фаъолияти воҳидҳои сохтори мақомот, ки ба ӯ вогузор гардидаанд, масъул аст. Сохтори соҳавӣ барои идоракунии бонизом ниҳоят муфид арзёбӣ мегардад, зеро он дар асоси муносибатҳои мушаххас, одии тобеият ва итоат ташкил карда мешавад. Тибқи ин принсип дар низоми прокуратура муносибатҳои хоси идорӣ пайдо мешаванд, ваколат ва функсияҳо байни прокуророн (муовинони онҳо) ва дигар кормандони масъули мақомот таносубан тақсим ва самти роҳбарии онҳо муайян карда мешавад. Ин тартиб ифодаи худро дар б. 5 Регламент ҶТ ёфтааст, ки мутобиқи он - «сардорони раёсату шуъбаҳо ва муовинони онҳо ташкилкунандаи бевоситаи фаъолияти воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии ҶТ ба шумор рафта, барои иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошта масъулияти бевосита дошта, оид ба тақсимоти вазифаҳои хизматӣ дар байни кормандон фармоишҳо мебароранд, ки онҳо аз тарафи Прокурори генералӣ ва ё муовинони ӯ тасдиқ карда мешаванд»[137].

Ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ҳамчун низоми амалҳои бо ҳам алоқаманди кормандон, ба мартабот ва тақсимоти меҳнат асосёфта, ки баҳри ба даст овардани мақсадҳои умумӣ ва амалинамоии вазифаҳои ба зиммаи ин ниҳод гузошташуда, ки ба беҳтар (самаранок) гардонидани фаъолияти сохтори он равона шудааст, муайян карда мешавад.

[137] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 98.

Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура дар м. 5 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» номбар карда шудаанд, ки онҳо бо ду роҳу восита амалӣ карда мешаванд:

1) танзими меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо ин васила ба прокуратура ваколатҳои зарурӣ вогузор мегардад;

2) тартиби маъмурӣ-идорӣ (ташкилӣ-ҳуқуқӣ) – чунин шакли ташкили фаъолият, ки тибқи он прокуророн худ ваколатҳояшонро дар амал татбиқ ва воситаҳои ҳуқуқии баамалбарории назорати прокуририро муайян менамоянд. Тавассути онҳо прокуратура ба муносибатҳои амудӣ – мартабавӣ ва уфуқӣ - баробарӣ дохил мешавад. Масалан, тибқи бандҳои (минбаъд б.б.) 3.1. ва 8.1. Низомнома дар бораи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 11 апрели соли 2001, № 548 тасдиқ карда шудааст, аъзоёни Шӯрои ҳамоҳангсозӣ дар вақти масъалагузорӣ, таклифу пешниҳодҳо, тавсияҳову чорабиниҳо ва муҳокимаи масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқи баробар доранд[138].

Шакли дуюми ташкили фаъолият дар навбати худ бо се самт тақсим мешавад: 1) ташкили фаъолият дар сохторҳои низоми мақомот (сохторҳои прокуратураи шаҳру ноҳияҳо то сатҳи ҶТ); 2) ташкили фаъолият дар зерсохторҳо; 3) ташкили алоҳидаи (фардии) фаъолияти ҳар як шахси мансабдори прокуратура.

Нишондиҳандаи муҳимми самаранокии ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура бешубҳа истифодаи оқилона (самараноки) қувва ва вақти кормандон ба ҳисоб меравад. Бояд дар назар дошт, ки ташкили фаъолият дар ҳамаи прокуратураҳо баробар (яксон) буда наметавонад, зеро он аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад (масалан, хусусиятҳои иқтисодӣ-ҳудудии минтақа,

[138] Низомнома дар бораи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 апрели соли 2001, №548 тасдиқ карда шудааст. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2021).

маҳал (вилоят, шаҳр, ноҳия); вазъи ҷинояткорӣ; ҳаҷми кор вобаста ба шумораи ҳуқуқвайронкуниҳо; шумораи кормандони прокурорӣ; омодагии касбӣ ва таҷрибаи амалии онҳо).

Ба таври дахлдор (лозима) роҳбарӣ намудани кормандони тобеъ ҳамчун шарти асосӣ ва таъсирбахши (самараноки) ташкили кор дар мақомоти прокуратура фаҳмида мешавад. Роҳбарӣ бо гузоштани мақсаду вазифаҳои иҷрочиён, бо дарназардошти чорабиниҳои барои иҷроиш ҳатмӣ муайян намудани самтҳои фаъолияти онҳо алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар роҳбарӣ ҷузъи асосӣ ин ба даст овардани натиҷаҳои мувофиқашудаи амали кормандон зимни иҷрои вазифаҳои ба заммаашон гузошташудаи фаъолияти прокурорӣ маҳсуб меёбад.

Агар ташкили фаъолиятро дар прокуратураи мушаххас дида бароем, он дар худ маҷмуи чорабиниҳоро дар бар мегирад ва метавонад вобаста ба таъйиноти мақсаднок ва хусусият ба се намуд ҷудо карда шавад: а) асосӣ; б) техникӣ; в) бо такмил додани маҳорати касбӣ.

Чорабиниҳои асосӣ бо амалигардонии назорати прокурорӣ ва дигар самтҳои фаъолияти прокуратура алоқаманд буда, аз инҳо иборатанд: интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомӣ, тақсимоти супоришҳо байни кормандон; банақшагирии фаъолият ва ғ., яъне ташкили кор вобаста ба самтҳои асосии фаъолият.

Дар амал татбиқ намудани ин чорабиниҳо ба прокурори ҳудудӣ (шаҳр, ноҳия) имконият медиҳад, то ки назорати иҷрои қонунҳоро дар маҳал боз ҳам пурзӯр намояд, инчунин бо қонунвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ фаъолона мубориза барад.

Чорабиниҳои техникӣ бо чорабиниҳои асосӣ бевосита алоқамандӣ дошта, вазифаҳои ёрирасонро иҷро менамоянд. Дар асл, ин муайян намудани натиҷаҳои фаъолият (омодасозии барномаҳои махсуси компютерӣ оиди бойгонисозӣ, мониторинг ва ғ.) мебошад. Ҳамчунин: а) баҳисобгирии кори иҷрошуда, яъне коргузорӣ, бақайдгирии мукотиботи воридотиву содиротӣ;

б) бурдани ҳисоботи оморӣ; в) расонидани ёрии методӣ; ва г) таъминоти моддӣ-техникӣ.

Дар низоми прокуратураи ҶТ расонидани дастурҳои методӣ-техникӣ ҷойгоҳи махсусро соҳиб мебошад ва қариб дар ҳама самтҳои фаъолияти прокурорӣ низомнома, дастурҳои махсус ва воситаҳои методӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Масалан, Низомнома «Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии кормандони мақомоти прокуратураи ҶТ», ки бо фармони Президенти ҶТ аз 8 декабри соли 2006, №74 тасдиқ карда шудааст; Дастурамал «Дар бораи тартиби гузаронидани санҷишҳои комплексӣ дар прокуратураҳои поёнӣ» бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 22 апрели соли 2013, №5-28 тасдиқ карда шудааст; Дастурамал «Дар бораи коркард ва расмӣ гардонидани иттилооти натиҷаҳои фаъолияти прокурорҳои поёнӣ барои давраи ҳисоботӣ, ки ба ҶТ пешниҳод карда мешавад», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 12 апрели соли 2012 тасдиқ гардидааст ва ғ.[139].

Тибқи Дастурамал «Дар бораи коркард ва расмӣ гардонидани иттилооти натиҷаҳои фаъолияти прокурорҳои поёнӣ барои давраи ҳисоботӣ, ки ба ҶТ пешниҳод карда мешавад» ба тарзи методӣ тартиби: а) гирифтани маълумот оиди натиҷаҳои фаъолияти прокуророни поёнӣ ва иҷроши қарорҳои идорӣ; б) баҳодиҳии натиҷаи бадастоварда; в) баҳодиҳии иҷроиши қарорҳои идорӣ ва тасҳеҳи (ислоҳи) мақсадноки фаъолияти прокуратураҳо ва ғ. қайд карда шудааст.

Дар ҳоли ҳозир дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи дур мондани методологияи баҳодиҳии фаъолияти мақомоти прокуратура бо сабаби аз ҷиҳати назариявӣ коркард нашудани он ақидаи илмӣ ҷой дорад, ки баҳси кормандони амалиро ба миён овардааст[140]. Омӯзиши фаъолияти зикргардидаи мақомоти прокуратура нишон дод, ки масъалаи мазкур дар

---

[139] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

[140] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры РФ: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1997. – С. 99.

низоми прокуратураи кишвар бо қабул намудани санадҳои меъёрии дастурӣ ҳалли худро ёфтааст.

Масалан, дар Дастурамал оид ба гузаронидани озмун барои интихоб намудани прокурор, муовини прокурор, прокурори раёсату шуъба, ёрдамчии прокурор, муфаттиш, айбдоркунандаи давлатӣ ва прокурор дар мурофиаи гражданӣ, ки фаъолияти беҳтарин нишон додаанд ва ҷой додани расми онҳо дар «Лавҳаҳои фахрӣ», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 28 апрели соли 2016, №5-68 тасдиқ карда шудааст, масъалаи методологияи баҳодиҳӣ ба фаъолияти касбии шахсони номбурда мушаххас карда шудааст, ки кадом нишондиҳандаҳо барои ба озмун роҳ додани довталаб ба назар гирифта мешавад, баҳодиҳӣ чи тавр сурат мегирад ва нишондиҳандаҳои натиҷавӣ кадомҳоянд[141].

Чи тавре, ки дар боло қайд намуда будем, дар фаъолияти ташкилӣ-идории мақомоти прокуратура риоя намудани талаботи қонун ва қоидаҳои дохилинизомии муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ нақши муҳим мебозанд. А.Ф. Смирнов қайд менамояд, ки “муносибатҳои ҳуқуқии амудӣ дар худ ҷанбаи мартабавӣ (субординатсионӣ) дошта, муносибатҳои уфуқӣ – мафҳуми ҳамоҳангсозиро (координатсиониро) инъикос менамоянд. Агар дар назар дошта шавад, ки дар дилхоҳ ҳолат таъсиррасонии мутақобилаи объекти идоракунӣ ба субъект ба амал меояд, пас ин муносибатҳо дар низоми ташкилии назорати прокурорӣ аз мавҷудияти муносибатҳои реординатсионӣ (аз поён ба боло) шаҳодат медиҳанд[142], аммо дар қонунгузории муосир аз ин се шакли муносибатҳо танҳо муносибатҳои мартабавӣ ва ҳамоҳангсозӣ мустаҳкам гардидааст.

Муносибатҳои номбурда дар низоми прокуратура ҷанбаи конститутсионӣ – ҳуқуқӣ дошта, дар асоси м.м. 94, 95, 96 Конститутсияи ҶТ

---

[141] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 138.
[142] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры РФ: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1997. – С. 47-48.

ва м.м. 1, 6, 16, 17, 18, 21 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» Прокурори генералии ҶТ низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураро сарварӣ мекунад, ба тамоми низоми мақомот роҳбарӣ ва онро идора менамояд, санадҳои ҳуқуқиро дар намуди фармон, амр, дастур, низомнома ва дастурамалҳо қабул менамояд, ки иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи кормандони мақомоти прокуратураи ҶТ ҳатмӣ мебошад.

Дар баробари дар сатҳи меъёрӣ мавҷуд будани муносибатҳои мартабавӣ дар фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура, олимон қайд менамоянд, ки «дар муносибатҳои ташкилӣ-ҳуқуқии байни субъект ва объекти идоракунӣ, аз ҷумла фаъол будани субъект ва нақши муайянкунанда доштани объект дар ин муносибатҳо ба инобат гирифта намешавад»[143]. Бояд дар назар дошт, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ байни объект ва субъекти идоракунӣ дар алоқамандӣ, омезиш ва ҷойивазкунӣ қарор доранд[144]. Инро ба назар гирифта Ю.М. Козлов навиштааст, ки «дар соҳаи идоракунӣ се намуди муносибатҳои идорӣ мавҷуданд: «объект – объект», «субъект – субъект», «субъект – объект».[145]

Дар робита бо муносибатҳои реординатсионӣ дар низоми прокуратура Б.П. Курашвили андеша ронда менависад, ки «реординатсия дар мазмуни калидиаш – ин батартибдарории баръакс … агар барои муносибатҳои мартабавӣ хусусияти асосӣ – ваколатҳои ҳокимиятӣ доштани мақоми сатҳи болоӣ нисбат ба поёнӣ бошад, оё ин маънои онро дорад, ки мақоми сатҳи поёнӣ нисбат ба болоӣ ҳеҷ гуна ваколат надорад? Таҳлилу омӯзиши муносибатҳои мартабавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки аксаран на, чунин маъноро надорад. Ҳолати аз ҳама зиёд маъмул – ҳангоме идорашаванда ё зертобеъ иродаи худро иброз медорад ё шикоят мекунад, идоракунанда ё роҳбар уҳдадор аст, ки ба он ба таври дахлдор эътино зоҳир намояд... Дар низоми идоракунӣ дар равобити гуногуншакл, умумӣ ва мутақобила қарор

[143] Курашвили Б.П. Очерк теории государственного управления. – М., 1987. – С. 73.
[144]Афанасьев В.Г. Некоторые проблемы управления в развитом социалистическом обществе // Научное управление обществом. – 1960. – №13. – С. 77.
[145] Козлов Ю.М. Административные правоотношения. – М.: Юрид. лит., 1976. – С. 17.

доштани муносибаҳои реординатсионӣ, ҳамчун вокуниш ба ин ё он таъсиррасониҳои идорӣ ҳисобида нашуда, балки метавонанд новобаста аз онҳо пайдо гарданд ва на танҳо хусусияти иттилоотӣ, балки идоракуниро доранд»[146].

Бояд зикр намуд, ки гарчанде дар Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» меъёрҳои муқарраркунандаи муносибатҳои реординатсионӣ пешбинӣ нагардида бошад ҳам, аммо дар с. 21 б. 6 боби 2 Дастурамал «Дар бораи иштироки прокурор дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 11 апрели соли 2016 №5-54 тасдиқ карда шудааст, чунин меъёр ҷой дошта, дар амалияи фаъолияти прокурорӣ низ истифода карда мешавад. Масалан, ба прокурор ваколат дода шудааст, ки дар сурати аз ҷониби коллегияи судӣ беасос рад намудани эътирозҳои кассатсионию хусусӣ ӯ метавонад дар хусуси овардани эътироз ба тариқи назоратӣ бо пешниҳод ба прокурори болоӣ муроҷиат намояд.[147]

Дар мавриди муносибатҳои ҳамоҳангсозии (координатсионии) идорӣ бояд қайд намуд, ки онҳо рафтори мувофиқашудаи субъект ва объектҳои идоракунӣ мебошанд. Чунин муносибатҳо ҳамкории байниҳамдигарии воҳидҳои сохтории прокуратура, инчунин бо дигар мақомотро аз ҳисоби рафтори ихтиёран мувофиқашудаи онҳо таъмин менамоянд. Омили асосии барангезандаи чунин рафтор арзишҳои муштарак мебошанд ва маҳз онҳо метавонанд воҳидҳои сохтории ба ҳам тобеънабудаи мақомоти прокуратура, кормандони алоҳида ва дигар мақомотро барои фаъолият дар самти муайян, иҷрои мақсадҳои дар назди ин мақомот гузоштташуда водор созанд, яъне онҳо бо як мақсад иқтидори худро муттаҳид ва ҳамоҳанг месозанд.

---

[146] Курашвили Б.Л. Очерк теории государственного управления. – М., 1987. – С. 36-37.

[147] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 131

Масалан, аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ ва прокурорҳои тобеъ фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амният, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар, андоз, гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳамоҳанг сохта мешавад. Бо ин мақсад дар прокуратура Шӯрои ҳамоҳангсозӣ даъват карда шуда, иҷрои қарорҳои он барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳатмӣ мебошад[148].

Ё ин ки, дар асоси б. 13.8 қарори ҳайати мушовараи прокуратураи вилояти Хатлон аз 01 июли соли 2022 №5 сардорони шуъбаи назорати умумӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии прокуратура, ки роҳбарони самтҳои алоҳида ва мустақили назорати прокурорӣ ҳисобида мешаванд, ҷиҳати кам кардани қарзи истифодаи қувваи барқ ва об тариқи пешниҳод намудани аризаҳои даъвогӣ ба суд вазифадор карда шудаанд.

Дар радифи муносибатҳои ҳуқуқии матраҳшуда, бояд яке аз нуктаи муҳимми ташкилӣ-роҳбариро қайд намоем, ки он аз тақсимоти дурусту оқилонаи супориш ва уҳдадориҳо дар байни ҳайати кормандони фаврии прокуратура иборат мебошад. Ин тартиб ба андешаи мо, сифат ва самаранокии идоракуниро дар дилхоҳ воҳидҳои прокуратура баланд мебардорад.

Дар ин маврид ба он бояд диққат дод, ки супориши хизматӣ – ин дастури (амри) маъмурӣ-ҳуқуқӣ, иродавии шахси мансабдори болоии прокуратура ба корманди зертобеъ бо мақсади амалигардонии вазифаҳои ба зиммадошта мебошад. Мафҳуми овардашуда вижагии принсипи мартабавӣ, ба монанди: «супориш-иҷро (иродавӣ)», «фармоиш-иҷро (ҳуҷҷатӣ)» ва «итоати шахси мансабдори поёнӣ ба болоӣ» ва ғ.-ро ифода менамояд.

---

148 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.11.2021).

Ҳамзамон, ба назари мо дастур – ин категорияи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва механизми асосии роҳбарӣ мебошад, ки дар муносибатҳои дохилинизомии прокуратура истифода гардида, дар шакли фармон, амр ё дастур ба расмият дароварда мешавад. Зикр намудан лозим аст, ки дар амалия ва таҷрибаи фаъолияти прокурорӣ танҳо фармон дар шакли ҳуҷҷати расмӣ мавҷуд буда, амр ва дастур бошад, ба тариқи умумӣ дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ дода шуда, шакл ва намунаи махсуси худро надорад.

Супориш ҳамчун тадбири маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти идории мақомоти прокуратура дар боби 5 Регламент бо мавзуи «Тайёр намудан ва ба маҳалҳо фиристодани фармону супоришҳо ва дигар санадҳои хусусияти дастурӣ-ахборотидошта» мавриди танзим қарор гирифтааст[149].

Регламент мафҳуми супоришро надошта бошад ҳам, аз мазмуни меъёрҳои боби болозикр ҷанбаи идорӣ-фармонфармоӣ доштани он зоҳир гардида, намудҳо ва шаклҳои он танзим карда шудааст. Масалан, мутобиқи талаботи б. 95 адади супоришҳои ба прокурорҳои поёнӣ фиристодашаванда набояд дар шаш моҳ аз 20 зиёд бошад. Аз мазмуни б.б. 100-103 бармеояд, ки супоришҳо доимоамалкунада, муҳлатнок, нақшавӣ ва мавзуӣ шуда метавонанд. Супоришҳои доимоамалкунанда бо пешниҳоди асосноки сардорони раёсату шуъбаҳо дар мувофиқа бо муовинони Прокурори генералии ҶТ бо имзои Прокурори генералии ҶТ фиристода мешаванд. Супоришҳо бо ҳамаи иҷрочиён мувофиқа карда шуда, дар онҳо бояд вазифаҳо, номгӯи масъалаҳои ҳалталаб, муҳлати иҷрои онҳо дарҷ ёфта, на дертар аз 10 рӯзи баъди тасдиқ шудани нақшаҳои корӣ фиристонида шаванд. Супоришҳо вобаста ба санҷиши муроҷиатҳои мушаххас ба прокурорҳои тобеъ аз тарафи Прокурори генералии ҶТ ва ё муовинони ӯ, инчунин бо супориши роҳбарият аз ҷониби сардорони раёсату шуъбаҳо фиристода мешаванд.

---

149 Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 110-112.

Тақсимоти супоришҳо ҳамчун усули маъмурӣ-ҳуқуқии роҳбарӣ ва ташкилии фаъолияти прокуратура – ин ба таври дақиқ муқаррар намудани уҳдадориҳои хизматии (мансабии) ҳар як корманд тибқи ваколатҳои дар Конститутсияи ҶТ, Қ.к. мазкур, фармонҳои Прокурори генералии ҶТ ва прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе пешбинигардида мебошад. Зимни амалӣ намудани он бояд хусусиятҳои фаъолият, шумораи кормандон, таркиб ва афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ, вазъи риояи қонунҳо, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, демографӣ ва дигари ҳудуди назоратӣ ба инобат гирифта шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки бо дарназардошти хусусияту омилҳои номбурда фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №24 «Дар бораи тақсими ваколатҳо ва ҳамоҳанг сохтани фаъолияти прокуратураҳои ҳудудӣ ва нақлиётӣ барои таъмин намудани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ дар нақлиёт»[150] қабул карда шудааст.

Дар ташкили муносибатҳои ҳуқуқӣ-идории дохилинизомӣ сатҳи баланди қобилияти кордонӣ ва таҷрибаи касбии прокурор – роҳбар, муовинони ӯ ва дигар кормандони фаврии прокуратура, аҳаммияти хоса дорад. Ҳамзамон, тахассуснокӣ ва уҳдабароии онҳо дар иҷрои вазифаҳои мансабӣ муҳим мебошад.

Усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура зимни амалӣ намудани принсипи тақсими супоришҳо зоҳир мегарданд ва онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии итоат ва ҳокимият асос меёбанд.

Масалан, аз рӯйи принсипи мавзуӣ (предметӣ) уҳдадориҳо вобаста ба самт (соҳа)-и фаъолияти прокуратура тақсим карда мешавад, яъне ба ҳар як корманди прокуратура соҳаи мушаххас (ё якчанд соҳаҳо) бо назардошти

---

[150] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 10-16.

самти назорати прокурорӣ, шароити минтақа ва шумораи кормандони прокуратура вобаста карда мешавад.

Тибқи принсипи минтақавии тақсимоти вазифаҳои хизматӣ бошад, ҳудуди салоҳиятдории прокуратура ба минтақаҳо тақсим ва ба корманди мақомот вобаста карда мешавад.

Аз рӯйи принсипи тақсимоти объектӣ уҳдадориҳои мансабии корманди прокуратура ба як ё якчанд объектҳо маҳдуд мегардад. Он аз ҷониби прокурор барои тақсим намудани вазифаҳо оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар як ё гурӯҳи объектҳои истеҳсолӣ ё ин ки дигар намуди фаъолият истифода бурда мешавад.

Ҳамзамон, зимни тақсимоти вазифаҳо дар фаъолияти прокурор чунин принсипҳои умумии тақсимоти меҳнат, ба монанди: уҳдадории муайян ба шахси муайян; мустақилияти касбӣ ва иҷрои муътадили функсияҳо асос ёфтааст. Уҳдадории муайян ба шахси муайян – маънои уҳдадории корманди муваззафгардида дар иҷрои вазифаи мушаххасро дошта; мустақилияти касбӣ – интихоби тарзу усулҳои фарди (индивидуали)-и иҷрои вазифаҳои ба зиммаи корманд вогузоргардида ва дар ин амал мустақил будани ӯ зоҳир шуда, аммо зимнан онҳо бояд қатъиян мутобиқ ба уҳдадориҳои мансабии дар фармони тақсимоти вазифаҳо дарҷгардида амалӣ карда шаванд; иҷрои муътадили функсияҳо - касбият ва дар муҳлати муайян иҷро намудани ин уҳдадориҳоро инъикос менамояд.

Риоя ва дар амал татбиқ намудани ин принсипҳо ба баланд гардидани самаранокии истеҳсолот ва меҳнатии на танҳо корманд, балки дар маҷмуъ худи мақомот мусоидат хоҳад кард.

Барои бомуваффақият иҷро гардидани вазифаҳои прокуратура ва амалӣ намудани мақсадҳои дар назди он гузошташуда тақсимоти дуруст ва дар намуди фармон (фармоиш) ба расмият даровардани вазифа, супоришҳои хизматӣ муҳим мебошад. Қоидаи асосии тақсимоти супоришҳо дар он аст, ки ҳаҷми кори фаврӣ ё техникӣ дар байни ҳайати мавҷудаи кормандони ниҳод

дуруст (оқилона) тақсим карда мешавад ва зимни гурӯҳбандӣ намудҳои якхела ва такрорёбии онҳо ба назар гирифта мешавад. Ҳаҷми кор (сарборӣ) дар прокуратура аз шумораи сокинони ҳудуди зеринazoратӣ, хусусиятҳои маҳал, анъана, урфу одатҳои миллӣ ва ғ. вобастаанд.

Фаъолияти мақомоти прокуратура бо назардошти принсипҳои болозикр ба роҳ монда шудааст, ки дар б. 18 Регламенти ҶТ бо мазмуни зайл "фаъолияти ҶТ тибқи принсипи минтақавӣ-мавзуӣ амалӣ карда мешавад" ифода гардидааст, аммо дар Регламент моҳият ва мазмуни принсип кушода нашудааст[151].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ин принсипҳо ҳамчун принсипҳои соҳавӣ ва ҳудудии идораи низоми прокуратура нишон дода шудаанд.

Принсипи мавзуӣ (соҳавӣ) предмети фаъолияти прокуратура, бахусус тақсимоти вазифаҳоро дар байни прокуророн вобаста ба самтҳои мухталифи мақсадҳои дар назди онҳо гузошташуда тавсиф менамояд. Меъёрҳои муайянкунанда дар ин маврид – мавзуи назорати прокурорӣ ва шароитҳои муайяни минтақа мебошанд. Ин принсипи ташкили кор барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, бо роҳи муттаҳид намудани кӯшишу ғайрати кормандон ва зерсохторҳо ба ҳалли масъалаҳои муҳимму афзалиятнок мусоидат менамояд. Инчунин, барои ҷамъоварӣ, таҳлилу ҷамъбаст ва амалигардонии маълумотҳо вобаста ба масоили таҳкими қонуният кумак мерасонад.

Мутобиқи принсипи минтақавӣ (ҳудудӣ) – ташкили фаъолият, чуноне ки дар боло қайд намудем, ҳудуди зеринazoратии прокуратура ба минтақаҳо ҷудо ва ба корманди муайян вобаста карда мешавад. Прокурорҳои ҳудудӣ бо роҳи бурдани истеҳсолоти корӣ (бастаҳо) маълумотҳои ҷамъовардашударо барои ошкор намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта, сабабу шароитҳои

[151] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 100.
[141] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры РФ: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1997. – С. 291.

ба онҳо мусоидаткарда ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам истифода менамоянд. Чунин тартиб имконият медиҳад, ки оид ба расонидани ёрии зарурӣ ба ҳар як прокурори тобеъ дар бартараф намудани камбудиҳо, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва дар асоси он иттилоотонии (омӯзонидани) зердастон, чорабиниҳои асоснок таҳия карда шавад.

Дар навбати худ принсипи комплексии минтақавӣ-мавзуӣ имкон медиҳад, ки прокурорҳои ҳудудӣ «мавзуи пешбурд» (самти фаъолият)-и муайяни худро дошта бошанд, ки ба хусусияти вазифавии онҳо мувофиқ аст. Чунин тарзи муносибат ба махсус гардонида шудани прокуророни ҳудудӣ мусоидат менамояд, зимнан талабот дар хусуси мубодилаи мутақобилаи иттилоот, хусусан дар байни прокуророни як раёсат (шуъба) ба таври доимӣ боқӣ мемонад, то ки ҳар яки онҳо дар хусуси объекти зериназоратиашон маълумоти мукаммал дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, ташкили кор дар мақомоти прокуратура ин маҷмуи амалҳои бо ҳам алоқаманд ва барои фаъолгардонии иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташудаи зурурие мебошанд, ки дар м. 5 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинӣ гардида, дар боби 2 Регламент бошад, ташкили фаолият, банақшагирӣ ва назорати иҷрои он мавриди танзим қарор дода шудааст[152].

Дар 38 меъёри ин боб чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла идоракунӣ тасдиқи худро ёфтааст. Аз ҷумла: ташкили кор аз рӯйи принсипи минтақавӣ-мавзуӣ (б. 18); ташкили иттилоотонии ҳамаи сохторҳои дастгоҳи марказии ҶТ аз тарафи шуъбаи таҳлил ва омор (б. 19); пешниҳод намудани таклифҳои асоснок ба марказ (б. 20); банақшагирии фаъолият давоми ҳар нимсола (б. 21); фаъолияти Раёсати ташкили кор ва назорати иҷро (б. 24); дар ҳолатҳои зарурӣ ба тасвиб расонида шудан ва мавриди иҷро қарор додани нақшаи чорабиниҳои алоҳида вобаста ба таъмини иҷрои дастуру супориш ва

[152] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, МО ҶТ ва дигар маҷлису чорабиниҳои сатҳи ҷумҳурӣ (б. 29) ва ғ. Назорати таъмини иҷрои нақшаҳои кории ҶТ, раёсату шуъбаҳо ва дигар нақша-чорабиниҳо ба зиммаи Раёсати ташкили кор ва назорати иҷро гузошта шуда, Раёсати мазкур охири ҳар моҳ аз натиҷаи иҷрои онҳо дар маҷлисҳои фаврӣ-назоратӣ ба Прокурори генералии ҶТ ахборот пешниҳод намуда, дар се моҳ як маротиба вазъи иҷрои онҳоро санҷида, дар сурати ошкор намудани камбудиҳо ҷиҳати чораҷӯӣ таклиф пешниҳод менамояд.

Бояд қайд намоем, ки дар қонунгузорӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура, аз ҷумла Регламент доир ба категорияҳои ҳуқуқии фаъолият аз нигоҳи «дохилии функсионалӣ» ва «берунии функсионалӣ» баҳо дода нашудааст. Аз ҷиҳати илмӣ-методӣ омилҳои номбаршударо чунин шарҳ додан мумкин аст:

1. Ташкили фаъолияти «дохилии функсионалӣ» ҷанбаҳои зерини фаъолияти дохилинизомии прокуратураро дар бар мегирад: а) таҳлили фаъолияти ин ё он мақоми прокуратура; б) тақсими вазифаҳо байни прокурорҳо; в) ташкили меҳнати самаранок; г) таҳлили вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, омӯзиш, ҷамъбаст ва баҳодиҳии таҷрибаи прокурорӣ, тафтишотӣ, дурнамо ва банақшагирии кори онҳо; д) кор бо ҳайат – интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомот, такмили ихтисос, пешравии корӣ таъминоти иҷтимоии кормандон, ҳавасмандгардонӣ; е) контрол ва санҷиши иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи корманд гузошташуда; ё) ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои зерсохтории мақомоти прокуратура; ж) роҳбарӣ (роҳандозӣ); з) қабул ва амалӣ намудани санадҳои идоракунӣ;

2. Ташкили фаъолияти «берунии функсионалӣ» - ин: а) ташкили назорати иҷрои Конститутсия, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; б) риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин иҷрои қонунҳо аз

ҷониби мақомоти баамалбарорандаи фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, тахқиқ ва тафтишоти пешакӣ; в) иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад; г) риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти ваколатдор; д) иштироки прокурор дар баррасии судии парвандаҳо (ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ); е) тафтиши ҷиноятҳо; ё) ҳамкорӣ бо дигар мақомот, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷинояткорӣ; ж) иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; и) ҳамкориҳои байналмилалӣ; к) ташкили кор марбут ба муроҷиати шаҳрвандон, пешгирии ҷиноят ва дигар қонунвайронкуниҳо;

3. Таъминоти иловагии ташкили кори мақомоти прокуратура иборат аст аз: а) коргузорӣ; б) банақшагирӣ ва назорати иҷро; в) таъминоти молиявӣ, иттилоотӣ ва моддӣ-техникӣ.

Моҳияти роҳбарӣ дар низоми прокуратура дар он ифода меёбад, ки прокурори болоӣ метавонад нисбат ба поёнӣ (ё кормандони тобеи худ) таъсиррасонии иродавӣ-идориро истифода барад. Масалан, Прокурори генералӣ нисбат ба ҳамаи прокурорҳо ва кормандони онҳо, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе нисбат ба прокурорҳои ҳудуди ин вилоят, метавонад таъсиррасонии идоракунӣ расонад, ки хусусияти умумии роҳбарикунандаи онҳо дар масъалаҳои зерин ифода мегардад: а) қабули қарорҳои идорӣ (санади маъмурӣ) – фармонҳо, амру супоришҳо, дастурҳо, дастурамалҳо, қарори ҳайати мушовара ва дигар ҳуҷҷатҳо; б) ташкили назорат (контрол) – санҷиши иҷро, таҳлили ҳисоботи мақомоти поёнӣ вобаста ба корҳои анҷомдода ё аз натиҷаи санҷиши фаъолияти прокуророн, омӯзиши санадҳои қабулнамудаи сохторҳои поёнӣ, аз ҷумла, санадҳои эътинои прокурорӣ; в) баҳодиҳӣ ба фаъолият бо мақсади саривақт ошкор ва муайян кардани қонунвайронкуниҳо; г) муайян ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам; д) ҳавасмандгардонӣ (дарки муҳиммият ва доштани

боварии қатъӣ ба аҳаммияти вазифаҳое, ки мақомоти прокуратура дар давлат иҷро менамояд).

Доир ба санҷиш, ҳамчун воситаи муҳимми маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар мақомоти прокуратура бояд қайд намуд, ки б. 99 Регламент ду намуди санҷиш (маҷмуӣ ва фосилавӣ)-ро муқаррар намудааст. Таъкид гардидааст, ки дар прокуратураҳои фаъолияташон дар давраи банақшагирӣ мавриди санҷиши маҷмуӣ қароргиранда санҷишҳои фосилавӣ гузаронида намешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ санҷишҳо танҳо бо дастур ва розигии Прокурори генералии ҶТ гузаронида мешаванд[153]. Доир ба гузаронидани санҷишҳо Раёсати ташкили кор ва назорати иҷро, раёсату шуъбаҳои ПГ-ро дар бораи он, ки фаъолияти кадом прокуратураҳо ва кай мавриди санҷиши маҷмуӣ қарор мегиранд, огоҳ менамояд.

Мусаллам аст, ки яке аз намудҳои фаъолияти идоракунӣ дар мақомоти прокуратура ин тақсими уҳдадориҳо байни кормандони масъул мебошад. Дар ин кор ду намуди ваколатҳои идоракунӣ ба инобат гирифта мешавад: - ваколатҳое, ки ба зердастон дода мешаванд (ваколатдорнамоӣ), ки инҳо гузаронидани санҷишҳо, баррасӣ намудани ариза ва шикоят, маводҳои санҷишӣ, овардани эътироз ва ғ.; - ваколатҳое, ки дода намешаванд, ин ваколатҳое, ки бинобар муҳим ва масъулияти баланд доштан ва ҷанбаи функсионалии инфиродӣ доштани онҳо ба зердастон дода намешаванд. Масалан, ваколатҳои ба вазифа таъйин намудан ва аз вазифа озод кардани прокурорҳо аз тарафи Прокурори генералии ҶТ ва дигар ваколатҳое, ки дар м. 18 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинӣ карда шудааст.

Дар мавриди болозикр дар назар дошта мешавад, ки таъсиррасонии роҳбарӣ-идорӣ бо тартиби бавосита то объектҳои зериназоратӣ мерасад. Масалан, прокурори вилоят ба прокурори ноҳия дар хусуси гузаронидани

[153] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

санҷиши ҳолати риояи қонунгузории меҳнат дар яке аз объектҳои таъйиноти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудуди худ супориш медиҳад, зеро мурочиати шаҳрвандон аз ҶТ ба сатҳи вилоят фиристода шудааст. Дар чунин ҳолат прокурори минтақавӣ ду намуди ваколати таъсиррасонии прокурориро истифода менамояд: асосӣ – ваколати худаш ҳамчун прокурори минтақа ва иловагӣ – ваколате, ки бо супориш прокурори вилоят ба зиммаи ӯ вогузор карда шудаааст.

Тақсимоти уҳдадориҳо дар байни кормандони ёрирасони техникии мақомоти прокуратура ҷанбаи сирф маъмурӣ дошта, аз тарафи роҳбари аввал, ё муовини ӯ амалӣ карда мешаванд.

Яке аз самтҳои муҳимми ташкили идоракунӣ дар мақомоти прокуратура ин банақшагирии фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқии мақомот мебошад. Дар б.б. 21-36 Регламенти ҶТ тамоми чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ оиди банақшагирӣ, тартиби таҳия ва омода намудани нақша, муҳлатҳои нақшавӣ, иҷрои он, назорат ва контроли иҷро, шахсони масъул ва дигар чорабиниҳои оид ба тағийру иловаҳо қайд карда шудааст. Аз ҷумла, омадааст, ки фаъолияти ҶТ ҳар нимсола дар асоси таклифи сардорони раёсату шуъбаҳо, директори Донишкадаи мақомот, ки бо розигии муовинони Прокурори генералӣ (сарпарастон) дар асоси таҳлили пурраю ҳаматарафаи вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳамчунин бо назардошти супоришҳои Президенти ҶТ, МО ҶТ, Ҳукумати ҶТ, қарорҳои ҳайати мушовара, Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ва супоришҳои Прокурори генералии ҶТ пешниҳод шудаанд, ба нақша гирифта мешавад (б. 21)[154].

Шакли дигари хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқидоштаи ташкили фаъолият дар мақомоти прокуратура ин роҳбарӣ доир ба омодасозӣ ва қабул намудани ҳисоботи оморӣ мебошад.

[154] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 101.

Ҳисоботи оморӣ – ин ҳуҷҷати расмӣ бо санади идорӣ (локалӣ) мебошад, ки тарзи тартиб додан, шакли расмӣ ва иттилооти заруриро доир ба объект дорад. Ҳисобот шакли омории мушоҳида (назорат) буда, ба бақайдгирии аввалия асос ёфтааст. Бақайдгирии аввалия ин сабт намудани ҳолатҳои гуногун дар ҳуҷҷати бақайдгирии аввалияи расмӣ мебошад. Ҳисоботи омории прокуратура аз: ҳисобот, шаклҳои баҳисобгирӣ, усулҳои баҳисобгирӣ, дастурҳо ба ҳисоботдиҳӣ ва ғ. иборат мебошад. Мутобиқи б.б. 4-5 Низомномаи шуъбаи таҳлил ва омори ПГ, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 17 декабри соли 2015 №5-261 тасдиқ карда шудааст, шуъбаи мазкур тибқи нақшаҳои дурнамо ва ҷорӣ (нимсола) аз рӯйи принсипи минтақавӣ ва соҳавӣ амал намуда, фаъолияти оморӣ-ҳуқуқӣ, ташкили бақайдгирии махсус ва таҳлилӣ-ахборотиро дорад. Дар доираи ваколатҳои худ дар санҷишҳои маҷмуӣ ва мавзуии фаъолияти прокуратураҳои тобеъ тибқи нақша ва супоришҳои роҳбарият иштирок менамояд[155].

Дар ҳамин Низомнома қайд карда шудааст, ки дар мақомоти прокуратура ҳисобот вобаста ба намудҳои фаъолияти назоратӣ дар асоси Дастурамали омодасозӣ ва супоридани ҳисобот, дар шакли «П» тартиб дода мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки тибқи б. 8 Низомнома шуъба дар кори ташкилию ҳуқуқӣ ваколатҳои берунии функсионалӣ низ дорад, ки тавассути он ба дигар соҳа ва объектҳо таъсири идорӣ расонад. Масалан, он метавонад аз субъектони омории ҳуқуқӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ба таври ройгон ахборотҳои оморӣ ва таҳлилӣ, ҳисоботҳои оморӣ, ҳуҷҷатҳои қайди аввалияро талаб карда гирад.

Ҳамин тариқ, бояд тазаккур дод, ки муносибатҳои ҳуқуқии дохилинизомии мақомоти прокуратура муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии хусусияти мартабавидошта буда, дар асоси принсипи ҳокимият ва итоат

[155] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 213.

ташаккул меёбад. Ин муносибатҳо дар ҷараёни фаъолияти дохилии ташкилӣ-ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, инкишоф меёбанд ва қатъ мегарданд. Дар ташаккули ин муносибатҳо мутобиқи б. 5 Регламенти ҶТ ҳамаи прокурорҳо ва шахсони масъули прокуратура, ки ташкилотчии бевоситаи кор ва роҳбарони сохторҳои мақомот мебошанд, иштирок менамоянд.

Самти муҳимми ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ин риоя намудани талаботи қонун ва қоидаҳои дохилинизомии муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, муносибатҳои амудии идорӣ ҷанбаи итоат ва иҷроро дошта, муносибатҳои уфуқӣ дар асоси принсипҳои ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқа рушд меёбанд.

Дар ташаккули муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии дохилисоҳавӣ супоришҳои хизматӣ, ки хусусиятҳои маъмурикунонӣ, иродавӣ ва фармонфармоиро дошта, аз ҷониби шахси мансабдори болоӣ нисбат ба зердасти поёнӣ равон карда мешавад, аҳаммияти муҳим дорад. Дар ҷараёни иҷрои супориши хизматӣ принсипҳои зерини маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба монандӣ, «супориш ва иҷро», «фармоиш ва иҷро» ва «итоати мансабдори поёнӣ ба мансабдори болоӣ» амал менамояд. Бинобар ин, супориш категорияи дорои хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқидошта мебошад, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии дохилисоҳавии мақомоти прокуратура ҳамчун санади ҳуқуқии идорӣ арзи вуҷуд менамояд.

## 2.2. Таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи ҶТ

Яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон, унсури асосии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти давлатиро функсияҳои онҳо ташкил медиҳад. Функсияҳо барои мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти идоракунии давлатӣ аҳаммияти хос дошта, ифодагари фаъолияти амалии онҳо мебошанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки «функсияи мақомоти давлатӣ гуфта,

пеш аз ҳама, самти фаъолияти вобаста ба амалӣ намудани мақсадҳои «беруна», ки дар назди давлат ва мақомотҳои он қарор дорад, фаҳмида мешавад»[156]. Ба ақидаи И.Л. Бачило «функсияи идоракунӣ – намуди махсуси фаъолияти идоракунӣ, маҳсули ҷараёни тақсими меҳнати тахассуснок дар соҳаи идоракунӣ аст»[157]. Ақидаҳои дигари илмӣ дар бораи функсия ва баҳсу мунозираи олимон дар бораи мафҳум ва моҳияти он дар адабиёти ҳуқуқӣ хеле зиёд аст. Бо вуҷуди ин, роҷеъ ба мазмуни функсия мехоҳем нуқтаҳои назари худро баён намоем.

Функсия мазмунан ифодагари самти фаъолияти марбут ба амалӣ намудани вазифаҳои дар назди мақомот гузошташуда дониста мешавад. Ваколатҳои функсионалӣ – ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомот оид ба амалӣ намудани вазифаҳои мақсадноки ба зиммааш гузошташуда доир ба самти фаъолияти он мебошад. Бинобар он, прокуратура барои амалӣ намудани вазифаҳои мақсаднок бо ваколатҳои сирф ба мақом ва самти фаъолияташ хосбуда (назоратӣ, ҳамоҳангсозӣ, тафтишотӣ, айбдоркунӣ ва ғ.) таъмин карда шудааст.

Мусаллам аст, ки барои амалӣ намудани ваколатҳои қонунӣ мақомот ба муносибатҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва расмиётӣ ворид мешавад, ки онҳо моҳиятан ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ доранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки вазифа ва ваколатҳои сирф функсионалӣ барои амалӣ шуданашон бояд ба фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, риоя намудани расмиёти ҳуқуқии маъмурӣ таъмин бошанд, яъне тавассути функсияҳои идоракунӣ амалӣ карда мешаванд. Доир ба мазмун ва муҳтавои функсияҳои идоракунӣ низ, дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

Ба андешаи олимон, «барои ба функсияи идоракунӣ ворид намудани ин ё он намуди фаъолият инҳо асос шуда метавонанд: а) бевосита барои ҳалли вазифаҳои идоракунӣ равона будани фаъолият; б) бидуни ин фаъолият

---

[156] Функции и структура органов управления, их совершенствование / Под ред. Г.Х. Попова. – М.: Экономика, 1973. – С. 34-35.
[157] Бачило И.Л. Функции органов управления (правовые проблемы оформления и реализации). – М., 1976. – С. 27.

ғайриимкон будани идоракунӣ; в) мураккаб будани мазмун ва муҳтавои он, имконият медиҳад, ки барои функсияи мушаххас зернамудҳои фаъолияти идоракунӣ мувофиқ гардонида шавад; г) нисбатан мустақил будан»[158].

Бояд қайд намоем, ки дар Конститутсияи ҶТ ва Қ.к. зикршуда меъёрҳои хусусияти идоридошта мушаххас карда нашуда, мафҳумҳои «идоракунӣ» ва «роҳбарӣ», ки дар қонунгузории номбурда ҷой доранд аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво шарҳ дода нашудаанд. Ҳатто дар муносибатҳои ҳуқуқии дохилисоҳавии мартабавӣ бештар на ҷанбаи роҳбарӣ, роҳандозӣ, балки идоракунӣ истифода карда шудааст. Зеро, асосҳои роҳбарикунандаи ваколатҳои ҳокимиятӣ ҳамчун механизми таъсиррасонии прокуратура ба муносибатҳои берунаи функсионалӣ кор мекунанд. Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти мазкур, барои ифодаи хусусияти идоракунии фаъолияти прокуратура бештар аз истилоҳи «роҳбарӣ» (роҳнамоӣ, роҳандозӣ) истифода менамоем.

Бояд қайд намоем, ки ба ақидаи И.Л. Бачило мавҷудияти низоми бо ҳам алоқаманди субъект ва объекти идоракунӣ, фаъолияти якҷояи мақсади иҷтимоидоштаи онҳо, ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ, мақсаднокии таъсиррасонӣ ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқии амал низ, омилҳои муайянкунандаи функсияи идоракунӣ шуда метавонанд[159]. Аз омилҳои номбаршуда, ба андешаи мо омилҳои таъсиррасонии мақсаднок барои ноил шудан ба натиҷа ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти функсионалӣ барои мақомоти прокуратура муайянкунанда шуда метавонанд, ки дар м. 5 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинӣ намудааст. Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи талаботи қ. 2 м. 23 Қ.к. мазкур ҳангоми амалӣ намудани функсияҳои худ мақомоти прокуратура мақомотҳои дигарро иваз намекунад.

---

[158] Малков В.Д., Веселый В.З. Система функций социального управления. – М., 1987. – С. 5.
[159] Бачило И.Л. Функции органов управления (правовые проблемы оформления и реализации). – М., 1976. – С. 41-43.

Дахолати прокурор ба фаъолияти хоҷагӣ ва иваз намудани вазифаи мақомоти тобеи идора ва мақомоти назорат манъ аст[160].

Бинобар ин, ба андешаи мо, вобаста аз хусусияти пажуҳиш ба ҷойи мафҳуми «идоракунӣ» истифода намудани мафҳуми «роҳбарӣ» дурусттар аст, зеро прокуратура фаъолияти функсионалии худро, ки хусусияти ҳокимиятӣ дорад, амалӣ намуда, ба объектҳои назоратӣ таъсир мерасонад ва ин таъсиррасонӣ хусусияти роҳнамой-роҳандозиро дорад.

Дар замони муосир прокуратураи ҶТ бо мақсади амалӣ намудани функсияҳои назоратии худ чорабиниҳои гуногуни ташкилӣ-идориро мегузаронад. Аз ҷумла, ташаббусҳои ислоҳотии Президент ва Ҳукумати ҶТ-ро, ки ба тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат равона гардидааст, фаъолона дастгирӣ менамояд, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро дар мубориза бо ҷинояткорӣ ҳамоҳанг месозад ва ғ.

Ҳамин тариқ, мақомоти прокуратура тавассути ин чорабиниҳо дар фаъолияти давлатдорӣ бевосита иштирок карда, дар татбиқ гардидани тартиботи ҳуқуқии умумиҳатмӣ мусоидат менамояд, самти муҳимми дастгоҳи идорӣ – назорати давлатиро оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо таъмин намуда, бо ин васила саҳми арзандаи худро дар идоракунии давлатӣ мегузорад.

Ҷиҳати шарҳ додани ин нукта, муқоисаи назариявиро анҷом медиҳем. Чунончи, дар рафти гузаронидани таҳқиқи мутақобилаи иштироки шахс ва давлат дар ташаккули ҳадафҳои муқовимат бо омилҳои ҷиноятофари хавфнок В.П. Воронов қайд намудааст, ки «дар амалӣ намудани мақсадҳои идорӣ давлат пурра озод буда наметавонад, он бо уҳдадориҳои дар назди ҷомеа ва ҳар як аъзои он гирифтааш вобастагӣ дошта, тавассути мақомоти

[160] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.12.2021).

худ шаҳрвандонро аз ҳар гуна таҷовуз ва хатарҳо ҳифз менамояд. Дар амалия вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсон миёни субъектони мушаххас барои дар амал татбиқ намудани онҳо тақсим карда мешаванд. Мавҷудияти робитаи бевосита миёни вазифаҳои ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкамгардида ва мақомоти дар амал татбиқкунандаи он барои хусусияти ташкилӣ-идоридошта ҳисобидани мақсадҳои ҳуқуқҳифзнамоӣ асос шуда метавонанд»[161].

Дар иртибот бо ин ва бо назардошти меъёрҳои қонун оид ба дахолат накардани прокуратура ба фаъолияти хоҷагӣ, иваз намудани вазифаи мақомоти тобеи идора ва мақомоти назорат ба андешаи мо дар бораи нақши роҳандозии прокуратура баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, хусусан иштироки прокурор, таъсиррасонии роҳнамоёнаи ӯ, ки дар асл амалӣ намудани функсияҳои берунаи идории прокуратура маҳсуб меёбанд, ҳарф задан мумкин аст ва меъёри мазкур тасдиқи гуфтаҳои мост.

Пажуҳишгар Н.А. Игнатюк навиштааст, ки «...расидан ба мақсадҳои давлатӣ оид ба таъмин намудани бехатарӣ, оромӣ, мувозинат ва баробарҳуқуқии ҳамаи ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандон, бевосита ба сифати идоракунии самтҳои муҳим, аз ҷумла мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо вобаста мебошад. Ҳамин тариқ, роҳи расидан ба сатҳи баланди ҳифзу ҳимояи манфиатҳои шахсият бо ташаккул ва амалигардонии вазифаҳои идорӣ имконпазир мебошад»[162]. Мо низ ин ақидаи олимро дастгирӣ менамоем.

Дар навбати худ Е.М. Бабосов қайд намудааст, ки мафҳумҳои «идоракунии давлатӣ», «идоракунии иҷтимоӣ», «идоракунии дастаҷамъӣ» (корпоративӣ), «менеҷмент», «маъмурикунонӣ», ки ташаккули фаъолияти идоракуниро дар назар доранд, мақсади идоракунии давлатиро муайян менамоянд. Ин мақсад, кори муътадили давлатдорӣ, бахшҳо ва механизмҳои

[161] Воронов В.П. Основы безопасности жизнедеятельности: организационные аспекты. – СПб.: «ГПВИИТ», 2011. – С. 18.
[162] Игнатюк Н.А. Государственно-частное партнерство: Учебник. – М.: «Юстицинформ», 2012. – С. 100-101.

он, бартараф намудани мухолифат ва гуногунфаҳмиро талаб менамояд, ки дар он нақши прокуратура муҳим мебошад[163].

Дар асоси ақидаҳои олимони номбурда ва амалияи қонунистифодабарии прокуратура ба хулоса омадан мумкин аст, ки мақсадҳои фаъолияти прокуратура, ки дар м. 4 Қ.к. мазкур пешбинӣ карда шудааст, дар баробари хусусияти функсионалӣ доштанашон, хусусиятҳои идорӣ низ доранд ва аз кори рӯзмараи мақомот, аз ҷумла қабул ба кор, аз кор озод намудани шахсони мансабдор, ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо, бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос, аттестатсия, озмун ва ғ., аз он шаҳодат медиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, олими ватанӣ И.Т. Маҳмудов дуруст қайд намудааст, ки «Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» барои ташаккули мақомоти прокуратураи форматсияи нав замина гузошта, мухолифатҳои қонунгузориро оид ба сохтори ташкилии мақомот бартараф намуд ва таъйиноти идораи назорати давлатиро ба сатҳи сифатан нав расонид»[164].

Ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, идорӣ доштани мақсадҳо дар фармонҳои Прокурори генералии ҶТ низ ифодаи худро пайдо намудаанд, ки муҳимтарини онҳоро номбар менамоем. Аз ҷумла, фармонҳои Прокурори генералии ҶТ: аз 15 феврали соли 2016 №1 «Дар бораи самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар низоми мақомоти прокуратураи ҶТ»; аз 15 феврали 2016, №3 «Дар бораи тасдиқ намудани Регламенти ҶТ ҶТ»; аз 15 феврали 2016, №4 «Дар бораи такмили ташкили кор ва назорати иҷро дар низоми прокуратураи ҶТ»; аз 15 феврали 2016 №5-37 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи аттестатсиякунонии кормандони низоми прокуратураи ҶТ» ва ғ.[165]

---

[163] Бабосов Е.М. Социальное управление: Учебное пособие. – Минск.: «Тетрасистемс», 2008. – С. 244.

[164] Маҳмудов И.Т. Назорати прокурорӣ ҳамчун шакли муҳим ва мустақили фаъолияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №11. – С. 187-196.

[170] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I ва II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

Санадҳои овардашуда дар ташаккули сохтор, шакл ва усулҳои роҳбарӣ дар мақомоти прокуратураи ватанӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Ҳамзамон, дар онҳо ифодаёбии мувофиқати фаъолияти функсионалӣ ва ташкилию идориро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, дар б. 3 Регламенти ҶТ омадааст: «Муовинони Прокурори генералӣ дар асоси фармони Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи тақсимоти вазифаҳои хизматӣ байни роҳбарияти ҶТ ҶТ» кори Раёсату шуъбаҳое, ки сарпарастии онҳоро ба уҳда доранд, роҳбарӣ, ташкил ва назорат намуда, дар доираи ваколаташон тибқи қонунгузории ҷорӣ қарорҳо қабул мекунанд»[166]. Дар ин меъёр се намуди усули маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунӣ оварда шудааст: роҳбарӣ намудан; ташкил кардани фаъолият ва назорати ин фаъолият. Бояд дар назар дошт, ки ҳар яке аз категорияҳои идоракунии овардашуда ду самти татбиқ ё амалигардониро доранд. Масалан, роҳбарӣ – роҳандозӣ намудан ба чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқиро дар назар дорад, ки барои самаранок иҷро кардани вазифаҳои функсионалии прокуратура мусоидат мекунад. Яъне, роҳбарии дохилинизомӣ иҷрои ваколатҳои функсионалиро таъмин мекунад. Чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар ҳама ҳолат пешбарандаи фаъолияти функсионалӣ мебошад, зеро бе кори ташкилӣ ягон натиҷа ба даст намеояд. Назорат – воситаи асосии маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки дар асоси натиҷаҳои он иҷрои босифат талаб ва ба он баҳо дода мешавад.

Ба монади ҳамин, дар зербанди дуюми б. 1.3. фармони Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи такмили ташкили кор ва назорати иҷро дар мақомоти прокуратураи ҶТ» аз 15 феврали 2016, №4 ташкили кор ва назорати дурусти иҷро аз тарафи роҳбарияти воҳидҳои сохтории мақомоти прокуратура қайд ва ҳамзамон, талаб карда шудааст, ки «... ба фаъолияти кормандони воҳидҳо бояд аз назари такмил додани ташкили кор ва назорати иҷрои он, қобилияти дарки масоили муҳиму ҳалталаб, оштинопазирӣ бо

[166] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 98.

расмиётчигиву (бюрократия) зоҳирпарастӣ (рубинӣ), самаранок истифода намудани шаклу усулҳои нави корӣ, саҳмгузорӣ дар таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ баҳо дода шавад». Аз ин муқаррароти санади болозикр бармеояд, ки ташкили кор ва иҷрои супоришҳо барои босамар амалӣ намудани вазифаҳои функсионалии мақомот ҳамчун усули маъмурӣ-ҳуқуқӣ ифода гардидааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти прокуратура муайян карда шуд, ки дар онҳо оид ба роҳбарӣ ҳамчун шакли ташкил ва идоракунии фаъолият меъёрҳои зиёд мавҷуд аст, аммо дар ин санадҳо роҳбарӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дарҷ нашудааст. Бинобар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки мафҳуми роҳбарӣ «... дар ин ҷо шакли муайян ва мураккаби фаъолияти дар низоми прокуратура мавҷудбударо ифода менамояд, ки мазмуни асосии он батартибдарорӣ, роҳандозӣ, ҷорӣ намудани тартиби дуруст ва самараноки амалигардонии низоми прокуратура буда, дар ниҳоят ин фаъолият ба ташаккули сохтор ва низоми самараноки идоракунии прокуратура равона карда шудааст»[167].

Мо ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоем, ки роҳбарӣ ҳамчун фаъолияти ташкилии маъмур-роҳбар, масалан дар прокуратураи ноҳия, ҳам дар дохил ва ҳам берун аз идора нақши муҳим ва асосиро дорад. Масъалаи асосии роҳбарӣ, дар ин маврид, таъмин намудани алоқамандӣ ва мувофиқати фаъолияти ташкилӣ-идорӣ бо амалигардонии вазифаҳои функсионалӣ мебошад.

Чуноне, ки дар боло қайд намуда будем, мувофиқати муносибатҳои амудии низоми прокуратура тавассути хусусияти тобеиятӣ, ба воситаи қабул намудани санадҳои идорӣ ва назорати иҷрои онҳо ва мувофиқати муносибатҳои уфуқӣ бошад, тавассути иштирок намудани кормандони зерсохтор дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии

[167] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры РФ: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 1997. – С. 86.

фаъолият ба роҳ монда мешавад. Бинобар ин, мақсади асосии роҳбарияти мақоми идоракунандаи прокуратура (маъмурияти он), аз ташаккули низоми самараноки идоракунии мақомот иборат мебошад.

Дар ин ҷо бояд ба инобат гирифт, ки инкишофи ташкилӣ (сохторӣ, шаклӣ) ва инкишофи мазмунии (функсионалии) низом, баробар ба даст оварда нашуда[168], шакл дар бисёр ҳолатҳо аз мазмун қафо мемонад[169]. Масалан, низоми идоракунӣ дар прокуратураҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе солҳои тӯлонӣ бетағйир мондааст, ҳол он ки фаъолияти функсионалии онҳо рушд карда истодааст. Бояд гуфт, ки ин раванд бе такмили шаклҳои ташкилӣ-идории фаъолияти роҳбарӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тариқ, масъалаи мувофиқати фаъолияти функсионалӣ ва ташкилии прокуратураи ҶТ-ро баррасӣ намуда, дар умум қайд намудан мумкин аст, ки функсияҳои маъмурӣ-ҳуқуқии роҳбарикунандаи ин мақомот дорои субъект ва объекти худ мебошанд. Мутобиқи м.м. 1, 13, 16 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» функсияҳои идоракунӣ аз тарафи Прокурори генералии ҶТ, муовинони ӯ, прокурорҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, муовинони онҳо, инчунин аз тарафи прокурорҳои болоӣ нисбати прокурорҳои поёнӣ ва тобеъ амалӣ карда мешавад, яъне дар шароити муайян функсияи идоракунӣ аз ҷониби ҳамаи роҳбарони мақомоти прокуратура амалӣ карда мешавад[170].

Ҳайати субъектони номбаршуда, асосан роҳбарии дохилисоҳавиро амалӣ менамоянд. Ҳамзамон, вобаста ба асосҳои дар боло овардашуда дар бораи он, ки кормандони прокуратура ҳангоми иҷрои вазифаҳои функсионалӣ метавонанд ба фаъолияти идоракунии объектҳои зериназоратӣ, аз ҷумла дар қабул намудани санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ таъсир расонанд,

---

[168] Моисеев Н.Н. Социализм и информатика. – М.: Политиздат, 1988. – С. 122.
[169] Смирнов А.Ф. Асари ишорашуда. – С. 87.
[170] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 29.12.2021).

хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳо бавосита, яъне тавассути роҳандозӣ (роҳнамоӣ) намудан, фаҳмонидани тартиби дурусти иҷрои қонун, тавсияи роҳҳои самараноки адои вазифа, қабули санади ҳуқуқии маъмурии дахлдор ва ғ. метавонанд ҳамчун субъект ба ҷараёни идоракунии давлатӣ шомил ва ворид гарданд. Чунончи, солҳои 90 асри гузашта Универмаги марказии шаҳри Душанбе (маъмул бо номи «ЦУМ») хусусӣ гардонида шуда, коллективи меҳнатӣ онро харидорӣ намуданд ва дар заминаи он Ҷамъияти саҳомии «Фурӯшгоҳи марказӣ» ташкил карда шуд. Минбаъд, дар асоси шикояти тарафҳо ҶТ амалиёти хусусигардониро санҷида, муайян намуд, ки он ғайриқонунӣ анҷом дода шудааст. Дар пешниҳоди худ ба Кумитаи амволи давлатии ҶТ прокурор масъалаи бекор кардани қарорҳо вобаста ба хусусигардонии ҷамъияти мазкурро гузошт. Минбаъд Кумитаи амвол қарори худро бекор карда, вобаста ба ҳолати аввала баргардонидани фурӯшгоҳ ба Ҷамъияти саҳомии «Фурӯшгоҳи марказӣ» пешниҳод ирсол намуд.

Дар навбати худ, коллективи меҳнатӣ ба мақомоти судӣ бо даъво дар хусуси қонунӣ эътироф кардани хусусигардонӣ – таъсиси Ҷамъияти саҳомии «Фурӯшгоҳи марказӣ» ва ё ба онҳо баргардонидани маблағҳои пулиашон муроҷиат намуданд. Ин баҳс зиёда аз 10 сол идома ёфт ва дар ин муддат (аз ҷумла, бинобар тезу тунд будани вазъияти сиёсии кишвар) судҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ якчанд маротиба санадҳои судӣ қабул (ва боз онҳоро бекор) намуданд. Дар охир, бо пешниҳоди Прокурори генералии ҶТ бо дахолати бевоситаи Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ва иқтисодӣ чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ (комиссияи барҳамдиҳӣ, оиннома, шӯрои идоракунӣ, раёсат ва ғ.) роҳандозӣ гардида, бо ин васила барои аз ҷониби Кумитаи амволи давлатии ҶТ қабул намудани қарори нави қонунӣ мусоидат карда шуд[171].

---

[171] Оиди ин муфассалтар ниг.: Ҷамъбасти таҷрибаи Суди олии иқтисодӣ барои солҳои 2014-2015 // Бойгонии Суди Олии иқтисодии ҶТ.

Ин фаъолияти роҳбарӣ-роҳнамоии прокуратура нисбат ба субъектони зериназоратӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни баамалбарории уҳдадориҳои вазифавии (функсионалии) худ прокуратура дар фаъолияти идоракунии онҳо ширкат варзида метавонад ва чунин иштирок дар шакли таъсиррасонии роҳбарӣ-роҳнамоӣ зоҳир мегардад.

Самти дигари фаъолияти идории прокуратураҳои болоӣ ин роҳбарӣ намудан ба чорабиниҳои маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураҳои поёнӣ мебошад. Агар ба инобат гирифта шавад, ки фардикунонии функсияи идоракунӣ ба хусусиятҳои объекти идоракунӣ вобаста аст, пас ҷанбаи инфиродӣ доштани функсияҳои идорӣ на объект, балки предмети он маҳсуб меёбад[172]. Дар ин маврид ҳамчун мавзуи вазифаҳои идорӣ – унсурҳо, таркибҳо, ҳамбастагии дар рафти фаъолияти прокуратура мушаххас муаррифигардида мебошанд, ки онҳо дар маҷмуъ низом ва сохти идоракуниро муаррифӣ менамоянд.

Инро ба назар гирифта В.В. Стрелников қайд намудааст, ки «... предмети функсияи идоракунӣ бештар ҷанбаи мазмунии идоракуниро ифода менамояд ва ба шароитҳое ишора менамояд, ки ба ташкил ва фаъолияти низоми тобеъ марбут мебошанд. Инро ба назар гирифта, се гурӯҳи предмети идоракунии мақомоти прокуратураро ҷудо намудан мумкин аст»[173].

Масалан, А.Ф. Смирнов гурӯҳбандии зеринро пешниҳод намудааст, ки тибқи он: гурӯҳи аввали предмети функсияи идоракунии прокуратура, аз мавқеи ҷанбаҳои идоракунии дохилии функсионалии прокуратура (тақсим намудани уҳдадориҳо, банақшагирӣ, қабул намудани санад, иҷрои он ва ғ.) вобаста мебошад; гурӯҳи дуюм, бо амалӣ намудани мақсадҳои берунии функсионалӣ ва вазифаҳои прокуратура (ташкили назорати умумӣ, назорати мақомоти таҳқиқ ва тафтишотӣ ва дигар самтҳои назоратӣ) вобаста аст; гурӯҳи сеюми предмети функсияи идоракунӣ ба таъмин намудани идоракунии зерсоҳаҳо (ташкили кор бо кадрҳо, танзими қонунгузорӣ, таҳлил

---

172 Белов В. Г. Управление и общественные отношения. – М., 1985. – С. 35.
173 Стрельников В.В. Функции Российской прокуратуры. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://lexandbusiness.ru/view-article.php?id=3496 (санаи муроҷиат: 29.12.2021).

ва омор, коргузорӣ, фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ) вобаста мебошад[174].

Аломати дигаре, ки функсияи идоракунии прокуратураро тавсиф менамояд, таъсиррасонии мақсадноки субъекти идоракунӣ ба объектҳои он маҳсуб меёбад. Чунин таъсиррасонӣ аз ҳисоби андешидани чораҳои мушаххас (амалиёти гуногун, намудҳои фаъолият), ки шахсони мансабдор, мутахассисон ва ҳайати техникии прокуратура амалӣ менамоянд, бармеояд. Таъсиррасонӣ бевосита ва бавосита шуда метавонад. Масалан, дар низоми прокуратураи ҶТ таъсиррасонии бевосита дар намуди усули фармонфармоӣ бештар истифода мегардад. Ҳол он, ки таъсиррасонии бавосита кам бошад ҳам, самараноктар аст.

Таъсиррасонии бавосита ташкили шароити зарурӣ барои амали мақсаднок ва манфиатнок нисбат ба корманди муайянро тақозо менамояд. Он барои ҳал намудани ҳолатҳои идоракунии иштирокчиёни он дар мавриди алоқамандии субъект ва объекти идоракунӣ дар сатҳи уфуқӣ ё тибқи принсипи «аз поён ба боло» муфид мебошад.

Дар асоси консепсияи умумии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар бораи он, ки прокуратура ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои функсионалии худ метавонад бавосита дар идоракунии давлатӣ иштирок намояд, қайд менамоем, ки муносибатҳои ҳуқуқии берунисоҳавии ташкилӣ-самтгирии мақомоти прокуратураро, ҳамчун муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии бавосита, ки иштироки прокуратураро дар идоракунии давлатӣ ифода менамоянд, арзёбӣ намудан мумкин аст.

Тавре ки А.Ф. Смирнов қайд намудааст, «функсияҳои идоракунӣ дар ҷараёни пешбурди чорабиниҳои идоракунӣ амалӣ карда мешавад, ки аз зинаҳои мантиқан мураттаб ва бо ҳам алоқаманд иборат мебошанд. Ин зинаҳо бо хусусияти такроршавӣ давраи идоракуниро ташкил медиҳанд. Давраи идоракунӣ аз чор зина иборат аст: ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот,

---

[174] Смирнов А.Ф. Прокуратура и проблемы управления. – М., 1997. – С. 61.

дар асоси он қабул намудани қарори идоракунӣ, ташкили иҷрои қарор ва назорат»[175]. Зинаҳои номбурдаи давраи идоракунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура низ ҷой доранд, бо истисснои он ки дар зинаи сеюм, ба ҷойи санади идорӣ, прокурор санади эътиноии худро қабул менамояд.

Масалан, дар фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура гузаронидани санҷишҳои фаъолияти прокуратураҳои тобеъ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Аммо, расмиёти гузаронидан, тартиби амалигардонии онҳо бо санади ҳуқуқии идории ягона танзим нашудаанд. Танзим намудани чунин як фаъолияти муҳимми идории дохилинизомии фаъолияти прокуратура дар санадҳои ҳуқуқии гуногун самаранокии пешбурди онҳоро паст менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, ба андешаи мо, қабул намудани санади ягонаи ҳуқуқии батанзимдарорандаи пешбурди расмиёти санҷиши дохилиидории мақомоти прокуратура муҳим ва зарур мебошад.

Дар асоси назарияи назорати прокурорӣ ҳаҷм ва мазмуни ваколатҳои прокурор аз хусусияти объекти зериназоратӣ ва вазифаҳои дар назди ин соҳа гузоштащуда вобаста мебошад. Дар самтҳои алоҳидаи назоратӣ ба прокурор ваколатҳои махсус дода мешавад, ки онҳо ба дигар соҳаҳои назоратӣ паҳн намегарданд (масалан, назорати мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ)[176]. Муҳим аст, ки ин ваколатҳо дорои хусусияти ҳокимиятӣ ва императивӣ бошанд[177], аммо дар дигар мавридҳо прокурор ҳуқуқи дахолат ба фаъолияти объекти зериназоратиро надошта, танҳо қонунвайронкуниҳоро муайян ва ошкор намуда, тавассути санади эътиноӣ ба ҳуқуқвайронкунанда, шахси мансабдор ё мақомоти болоии он ё бо ариза ба суд дар хусуси бартараф кардани қонунвайронкуниҳо муроҷиат менамояд.

Ҳамзамон, дигаргуншавии парадигмаҳои ҳуқуқии замони муосир, (масалан, ба ҷойи мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ – пешгӯӣ ва пешгирӣ

---

175 Смирнов А.Ф. Асари ишорашуда. – С. 62-63.

176 Чеканов В.Я. Прокурорский надзор в уголовном судопроизводстве. – Саратов, 1972. – С. 177-178; Козлов А.Ф. Компетенция прокуратуры и организация ее работы: Учеб. пособие. – Свердловск, 1983. – С. 25.

177 Маршунов М.Н. Прокурорско-надзорное право: проблемы правового регулирования. – СПб.: Изд-во С.-Петербург. ун-та, 1991. – С. 38; Козлов А.Ф. Прокурорский надзор в Российской Федерации. Общая часть: Учеб. пособие. – Екатеринбург: Изд-во УрГЮА, 1999. – С. 52-53.

намудан, ба ҷойи ҳуқуқтаъминнамоӣ – ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ғ.) талаб менамоянд, ки прокурор дар рафти фаъолияти функсионалӣ-назоратӣ ваколатҳои дискретсионӣ (дидгоҳӣ) дошта бошад. Ин ваколатҳо ба прокурор имконияти бештар пайваст шудан ба ҷараёни идоракуниро медиҳанд. Масалан, ҳангоми ошкор гардидани қонунвайронкунҳои дараҷаи начандон вазнин ё миёна, ҷой надоштани зарари моддӣ ҳуқуқи роҳнамоӣ кардан барои ислоҳ намудани камбудиҳои ошкоршуда, тавсия додани роҳи қонунии фаъолияти идорӣ, ислоҳ намудани камбудии дар санади маъмурӣ-идорӣ ҷойдошта ва ғ., ҳеҷ гуна зарари моддӣ, маънавӣ ё ҳуқуқӣ ба давлат ва ҷамъият намерасонад, балки баръакс ба самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии кишвар мақомоти махсусгардонидашудае (байниидоравие), ки назорати давлатии мақомоти бо ҷиноятикорӣ мубориза барандаро амалӣ намояд, вуҷуд надорад. Бинобар ин табиист, ки ин фаъолиятро прокуратура ба зимма дорад ва зимни татбиқи он метавонад дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба муфаттишон кумаки фаврӣ дар шакли роҳбарии методӣ расонад[178], ки онро мудохила ба фаъолияти муфаттиш ҳисобидан мумкин нест. Зеро, қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, ки дар ҳолати розӣ набудан ба дастури прокурор, муфаттиш ҳуқуқ дорад бо изҳори хаттии норозигӣ (дархосту хулосаҳои) худ ба прокурори болоӣ муроҷиат намояд (қ. 1 м. 39 ҶТ)[179]. Зикр менамоем, ки қонунгузор дар ин меъёр мафҳуми дастурро истифода намуда, бо ҳамин хусусияти ҳокимиятӣ ва табиати императивӣ доштани супориши прокурорро қайд намудааст, ки ба

[178] Спирин А.В. О теоретических основах разграничения прокурорского надзора и процессуального (ведомственного) контроля в досудебных стадиях уголовного судопроизводства // Вестник уральского юридического института МВД России. – 2016. – №1. – С. 57.
[179] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.01.2022).
[172] Шалумов М.С. Прокурорский надзор и государственный контроль за исполнением законов: разграничение компетенции и ответственности // Государство и право. – 1999. – № 1. – С. 79-85; Беляев В.П. Сущность контроля и надзора, их сходство и различия // Государство и право. – 2006. – № 7. – С. 37.

андешаи мо категорияи маъмурӣ-ҳуқуқии хусусияти идоракунидошта мебошад.

Пажуҳишгарон ҷанбаи назорати прокурориро дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ҳамчун мазмуни идоракунидошта маънидод намуда, қайд кардаанд, ки «назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ба таври доимӣ ба механизми соҳавии батанзимдарории ҳуқуқӣ пайваст карда шудааст»[180]. Тасдиқи ин ақидаро масалан, дар қ. 2 ва 3 м. 31 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» дидан мумкин аст, ки шаклҳои гуногуни роҳбарии (санҷиш, талаб намудан, баррасӣ намудан, бекор кардан, розигӣ додан, иҷро намудан, дастур додан ва ғ.) прокурор нисбати мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишот мустаҳкам карда шудааст. Ҳамаи ин амалҳои прокурор бо санади мурофиавӣ дар асоси ҶТ ба расмиёт даровардa мешавад. Ба ғайр аз ин, мутобиқи талаботи Қ.к. мазкур прокурор дар пешбурди истеҳсолоти тосудӣ фаъолияти ҳокимиятии давлатӣ, оммавӣ, ташкилию роҳбарӣ, аз ҷумла барои муайян намудани ҳодисаи ҷиноят, ошкор намудани шахси гунаҳкор барои содир кардани ҷиноят ва муқаррар намудани ҳолатҳои воқеии парванда, додани баҳои ҳуқуқӣ ба амалҳо, қабул намудани санадҳои мувофиқи мурофиавиро ба амал мебарорад. Дар ин ҷо низ мувофиқати фаъолияти функсионалӣ бо фаъолияти ташкилию роҳбарикунандаи прокуратура аён аст. Ба ҳамин монанд супоришҳои роҳбарикунандаи прокуратура ба таҳқиқбаранда ва муфаттиш дар фармонҳои Прокурори генералии ҶТ №25 аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» ва № 5-219 аз 21 октябри соли 2015 «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ

---

ва иҷрои якхелаи Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он»[181] пешбинӣ карда шудаанд.

Салоҳияти роҳбарикунандаи прокурор нисбат ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишот дар м. 168 ҶТ низ мустаҳкам карда шудааст, ки онҳо дар шаклҳои зерин ифода ёфтаанд: назорат бурдан; талаб намудан; розигӣ додан; санҷиш гузаронидан; тасдиқ намудан; баррасӣ намудан; дастури хаттӣ додан; рад кардан; боздоштан, қатъ намудан; бекор намудан; супориш додан, дастур додан; дур намудан; аз як муфаттиш ба муфаттиши дигар додани парванда ва ғ.[182]

Ҳамин тариқ, бо баррасии масоили мувофиқати фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура муайян карда шуд, ки онҳо ба таври бояду шояд дар Қ.к. зикршуда, ҶТ, дигар қонунгузории соҳавӣ, фармонҳои Прокурори генералии ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти прокуратураи ҶТ, бо истиснои баъзе ҳолатҳо, ки бо пешниҳодҳои илмӣ асоснок карда шуданд, танзими меъёрии худро ёфтаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки ташкили фаъолият дар мақомоти прокуратура, аз маҷмуи бо ҳам алоқаманди амалҳо, аз ҷумла амалҳои маъмурӣ-ҳуқуқии идорӣ иборат мебошанд, ки ба фаъолгардонии кори низоми прокуратура барои расидан ба мақсадҳои фаъолияти ниҳод ва иҷро намудани вазифаҳои он равона карда шудаанд.

## 2.3. Хизмати давлатӣ дар низоми мақомоти прокуратураи ҶТ: ҳолат ва дурнамои рушди он

Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқубунёд ва демократӣ баланд бардоштани нақши мақомоти давлатӣ зарурияти хоса дорад. Дар чунин

[181] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 247-269.
[182] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.01.2022).

шароит масъалаи самаранокии сиёсати кадрии давлатӣ, аз ҷумла, ошкорнамоӣ ва истифодабарии захираҳои кадрӣ, имкониятҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи ватанӣ, мубрамияти махсус пайдо менамояд.

Конститутсияи ҶТ дар қ. 2. М. 27 муқаррар намудааст, ки шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Мутобиқи қ. 3 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба низоми хизмати давлатӣ хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид карда шудааст, ки бо мазмун ва муҳтавои худ фаъолияти касбии шаҳрвандони ҶТ дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст[183].

Ба радифи хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мо мансаби прокурор, кормандони прокурорӣ – прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд, шомил карда мешаванд.

Хусусияти хоси хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура пеш аз ҳама ба ваколатҳои назоратии он, яъне бо амалигардонии назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз тарафи субъектони зеризазоратӣ ва инчунин бо мақоми ҳуқуқии он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрами ҷанбаи илмӣ-амалидошта, ин дар низоми прокуратураи ҶТ ташкили фазои босалоҳияти хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати босамари онҳо мебошад.

Самти муҳимми фаъолияти таъминоти кадрии мақомоти прокуратураро чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқии марбут ба интихоб, дархост

---

[183] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2022).

ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти мазкур ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин, Прокурори генералии ҶТ давоми моҳҳои феврал-апрели соли 2016 вобаста ба масъалаҳои кадрӣ дар мақомоти прокуратура нӯҳ фармон ба имзо расонидааст. Аз ҷумла, фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти прокуратураи ҶТ», ҳамчунин фармонҳои Прокурори генералии ҶТ аз 18 феврали соли 2016 №5-24 оид ба тасдиқи Низомномаи Раёсати кадрҳои прокуратураи ҶТ, аз 15 марти соли 2016 №5-37 «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти прокуратураи ҶТ», аз 29 апрели соли 2016 №5-70 «Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти прокуратураи ҶТ» ва Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон ба тавсиб расонида шудааст[184].

Ҳуҷҷатҳои болозикр ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, самти фаъолияти ташкилию идории мақомоти прокуратураро танзим менамоянд. Мутобиқи Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» фаъолияти марбут ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, омӯзиш ва бозомӯзии онҳо, болоравии вазифавӣ фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии идоравӣ маҳсуб меёбанд. Назорати идорӣ дар ин самт, шахсан аз тарафи Прокурори генералии ҶТ амалӣ карда мешавад, ки масъулиятнокии кормандонро зиёд менамояд.

Бо назардошти он, ки коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуб дар самти фаъолияти кадрӣ боиси коҳиш ёфтани нуфузи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратура мегардад, Прокурори генералии ҶТ бо фармони худ аз 20 октябри соли 2021 №5-85 «Барномаи таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратураи ҶТ барои солҳои 2021-2023»-ро ба тавсиб расонидааст, ки дар он масъалаҳои дар руҳияи ташаккули муҳити оштинопазир ба вайрон кардани интизоми хизматӣ, меъёрҳои одоби касбӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, дигар кирдорҳои

[184] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С.120-196.

ба обрӯю эътибори корманд ва мақомот иснодоваранда тарбия намудани кормандони мақомоти прокуратура ва дар ин раванд таҳкими низоми фаъолият, интизоми хизматӣ, одоби касбӣ, пешгирии коррупсия, баланд бардоштани мақому манзалати мақомоти прокуратура гузошта шудааст.

Ҳамин тариқ, асосҳои ҳуқуқии ташкили хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар замони муосир бо Конститутсия ва Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ», инчунин мақоми ҳуқуқӣ ва шарту шароити адо кардани хизмати давлатӣ дар прокуратура дар Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва бо фармонҳои дар боло номбаршудаи Прокурори генералии ҶТ танзим мегардад.

Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои адои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура, диққати доираи зиёди олимони соҳаҳои ҳуқуқро дар самтҳои гуногун ба худ ҷалб намудааст. Онҳо паҳлуҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва равонии хизмат дар прокуратураро пажуҳиш намудаанд. Чунончи, В.М. Манохин мафҳумҳои «хизмат» ва «хизмат кардан»-ро чунин шарҳ додааст: «... ин фаъолияти касбии гурӯҳи муайяни шахсон – хизматчиён, оид ба ташкили иҷро ва татбиқи амалии ваколатҳои мақомоти сохтори давлатӣ, ҷамъиятӣ ва гурӯҳи дигари иҷтимоӣ мебошад». Аз ин рӯ, муаллиф ва пайравонаш пешниҳод намудаанд, ки соҳаи қонунгузории хизматӣ ҷудо карда шуда, онро соҳаи мустақили ҳуқуқи хизматӣ номида шавад[185].

Доир ба масоили хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ А.П. Копилов менависад, ки «... аз тариқи қонунгузорӣ ҷудо кардани се намуди хизмати давлатӣ, воқеан, танзими функсияҳои ҳифз намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро дар ҳамаи сохторҳои давлатӣ дар назар дорад. Аммо ҷиҳати ноил гардидан ба ин мақсад қонунгузории соҳа такмил дода шавад, инчунин мувофиқгардонии санадҳои идорӣ ба тақсимоти муқаррарнамудаи қонун ва

[185] Манохин В.М. Нужны основы законодательства о службе // Государство и право. – 1997. – № 9. – С. 7-8; Манохин В.М., Адушкин Ю.С., Багишаев З.А. Российское административное право. – М., 1996. – С. 101; Манохин В.М. Служба и служащие в Российской Федерации: правовое регулирование. – М.: Юристъ, 1997. – С. 9.

муайян намудани доираи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – вазифаҳои басо мураккаб мебошанд»[186].

Ба андешаи олимони давлатшинос, ки ба хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, дар асоси принсипи конститутсионии тақсими ҳокимият хизмати давлатӣ вобаста ба шохаҳои ҳокимият – хизмат дар мақомоти намояндагии давлатӣ, иҷроия ва судӣ тақсим карда мешавад. Дар чунин маврид, ба андешаи Ю.Н. Старилов «... хизмат ҳамчун фаъолияти касбӣ дар мақомоти прокуратура, ки бояд давлатӣ бошад (ва воқеан ҳам чунин аст), аз доираи тақсимоти дар боло овардашуда берун мемонад. – Муаллиф дар идома иброз менамояд, ки – агар аз руи мантики конунгузор амал кунем, прокурорҳо – шахсоне дониста мешаванд, ки бевосита ваколатҳои мақомоти давлатиро ба амал бароварда, мансабҳои давлатии категорияи «А»-ро ишғол менамоянд. Кормандони прокурорӣ (ёрдамчиёни прокурор, муфаттишон) бошанд шахсоне, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро дар категорияҳои «В» ва «С» ишғол мекунанд» [187].

Братановский С.Н. қайд намудааст, ки «... бо қабул гардидани Қонунҳои федералӣ «Дар бораи низоми хизмати давлатии ФР» ва «Дар бораи хизмати давлатии шаҳрвандӣ» дар ФР мақоми қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ба сатҳи баландтар бардошта шудааст. Аммо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки тартиби ташкил ва адои хизмати давлатиро дар мақомоти прокуратура танзим менамоянд, ба пуррагӣ хусусиятҳои муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқиро дар прокуратура ҳамчун мақоми махсуси давлатии назорати иҷрои Конститутсия ва қонунҳо дар бар намегиранд. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф пешниҳод намудааст, ки чунин санади қонунгузорӣ қабул карда шавад»[188]. Ба андешаи мо, барои Тоҷикистон чунин

---

[186] Копылов А.П. Прокурорский надзор. – Тамбов, 2007. – С. 46.
[187] Старилов Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации: теоретико-правовое исследование. – Воронеж: Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 1996. – С. 39
[188] Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации / Под. ред. С.Н.Братановского. – Саратов, 2007. – С.136.

пешниҳод ҷанбаи мубрам надорад, зеро муносибатҳои ҳуқуқӣ-хизматӣ дар мақомоти прокуратура бо Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва санадҳои идории ин мақомот пурра танзим карда шудааст.

Хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ба андешаи олимони дигар, аломатҳои муҳимми хизмати умумии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дорад, ки аз инҳо иборат мебошанд: «а) аз ҷиҳати мазмун – ин ҳифз намудани ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон ва манфиатҳои оммавӣ, арзишҳои моддӣ ва ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ; б) иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби хизматчиёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳатто дар шароити хатари зиёд ба ҳаёти шахсӣ ва саломатӣ; в) мавҷуд будани санадҳои ҳуқуқии махсуси идории танзимкунандаи ташкил ва адои хизмат; г) мавҷуд будани низоми рутбаҳои махсус (либоси низомӣ, нишондиҳандаҳои хизматӣ, сардушӣ (погон) ва) ғ.; д) гузаронидани машғулиятҳои махсуси ҳатмӣ дар вақти хизмат (тирандозӣ, қадамзании низомӣ, обутоби бадан); е) интизоми қатъӣ, яккасардорӣ (муносибати ҳокимият ва итоат); ё) талаботи махсус ҳангоми ба кор қабул намудан ва адои хизмат; ж) тартиботи махсуси ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидан»[189].

Бояд тазаккур дод, ки кормандони мақомоти прокуратура зимни баамалбарории ваколатҳои худ вобаста ба ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолгардидаи ягон нафар, пеш аз ҳама, иродаи давлатро, ки онҳоро барои дар саросари кишвар татбиқ намудани назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ваколатдор намудааст, амалӣ менамоянд.

Қобили қайд аст, ки дар боби 8 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», ки муносибатҳои адои хизмат ва ҷобаҷогузории кадрҳоро дар ин мақомот танзим менамояд, махсус қайд карда нашудааст, ки хизмат дар ин мақомот хизмати давлатӣ мебошад. Зиёда аз он, дар Қ.к. мазкур

[189] Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: учебник для вузов. - 4-е изд., пересмотр.и доп. М.: Норма; ИНФРА-М,. 2010. – С. 323.

меъёри ба ин ё он намуди хизмати давлатӣ шомил намудани хизмат дар мақомоти прокуратура умуман ҷой надорад ва дар фармонҳои Прокурори генералии ҶТ низ масъалаи мазкур баён нагардидааст. Ҳол он ки, қонунгузории ФР ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи мақомоти прокуратура намуди хизмати давлатӣ будани хизмат дар мақомоти прокуратураро мушаххас дарҷ намудаанд.

Аз ҳамин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки бо тариқи қонунгузорӣ ин норасоӣ дар санадҳои меёрии дахлдор бартараф карда шавад. Ҳангоми муҳокимаи ин нуқта, барои мақомоти ҳокимияти қонунгузори кишвар ҳал намудани ду масъала муҳим мебошад: а) хизмат дар мақомоти прокуратура давлатист ё на?; б) агар давлатӣ бошад, пас он ба кадом намуди хизмати давлатӣ тааллуқ дорад?

Тибқи қ. 3 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» - хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ намуди хизмати давлатӣ, фаъолияти касбии шаҳрвандони ҶТ дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷиноятткорӣ нигаронида шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, ба андешаи мо, дар қ. 1 м. 53 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» (мансаби прокурор, кормандони прокурорӣ – прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд) пешбинӣ намудани меъёри зайл ба мақсад мувофиқ мебошад: «Хизмат дар мақомоти прокуратура, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.» Аз чунин меъёр оғоз шудани с. аввал ба номи боб низ ҳаммаъно ва мантиқан мувофиқ аст.

Ба ғайр аз ин, меъёри пешниҳодшаванда намуди махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро қайд менамояд ва ба мақомоти қонунгузор имкон медиҳад, ки нисбат ба кормандони мақомоти прокуратура (прокурорҳо,

муфаттишон) кафолатҳои иловагиро мувофиқ ба мақоми онҳо муқаррар намояд.

Ҷолиби қайд аст, ки меъёрҳои боби 8 Қ.к. болозикр мушаххас накардаанд, ки муносибатҳои хизматӣ, меҳнатии прокуророн ва муфаттишон дар асоси кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровaрда мешаванд. Ҳол он ки, санади ҳуқуқӣ бояд бо назардошти вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқии соҳа моҳиятан муътадил буда, то он даме амал намояд, ки талаботи ҷамъиятӣ ба чунин танзимнамоӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 53 Қ.к. мазкур меъёри дахлдор вобаста ба муносибатҳои хизматӣ дар мақомоти прокуратура дар шакли зерин муқаррар карда шавад: муносибатҳои хизматӣ – меҳнатии прокурорҳо ва муфаттишони мақомоти прокуратура тавассути Кодекси меҳнати ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо ҳамин Қ.к. ба танзим даровaрда мешавад». Бо ҳамин роҳ норасогии меъёри Қ.к. зикргардида пурра гардида, муносибатҳои хизматӣ дар мақомоти мазкур мушаххас карда мешаванд.

Дар хусуси ба хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ марбут будани хизмат дар мақомоти прокуратура ягон шубҳа ҷой надорад, аммо аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ин ҳолат аз манфиат холӣ нест. Аз ҳамин лиҳоз, пажуҳишгар А.А. Мукамбеткалиев қайд намудааст, ки «... доираи васеи татбиқи функсияҳои ҳуқуқҳифзнамоӣ, қобилияти бо иқтидор ва воситаҳои худ ошкор намудани қонунвайронкунӣ, ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун кашидан ва огоҳсозии (пешгирии) минбаъдаи онҳо омилҳое ҳастанд, ки барои ба хизмати ҳифзи ҳуқуқ мансуб донистани хизмат дар мақомоти прокуратура асос шуда метавонанд»[190]. Мо ақида ва аломатҳои муайянкунандаи овардашударо ҷонибдорӣ менамоем.

Аз мазмуни м. 1 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» бармеояд, ки прокуратура функсияи давлатии назорати иҷрои қонунҳоро аз

[190] Мукамбеткалиев А.А. Административно-правовое регулирование внутриорганизационных отношений в органах прокуратуры Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2012. – С. 78.

ҷониби ҳамаи субъектҳои зериназоратӣ амалӣ намуда, ҳамчун мақоми низоми ягонаи марказонидашудаи ҳифзи ҳуқуқ мустақил ва фаъолияти хизматии кормандони он дорои вижагиҳое махсусе мебошад, ки ба дигар хизматчиёни давлатӣ хос нестанд. Дар низоми мақомоти прокуратура шакли иҷроиявӣ-амрдиҳии идоракунии ҳамаи сатҳҳо амал менамояд, ки бо мустақилияти он аз дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ асос ёфтааст (м.м. 6-7 Қ.к. мазкур); тавассути қонун тадбирҳо ва воситаҳои таъсиррасонии прокурорӣ муқаррар гардидааст (м.м. 24, 25-28 Қ.к. мазкур); ваколатҳои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дорад (м. 10 Қ.к. мазкур). Онҳо асос мешаванд, то ки хизмат дар мақомоти прокуратураро комилан намуди хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ намоем.

Пажуҳиши масъалаи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура моро водор месозад, ки пеш аз ҳама, ба худи мафҳуми хизматчии давлатӣ равшанӣ андозем.

Олимон ин мафҳумро аз ҷиҳати гуногун маънидод намудаанд. Масалан, Д.Н. Бахрах иброз медорад, ки «... хизматчии давлатӣ – ин шаҳрванде, ки дар ин ё он ташкилот мансабро (вазифаро) ишғол менамояд, фаъолияти маъмурӣ мебарад ё хизмати иҷтимоӣ-фарҳангӣ мерасонад. Ҳамаи хизматчиёни давлатӣ ба андешаи муаллиф, соҳибкасби соҳаи идоракунӣ мебошанд»[191].

Тихомиров Ю.А. менависад, ки «... хизматчии давлатӣ – шаҳрванде мебошад, ки фаъолияти хизматии касбиро дар мансабҳои давлатӣ адо менамояд ва аз буҷети давлатӣ маблағи пулӣ мегирад»[192]. Ба ақидаи В.М. Манохин «хизматчии давлатӣ ҳангоми адо намудани ваколатҳои хизматии худ бо супориш ва аз номи давлат амал мекунад»[193]. Старилов Ю.Н. менависад, ки «... хизматчии давлатӣ дар мазмуни васеъ – ин субъекти инфиродии ҳуқуқ, ки функсияҳои давлатро на танҳо дар мақомоти давлатӣ, балки дар дигар ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ, низ иҷро менамояд. Ӯ

---

[191] Бахрах Д.Н. Административное право России. – М., 2001. – С. 207.
[192] Тихомиров Ю.А. Административное право и процесс. – М., 2006. – С. 270–271.
[193] Манохин В.М., Адушкин Ю.С., Багишаев З.А. Российское административное право. – М., 1996. – С. 111.

шахсест, ки фаъолияти касбиро оид ба таъмин ва иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ амалӣ менамояд. Байни ӯ ва давлат, дар зинаи муайян муносибати мушаххаси ҳуқуқӣ-хизматии дорои ҷанбаҳои мутақобилаи ҳуқуқ ва ухдадориҳо, маҳдудият ва манъкуниҳо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дигар аломатҳои мақоми ҳуқуқии хизматчии давлатӣ ба миён меояд. Дар мазмуни маҳдуд, ба ақидаи олим, хизматчии давлатӣ – ин шахсест, ки мансаби давлатиро дар хизмати давлатӣ ишғол менамояд, мансабе, ки дар сохторҳои низомии маъмурияти давлатӣ функсияҳои (идоракунӣ, ҳокимиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва таъминкунандаи татбиқи ҳокимияти судии) ҳамин мақомотро дар асоси маблағи пулӣ амалӣ менамояд»[194].

Ба андешаи ин муаллиф, мафҳуми хизматчии давлатӣ ҷанбаи сегона дорад: аввалан, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ-давлатӣ, хизматчии давлатӣ – ин хизматгори давлат (мақомоти он аст), ки бо салоҳияти гуногун давлатро дар муносибатҳои ҳуқуқии дохилию беруна муаррифӣ менамояд; дувум, аз нуқтаи назари маъмурӣ-ҳуқуқӣ, хизматчии давлатӣ ваколатҳои махсуси ҳокимиятии давлатӣ, ташкилию амрдиҳӣ дошта, чораҳои юрисдиксионӣ, ҳуқуқҳифзкунӣ, қабул намудани муҷозоти маъмуриро амалӣ менамояд; сеюм, аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, хизматчии давлатӣ субъекти махсуси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ (барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ) масъул мебошад[195].

Дар радифи гуфтаҳои боло, мазмуни хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва таъйиноти мақомоти мазкур мафҳуми хизматчии давлатии мақомоти прокуратураро чунин ифода намудан мумкин аст: «Хизматчии мақомоти прокуратура – шаҳрванди ҶТ, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дар низоми мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он мансаби музднокро ишғол намуда, дорои рутбаи дараҷавӣ буда, аз номи давлат фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро дар доираи

---

[194] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. Т.1. – М.: Изд-во НОРМА 2002. – С. 28–29.
[195] Старилов Ю.Н. Асари ишорашуда. – С. 29-30.

ваколатҳои ба ӯ вогузоргардида баҳри таъмини қонуният, риояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат амалӣ менамояд».

Вижагиҳои хизмати давлатиро дар мақомоти прокуратура ба назар гирифта, Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» дар қ. 1 м. 53 муқаррар намудааст, ки «ба мақомоти прокуратура шахсе ба кор қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта, синнаш то 35 сола бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ буда, забони давлатиро донад, хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро адо карда бошад ва аз рӯйи вазъи саломатиаш вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро иҷро карда тавонад»[196]. Яъне Қ.к. мазкур синну сол, таҳсилот, донистани забони давлатӣ ва вазъи саломатиро шарти қабул ба кор дар мақомоти прокуратура муайян намудааст. Дар ин ҷо ба андешаи мо, қонунгузор зери мафҳуми «сифатҳои зарурии касбӣ», қобилияти ташкилотчигӣ ва уҳдабароиро дар назар дорад, ки нуктаҳои муҳимми дастгоҳи идоракунӣ маҳсуб меёбад.

Дар Қ.к. мазкур муқаррар карда шудааст, ки ҳуқуқшиносоне, ки таҷрибаи амалӣ надоранд, дар мақомоти прокуратура ба муҳлати як сол коромӯзӣ мекунанд. Дар мавриди истисноӣ Прокурори генералии ҶТ метавонад муҳлати коромӯзиро кутоҳ ё аз коромӯзӣ шахсро озод намуда, ба мақомот ба кор қабул намояд. Инчунин, талаботи дигар ба монанди ба вазифаи прокурорҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе шахсони аз 30-сола боло ва на кам аз 10 сол собиқаи коридошта, ки се солаш дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти прокуратура ё дар вазифаҳои мақомоти олии қонунгузорӣ ё иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ кор карда бошанд, низ муқаррар гардидааст. Ба вазифаи прокурорҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда шахсоне таъйин карда мешаванд, ки

[196] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2021).

синнашон аз 28-сола кам набошад ва собиқаи кории касбиашон дар мақомоти прокуратура аз 5 сол кам набошад, пешбинӣ карда шудааст.

Пажуҳишгарон тартиби ба мақомоти прокуратура ба кор қабул намудан, ба иҷрои вазифа шуруъ кардан ва пешбурди хизматро таҳлил намуда, онро ба зинаҳои хизматӣ ҷудо намудаанд. Масалан Д.Д. Семенчуков зинаҳои асосии хизмат дар прокуратураро чунин тафсир намудааст: а) қабул шудан ба хизмати давлатӣ; б) додани рутбаи тахассусӣ; в) аттестатсия; г) расмиёти қадршиносӣ; д) масъулияти интизомӣ; е) қатъ шудани хизмат дар мақомот[197]. Зинаҳои номбаршуда барои омӯзиш ва корбарӣ бо кадрҳо дар мақомоти прокуратура низ истифода шуда метавонад. Зиёда аз он, расмиёти пешбурди онҳо дар Низомномаи Раёсати кадрҳои ҶТ ифодаи худро ёфтааст[198].

Пажуҳишгар А.А. Сухонин аломатҳоеро пешниҳод намудааст, ки ҷой доштани ақалан яке аз онҳо ба хизмат дар мақомоти прокуратура монеъ мешавад. Яъне, агар: а) шаҳрвандии дигар давлатро дошта бошад; б) бо қарори суд ғайриқобили амал ё қобилияти амалкуниаш маҳдуд карда шуда бошад; в) бо қарори суд аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳо дар хизмати давлатӣ маҳрум шуда бошад; г) доғи судӣ дошта бошад; д) бемор бошад ва мутобиқи хулосаи табибон беморӣ ба адои  вазифаҳои хизматӣ монеа эҷод намояд; е) бо корманди дигари мақомот хешутабори наздик бошад, агар яке аз онҳо ба дигар тобеи хизматӣ дошта бошанд; ё) аз расмиёти иҷозатгирӣ барои кор бо маълумотҳои сирри давлатӣ саркашӣ намояд[199].

Ба андешаи мо, таҳлили ҳамаи ин аломатҳо дар мавриди ба кор қабул намудани довталаб ба мақомоти прокуратура зарурат надорад. Масалан, агар довталаб қобилияти ҳуқуқдорӣ ё амалкунӣ надошта бошад, ӯ мактаби олиро хатм намуда, ба мақомоти прокуратура муроҷиат карда наметавонад.

[197] Семенчуков Д.СД. Прокуратура России вчера и сегодня. – М., 2001. – С. 144.
[198] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 126-132.
[199] Сухинин А.А. Государственная кадровая политика применительно к кадрам органов и учреждений прокуратуры Российской Федерации. // Юриспруденция. – 2015. – №1 (26). – С. 67-68.

Асоси саркашӣ намудан аз риоя намудани расмиёти иҷозатгирӣ барои кор кардан бо сирри давлатӣ – ҷанбаи декларативӣ дорад. Дар амалияи ба кор қабул намудани кормандони прокуратура чунин воқеият умуман ба миён намеояд, зеро довталаб қаблан огоҳ ва розӣ аст, ки бо ҳамаи хусусиятҳои хос дар прокуратура кор кунад. Аз ҳамин лиҳоз, ӯ ҳеҷ гоҳ аз риоя намудани расмиёти зарурӣ саркашӣ намекунад.

Дар навбати худ мо асосҳоеро ҷонибдорӣ менамоем, ки ҳамчун талабот ба довталаби хизмат дар мақомоти прокуратура дар м. 53 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» оварда шудааст, яъне доштани шаҳрванди Тоҷикистон, маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, донистани забони давлатӣ, доштани сиҳатмандӣ ва ахлоқи ҳамида. Мутобиқи б. 11 м. 53 шахсоне, ки барои ҷинояткорӣ маҳкум шудаанд, ба истиснои шахсони сафедкардашуда, ба мақомоти прокуратура ба кор қабул карда намешаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки бинобар қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 ба воситаи  Қ.к. ҶТ, «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қ.к. аз 29 январи соли 2021, №1752 ба м. 53 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ду тағйироти муҳим ворид карда шуд: аввалан, танҳо доштани шаҳрвандии ҶТ; дуюм – адо намудани хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок, ҳамчун шарти ба кор қабул шудан дар мақомоти прокуратура ворид карда шуд[200].

Ба андешаи мо, ҳар ду шарти номбар ва ба қонунгузории прокуратура иловашуда хеле муҳим, саривақтӣ ва барои давлатдории муосири мо зарурӣ мебошанд, зеро мақомоти прокуратура яке аз дастгоҳҳои муҳимми маъмурияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар он бояд танҳо шаҳрвандони ҶТ, шахсони ба давлату миллат содиқ, мутааллиқи дигар давлатнабуда ба кор

[200] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 январи соли 2021, №1752. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.01.2021).

қабул карда шаванд. Қаблан қонунгузории кишвар душаҳрвандиро инкор намекард ва шахсони дорои шаҳрвандии кишварҳои дигар низ метавонистанд ба ин мақомот ба кор дароянд, ки акнун ба ин таҷриба хотима бахшида шуд. Сониян, шахсони баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба кор қабулшуда, бинобар хеле ҷавон будан, надоштани малакаи корӣ ва ҳаётӣ, дар чунин мақомоти давлатӣ ба мушкилиҳои зиёд дучор мегардиданд. Адо намудани хизмати ҳатмии ҳарбӣ, мактаби ҷасорату мардонагӣ ва ҳаётӣ буда, барои обутоб ёфтани кадри мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бонуфузи давлатӣ – прокуратура муфид арзёбӣ мегардад.

Низоми муосири интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти прокуратура хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Масалан, бо назардошти шароити махсуси корӣ, ки бо хатар ба саломатӣ, ҳаёт ва дигар ҳолатҳои воқеӣ вобастагӣ дорад, аз довталабон гузаштани муоинаи тиббиро талаб менамояд, номзадҳо ба вазифаи прокурор ё муфаттиши прокуратура номи нек ва рафтори ҳамида бояд дошта бошанд.

Ба ғайр аз ин, мутобиқи талаботи қонун шахсоне, ки бори аввал ба вазифаи прокурор ва муфаттиши прокуратура таъйин мешаванд, савганди корманди прокуратураро ёд мекунанд, ки матни он дар қ. 4 м. 53 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» оварда шудааст[201].

Ҳамин тариқ, мақоми баланди иҷтимоии корманди мақомоти прокуратура нисбат ба дигар хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба сохторҳои бо кадр таъминкунанда имконият медиҳад, ки беҳтарин ва арзандатарин кадрҳоро интихоб намоянд.

Вобаста ба ин дар б.б. 1.4.-1.6. фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2015 №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти прокуратураи ҶТ» қайд карда шудааст, ки кор бо кадрҳо самти муҳимми

---

[201] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.01.2021).

низоми мақомоти прокуратура буда, талаб менамояд, ки ба фаъолияти кории кормандон, сифатҳои касбию маънавии онҳо диққати махсус дода, онҳо дар руҳияи риояи бемайлони талаботи қонун, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа, давлат ва одоби касбӣ тарбия карда шаванд. Дар баробари ин риояи қатъии талаботи «Кодекси одоби корманди прокуратураи ҶТ» ва «Барномаи таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратураи ҶТ» аз тарафи кормандон таъмин карда шаванд[202].

Ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, назоратӣ ва бозбинии мақомоти прокуратураро, ки табиати ташкилии ҳокимиятӣ доранд ба назар гирифта, Прокурори генералии ҶТ дар фармони номбурда талаб намудааст, ки «захираи кадрҳо барои пешбарӣ намудан ба вазифаи баланд аз ҳисоби кормандони лаёқатманд, ки дониши хуби касбӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорати роҳбарикуниро доранд, ташкил карда шавад».

Қобили зикр аст, ки дар кори интихоби кадрҳо ба мақомоти прокуратура самти асосиро тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон, ки муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносиро хатм менамоянд, ташкил медиҳад. Бояд зикр кард, ки дар ин самт камбудиҳои ҷиддӣ низ ба назар мерасад, аз ҷумла масъалаи шумораи зиёди хатмкунандагон бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва ба ҷойи кор таъмин намудани онҳо. Масалан, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳар сол қариб 800 – 1000 нафар мутахассиси ҳуқуқшинос омода менамояд. Талаботи прокуратура, ки тавассути тақсимот мутахассисони ҷавонро ба кор даъват менамояд, на беш аз 30 нафарро ташкил медиҳад. Агар ҳар сол тахминан 50 нафар Вазорати корҳои дохилӣ, 20 нафар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, 20 нафар ба Агентии назорати маводи нашъадор, 20 нафар Вазорати адлия ва 50 нафар ба дигар мақомот дархост шаванд, ҷамъ тахминан 150-200 нафар хатмкунанда бо ҷойи кор таъмин мегарданд ва боқимонда хатмкунандагонро

[202] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 122.

зарур аст, ки ба худ бо ихтисоси гирифтаашон ҷойи корӣ пайдо намоянд. Мутаассифона, чунин ҳолат рақобати (сифатии) кадриро дар миқёси кишвар ба миён наовардааст. Ба андешаи мо, масоили мазкур ду роҳи ҳал дорад. Аввалан, талаботи кадрии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар вазорату идораҳоро ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ба назар гирифта, идораи омори ҷумҳуриявӣ ҳар сол ба Ҳукумати ҶТ зарурати кадриро ба мутахассисони ҷавон пешниҳод намояд. Дар навбати худ Ҳукумати ҶТ ба Вазорати маориф ва илми ҶТ барои таъмин намудани дархостҳои кадрӣ супориш фиристода, бо ин роҳ тақсимоти давлатиро ба роҳ монад. Дуюм, тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон аз ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ҳуқуқшиносӣ) бардошта шуда, қабули кормандон (ҳуқуқшиносони касбӣ) ба ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату идораҳо дар асоси озмун ва риоя намудани шартҳои қонунгузории соҳавӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ҳамин радиф, бо мақсади интихоби мутахассисони ҷавони босавод ва лаёқатманд ба мақомоти прокуратура пешниҳод карда мешавад, ки ҷоизаи Прокурори генералии ҶТ таъсис дода шуда, ҳар сол моҳҳои март – апрел озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни ҳуқуқшиноси муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои дарёфти ҷоизаи мазкур баргузор, кадрҳои арзанда аз ҳисоби ғолибони озмун интихоб ва ба кор дар мақомот қабул карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки тартиби расмиётии ба вазифа таъйин намудани кормандони масъули прокуратура дар Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва дар Регламенти ПГ, ҳамчунин дар Низомномаи раёсати кадрҳои ин мақомот бо тариқи меъёрӣ мустаҳкам карда нашудааст. Ҳамзамон, Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғол намудани ҷойҳои холии вазифаҳои маъмурии хизмати давлатӣ амал мекунад, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ карда шудааст ва аз он ҶТ низ истифода мебарад[203].

[203] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» аз 10 марти соли 2016, №647. Махзани

Азбаски санади ҳуқуқии идоравӣ оид ба гузаронидани озмун барои ишғол намудани вазифаҳои холӣ дар мақомоти прокуратура вуҷуд надорад, пешниҳод карда мешавад, ки ба б. 1 фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти прокуратураи ҶТ» дар с. дуюм матни зерин илова карда шавад: «Бо мақсади интихоби кадрҳои лаёқатманд ба мақомоти прокуратураи ҶТ аз ҷониби ҶТ озмуни расмӣ барои ишғол намудани вазифаҳои холӣ ҳар сол ду маротиба эълон ва баргузор карда шавад». Бо ҳамин мазмун ва матн ба фасли 2 м. 5 Низомномаи Раёсати кадрҳои ҶТ илова ворид намудан низ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Масъалаи дигари муҳимми пешбурди хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ин ташкили санҷиши маҳорати касбӣ ва донишу малакаи кормандони прокуратура маҳсуб меёбад. Бо ин роҳ самаранокии фаъолияти кормандони ин ниҳод муайян карда мешавад ва он гузаронидани аттестатсия ба ҳисоб меравад. Дар б. 5 м. 54 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» қайд карда шудааст, ки «Кормандони прокуратура аз рӯйи тартибе, ки Прокурори генералии ҶТ муайян мекунад, аз аттестатсия мегузаранд»[204]. Дар асоси ин меъёри Қ.к. Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти прокуратураи ҶТ» бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016 №5-37 тасдиқ карда шудааст[205], ки дар м. 2 он «Аттестатсия воситаи муҳимми сайқал додани тарзу усулҳои кор бо кадрҳои мақомоти прокуратура буда, барои беҳтар намудани фаъолияти амалии прокурорҳо ва муфаттишон дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани савияи дониш, маҳорати касбӣ ва тарбияи онҳо

---

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 27.01.2021).

[204] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 27.01.2021).

[205] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 149-158.

дар руҳияи бемайлон ва поквиҷдонона иҷро намудани вазифаҳои хизматиашон равона карда шудааст», арзёбӣ карда мешавад.

Олимони соҳа аттестатсияро ҳамчун воситаи муҳимми хизмати давлатӣ арзёбӣ намуда, дар бораи он ақидаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд. С.Н. Братановский қайд намудааст, ки «... аттестатсиякунонӣ барои додани баҳои ҳамаҷониба ба сифатҳои ахлоқӣ ва кордонии хизматчии давлатӣ мусоидат намуда, ҳамчун воситаи воқеии мукофотонидан ва болоравии зинавии хизматӣ зарур мебошад, он барои тадриҷан муайян намудани сатҳи тайёрии касбии хизматчӣ, дараҷаи мувофиқати он ба талаботи пешниҳодшаванда зарур мебошад»[206].

Аттестатсиякунониро олими шинохтаи соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ Д.Н. Бахрах тартиби бо қонун муайянкардашуда ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳисобида навиштааст, ки «бо мақсади ошкор намудани дараҷаи мувофиқати хизматчии давлатӣ ба вазифаи ишғол намудааш, мақомоти салоҳиятдор (комиссияи аттестатсионӣ) ба сифатҳои кордонӣ, шахсӣ ва ахлоқӣ, ки барои иҷро намудани функсияҳои ба зиммаи корманд гузошташуда зарур аст, аттестатсия мегузаронад. Дар низоми хизмати давлатӣ аҳаммияти аттестатсия назар ба таҳқиқи маводҳои меъёрӣ хеле васеъ буда, он бо сифати кори дастгоҳи идоракунӣ вобаста аст»[207].

Ақидаҳои илмии овардашуда барои хизмати давлатӣ дар ҶТ басо мубрам буда, ба андешаи мо, онҳо пурра ва воқеъбинона аҳаммияти расмиёти маъмурӣ-ҳуқуқии аттестатсиякунониро дар низоми мақомоти прокуратураи ватанӣ ифода менамоянд.

Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти прокуратураи ҶТ»-ро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор дода, мо ба хулоса омадем, ки он дар маҷмуъ ба консепсияи ҳуқуқии гузаштани хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура, ки Қ.к. ҶТ «Дар

---

[206] Братановский С.Н. Административное право России: учебник. М.: Директ-Медиа, 2013. – С. 334.
[207] Бахрах Д.Н. Административное право. – М., 2001. – С. 363.

бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» муайян намудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, Низомнома хусусиятҳои хоси ба мақомоти прокуратура мувофиқро низ дорад. Аз ҷумла, давраи аттестатсиякунонӣ тибқи м. 3 дар панҷ сол як маротиба муқаррар карда шудааст, аммо барои пеш аз муҳлат гузаронидани аттестатсия Низомнома шартҳои зеринро муқаррар намудааст: а) ҳангоми дигар шудани моҳияти вазифаи ишғолнамуда, агар соҳаи кор тағйир ёбад ё худ прокурор (аз ҷумла, болоӣ) онро лозим донад; б) ҳангоми ба вазифаи баланд пешбарӣ гардидан, агар онро Прокурори генералии ҶТ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон лозим шуморанд; в) дар ҳолатҳои вазифаҳои хизматии худро ба таври бояду шояд иҷро накардан ва содир намудани кирдорҳои бадномкунанда. Муқаррар карда шудааст, ки аттестатсияи ғайринавбатии кормандони прокурорӣ аз тарафи Прокурори генералии ҶТ таъйин карда мешавад. Аттестатсияи пеш аз муҳлат дар асоси пешниҳод гузаронида мешавад[208].

Вижагии дигари Низомномаи мазкур дар он аст, ки мутобиқи он рутбаи аввалини вазифавӣ низ бо пешниҳоди комиссияи аттестатсионӣ дода мешавад. Масалан, тибқи б. 5 Низомнома шахсоне, ки ба вазифаҳои корманди прокурорӣ бори аввал таъйин мегарданд ва таҷрибаи кории ҳуқуқӣ доранд, баъди на камтар аз 6 моҳи кор аттестатсия карда мешаванд ва агар ин корманд рутбаи махсус надошта бошад, дар қарори комиссияи аттестатсионӣ оид ба сарфароз гардонидани ӯ бо рутбаи аввалини дараҷавӣ ба Прокурори генералии ҶТ пешниҳод манзур карда мешавад.

Мутобиқи б. 9 Низомномаи болозикр комиссияҳои аттестатсионӣ дар Дастгоҳи марказии ҶТ, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон дар ҳайати раис, котиби масъул ва аъзои комиссия (бо шумораи тоқ) аз ҳисоби муовинони

---

[208] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 148-157.

прокурорҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо, инчунин кормандони таҷрибадори прокуратура таъсис дода мешаванд. Комиссия аттестатсияи кормандро баргузор карда, онро муҳокима мекунад, дониш ва лаёқатмандии ӯро ҳаматарафа ба воситаи саволу ҷавобҳо санҷида, дар ғоибии корманд бо аксарияти овозҳо қарор қабул менамояд. Аъзои комиссия ҳангоми қабули қарор бетараф буда наметавонанд (б. 24). Қарорҳои комиссияҳои аттестатсионӣ аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд (б. 26).

Аттестатсиякунонӣ дар мақомоти прокуратура воситаи муҳимми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо буда, ҷанбаи назоратии доимӣ аз болои хизматчиёни прокуратураро дорад. Аз ин рӯ зарур аст, ки мазмуни ҳуқуқии аттестатсия дар Қ.к. мазкур васеътар карда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба қонуни номбурда меъёри муайянкунандаи аттестатсия бо мазмуни зайл илова карда шавад: Аттестатсия – ин расмиёти маъмурии танзимкунандаи назорат ва баҳодиҳӣ ба сифатҳои кордонӣ, шахсӣ, ахлоқӣ ва натиҷаи хизматии корманди мақомоти прокуратура буда, барои муайян намудани сатҳи омодагии касбӣ, мувофиқати хизматчии прокуратура ба мансаби ишғолнамудааш, додани рутбаи вазифавӣ, ҳавасмандгардонӣ, баланд бардоштани самаранокии идории низоми мақомоти прокуратура ташкил ва гузаронида мешавад.

Дар шароити муосир ҷиҳати тақвияти устувории кадрии мақомоти прокуратура зарурати таҳия ва бароҳмонии як қатор тадбирҳо миён омадааст. Махсусан, мо ба он андеша ҳастем, ки вобаста ба масъалаи мазкур қабули ҳуҷҷати барномавӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар иртибот бо ин пешниҳод менамоем, ки «Консепсияи сиёсати кадрӣ дар мақомоти прокуратураи ҶТ» таҳия ва қабул гардида, аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад. Таҳия ва мавриди амал қарор додани Консепсияи мазкур рушди иқтидори кадрӣ дар мақомоти прокуратураро давра ба давра муайян

намуда, дар ин замина сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти мақомоти номбурда баланд бардошта мешавад.

Ҳамин тариқ, хизмат дар мақомоти прокуратура (мансаби прокурор, кормандони прокурорӣ – прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд) ифодагари фаъолияти амалии кормандони дахлдори мақомоти мазкур мебошад, ки мазмунан ба низоми мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ мансуб буда, дар доираи он иҷрои ваколатҳо ва вазифаҳо, инчунин амалишавии мақсадҳои мақомоти прокуратура таъмин мегарданд.

## 2.4. Санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи ҶТ

Рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар ҶТ гарчанде ба талаботи замон ва тағйироти қонунгузорӣ амалӣ гашта истода бошад ҳам, аммо ҳанӯз онро комилу мукаммал ва ҳамаҷониба ҳисобидан бармаҳал мебошад. Зеро дар ин риштаи илм соҳаҳое вуҷуд доранд, ки падидаҳои муҳимми онҳо аз ҷиҳати илмӣ пажуҳиш нашудаанд, масалан, ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ ва ғ. Дар баробари ин масоили зиёди илмии мутааллиқ ба ду ё якчанд соҳаи ҳуқуқ ё дар пайвандгоҳи соҳаҳои илм қарордошта, ҳатто дар самтҳои илмҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат ё назорати прокурорӣ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор нагирифтаанд, ки ба ин табиати ҳуқуқии санадҳои прокурорӣ мисол шуда метавонад.

Фаъолияти бисёрҷанбаи мақомоти прокуратура, аз ҷумла роҳбарӣ ва идоракунии низоми прокуратура бо қабул намудани санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунӣ алоқамандии зич дорад ва ваколати прокурор оид ба қабул намудани чунин санадҳои ҳуқуқӣ дар .к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинӣ карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, мо дар ин бахши кор табиати ҳуқуқии санадҳои маъмурии прокурорро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ олимон доир ба мафҳуми умумии «санади ҳуқуқӣ» ақидаҳои гуногун иброз намудаанд. Масалан, ба ақидаи О.В. Шопина «санади ҳуқуқӣ – ин ҳуҷҷати расмии бо тартиби муқаррарнамудаи қонун қабулкардашудае мебошад, ки иродаи субъекти ҳуқуқро ифода менамояд, бо тартиби муқарраргардида ба расмиёт даровардa шуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оиди ба даст овардани мақсадҳои мусбӣ – иҷтимоӣ танзим ва оқибатҳои юридикиро пайдо менамояд»[209].

Василев Р.Ф. қайд менамояд, ки «санади ҳуқуқӣ» ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро бо роҳи муқаррарнамоии (тағйирдиҳӣ, радкунӣ, дигаргуннамоии самти фаъолият) меъёрҳои ҳуқуқ, инчунин муқаррарнамоии (тағйирдиҳӣ, қатънамоӣ) муносибатҳои ҳуқуқӣ танзим намуда, натиҷаҳои он дар намуди супориш, муроҷиат, қарордод ва ғ., бо тарзи муайяннамудаи қонун дар шакли ҳуҷҷат (санад-ҳуҷҷат) ба расмият даровардa мешаванд[210].

Алексеев С.С. навиштааст, ки «санади ҳуқуқӣ – ба шакли муайян (шифоҳӣ-ҳуҷҷатӣ) ба расмиётдаровадашудаи ифодаи берунаи (зоҳирии) иродаи давлат, мақомоти он ва шахсони алоҳида буда, ба сифати дорандаи аломатҳои зарурии низоми ҳуқуқӣ – меъёрҳои ҳуқуқӣ, амали ҳуқуқӣ, супоришҳои инфиродӣ ва қарорҳои мустақил хизмат менамояд[211].

Тихомиров Ю.А. бар он ақида мебошад, ки «санади ҳуқуқӣ – ин ҳуҷҷати хаттӣ ва расмии аз тарафи субъекти ваколатдор (мақомоти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ, падидаҳои демократияи бевосита) қабулкардашуда, дорои хусусияти расмӣ ва қувваи ҳатмии ҳокимиятӣ мебошад, ки ҷиҳати ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст»[212].

---

[209] Шопина О.В. Понятие признаки и системные связи правовых актов // Юридический журнал. – 2007. – №2. – С. 27-37.
[210] Васильев Р.Ф. О понятии правового акта // Вестник МГУ. – Серия Право. – 1998. – №5. – С. 25.
[211] Алексеев С.С. Общая теория права: Курс в двух томах. – М.: Юрид. лит., 1982. – С. 192-193.
[212] Тихомиров Ю.А., Котельникова И.В. Правовые акты: учебно-практическое и справочное пособие. – М., 1999. – С.17.

Мафҳуми мукаммали санади ҳуқуқиро пажуҳишгар Д.И. Милкова чунин қайд намудааст, ки «санади ҳуқуқӣ – ин ҳолати ба худ хоси расмиёти ҳуқуқӣ (умумӣ, инфиродӣ) ба таври дахлдор (маъмулан шифоҳӣ-ҳуҷҷатии махсус) моҳиятан иродаи давлатро ифода намуда, ба воситаи муқаррар ва мустаҳкам намудан дар ин санадҳо ба ноил гардидани таъсиррарасонии муайяни ҳуқуқӣ равона гардида, тавассути он аломатҳои мазмунии низоми ҳуқуқӣ дар қонун мустаҳкам карда мешавад»[213].

Дар сарчашмаҳои илмӣ «санад» бо мазмунҳои зерин оварда шудааст: «а) амали ягона, рафтор, зоҳир намудани амал; б) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи чизе; в) қонуни муқаррарнамоии мақомоти давлатӣ ё ташкилоти ҷамъиятӣ; г) ҳуҷҷати расмӣ, навиштаҷот, суратҷаласа (протокол)».

Ҳамин тариқ, дар асоси ақидаҳои илмии овардашуда мафҳуми санади ҳуқуқиро маъмулан бо тариқи зайл ифода намудан мумкин аст: Санади ҳуқуқӣ – ин шакли дар ҳуҷҷати расмӣ ифодаёфтаи натиҷаи фаъолияти мақомот ё шахси мансабдори он мебошад, ки дар доираи ваколатҳояшон қабул намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки фаъолият дар мақомоти прокуратура, аз ҷумла, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, роҳбарӣ, идорӣ ва ғ. низ бо воситаи қабул намудани санади дахлдор амалӣ карда мешавад, ки онҳо ба умумӣ ва инфиродӣ ҷудо мешаванд.

Прокурори генералӣ ҳамчун сарвари низоми прокуратура ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мутобиқи қ. 1 м. 18 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» санадҳои ҳуқуқӣ дар намуди: фармон, амр, дастур, низомнома ва дастурамал қабул менамояд, ки иҷрои он барои тамоми кормандони мақомоти прокуратура ҳатмӣ мебошад. Бо чунин санадҳо ҳам масъалаҳои умумии ташкили фаъолияти мақомот ва ҳам самтҳои алоҳидаи он ба танзим (расмиёт) даровarда мешавад.

[213] Милкова Д. Юридические акты в социалистическом праве: понятие и система. – София, 1984. – С. 47.

Ин ҷо бояд қайд намуд, ки дар б. 134 Регламенти ҶТ, дар фарқият аз м. 18 Қ.к. зикршуда шакли дигари санади ҳуқуқии прокурор – супориш низ нишон дода шудааст, аммо табиати ҳуқуқии ин санад дар Регламент ё Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» мустаҳкам карда нашудааст.

Ба ғайр аз ин, дар баъзе фармону низомномаҳо фармоиш ҳамчун санади ҳуқуқии прокурор қайд карда шудааст. Масалан, дар б. 12 Низомнома «Дар бораи шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, мониторинги қонунгузорӣ ва маркази матбуоти ҶТ ҶТ», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 17 декабри соли 2015 №5-261 тасдиқ карда шудааст, аз тарафи ин шуъба таҳия намудани фармоиши прокурор ҳамчун санади ҳуқуқӣ қайд карда шудааст[214].

Ҳамин тариқ, барои роҳбарӣ ва идора намудани мақомот Прокурори генералӣ ва прокурорҳои ба ӯ тобеъ дар доираи ваколатҳояшон санадҳои ҳуқуқӣ қабул менамоянд. Моҳиятан қисми зиёди ин санадҳо бо доштани ҷанбаҳои дохилиидоравӣ ва роҳбарикунанда санадҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошанд.

Фармонҳои Прокурори генералии ҶТ чи тавре дар боло қайд карда шуд хусусияти умумӣ ва фардӣ доранд. Фармонҳои хусусияти умумидошта оид ба масъалаҳои ташкили фаъолият дар мақомот қабул гардида, ба муайян намудани самтҳои мушаххаси он равона гардида, фармонҳои хусусияти фардӣ бошад, вобаста ба масъалаҳои кадрӣ, нисбати корманди муайян ва ё гурӯҳи онҳо қабул карда мешаванд. Фармонҳо (умумӣ) аз маҷмуи меъёрҳо ва қоидаҳое иборат мебошанд, ки механизми воқеии аз ҷониби мақомот иҷрои Қ.к. мазкур ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд.

Фармонҳо дар асоси қонунҳо қабул гардида, набояд ба талаботи онҳо мухолифат намоянд. Одатан тавассути фармонҳо ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқии дохилинизомии мақомот, тартиби фаъолият дар низом ва сохторҳои он ба танзим дароварда шуда, маҳакҳои тафовути

[214] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 272.

салоҳияти онҳо доир ба масъалаҳои гуногун муайян ва масъалаҳои дигари идоракунӣ ва роҳбарӣ ҳал карда мешаванд. Масалан, бо фармони Прокурори генералӣ аз 15 феврали 2016 №5 «Дар бораи вазифаҳои мақомоти прокуратура оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ» вазифа ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура, ки дар натиҷаи таҳлили вазъи қонуният, фаъолият вобаста ба мустаҳкам намудани он ва хусусиятҳои марҳилаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ба даст оварда шудаанд, муайян карда шудааст[215].

Мутобиқи фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2015 №27 «Дар бораи вазифаҳои мақомоти прокуратура оид ба ташвиқу тарғиби қонунҳо, иштирок дар тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ва робита ба ҷомеа» ба ғайр аз вазифаҳои умумӣ ва самтҳои муайяни фаъолият, ваколатҳои прокуророни ҳудудӣ ва махсусгардонидашуда дар самти тарғибу ташвиқи қонунгузорӣ мушаххас карда шудааст. Ин санади ҳуқуқӣ заминаи меъёрии ташкили ҳамкории прокуророни номбурда буда, такрорёбиии фаъолияти онҳоро аз байн мебарад.

Доир ба масъалаҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ фармонҳои «соҳавӣ» ба тасвиб расонида шуда, дар онҳо вазифаҳои ба зиммаи мақомот вогузоршуда мушаххас ва соҳаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки фаъолият муайян карда мешаванд.

Инчунин, дар амалияи фаъолияти прокурорӣ фармонҳои хусусияти умумӣ-маҷмуидошта низ ба назар мерасанд, ки ба он фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №24 «Дар бораи тақсимоти ваколатҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти прокуратураҳои нақлиётӣ ва ҳудудӣ оид ба таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзур намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар нақлиёт» мисол шуда метавонад. Дар он вазъи

---

[215] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 217-224

ҷиноятко̄рӣ, таҳлили зуҳурот ва тамоюлоти манфӣ баҳогузорӣ, вазифаҳои мақомот ба тavри мушаххас нишон шуда, як қатор қарорҳои хусусияти меъёридошта оид ба танзими муносибатҳои ташкилӣ, хусусан байни прокурорҳои ҳудудӣ ва нақлиётӣ ҷорӣ карда шудааст. Аз ҷумла, дар зербанди 3 б. 3. Фармони мазкур қайд карда шудааст, ки «... натиҷаҳои санҷишҳо ва рейдҳои муштарак бо иштироки прокурорҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти дигари манфиатдор, роҳбарони Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», корхонаҳои нақлиёти ҳавоӣ, дар истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳои ин корхонаҳо мавриди муҳокима қарор дода шуда, тавассути воситаҳои ахбори омма ба иттилои аҳолӣ расонида шавад»[216].

Санади ҳуқуқӣ – амр дар баамалбарории фаъолияти прокурорӣ чун санади ҳуқуқӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқии Прокурори генералии ҶТ дар м. 18 Қ.к. мазкур дарҷ гардида, вале на дар он ва на дар дигар санадҳои дохилӣ-идорӣ мафҳум, мазмун ва моҳияти он дода нашудааст. Танҳо дар баъзе аз санадҳои ҳуқуқии идорӣ омода намудани лоиҳаи амр номбар шудаасту халос. Масалан, тибқи зербанди 2 б. 12 Низомномаи Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии ҶТ таҳияи лоиҳаи амр ҳамчун ваколати сардори Раёсат нишон дода шуда, вале дар таҷриба ва амалияи фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура низ чунин санад дар шакли муайян ё намунаи хоси он ҷой надорад.[217]

Мисоли дигар, дар асоси фармони Прокурори генералии ҶТ аз 7 апрели соли 2020 №5-66 ҷиҳати аттестатсиякунонии кормандони мақомоти прокуратура комиссияи аттестататсионии ҶТ созмон дода шудааст, ки асоси онро амри Прокурори генералии ҶТ ташкил медиҳад, аммо амри мазкур дар

[216] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 13.
[217] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 120.

шакли ҳуҷҷат набуда, ба таври шифоҳӣ ибрози иродаи роҳбари мақомот мебошад. Дар амалияи фаъолияти прокурорӣ танҳо дар чунин ҳолатҳо амр содир карда мешавад ва дар таҷриба намунаи ягонаи он мавҷуд намебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар м. 28 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» танҳо табиати ҳуқуқии амри прокурор, ҳамчун санади таъсиррасонӣ (эътиноӣ) пешбинӣ карда шудааст.

Амри хаттӣ дар бораи бартараф намудани қонунвайронкунӣ аз тарафи прокурор, муовини ӯ ё шахси ваколатдоркардаи онҳо ба мақом, шахси мансабдор ё шахсони воқеӣ, ки ба вайрон кардани қонун роҳ додаанд, пешниҳод карда мешавад[218].

Амри прокурор дар мавридҳое пешниҳод карда мешавад, ки қонунвайронкунӣ хусусияти ошкоро дошта, агар он фавран бартараф карда нашавад, ба манфиати давлат, корхона, муассиса, ташкилот, инчунин шаҳрвандон зарари ҷиддӣ расонида метавонад. Амр бояд бетаъхир иҷро гардад, ки дар ин бора ба прокурор хабар дода мешавад.

Чун консепсия ва меҳвари тадқиқоти илмии моро дар асос ва ба воситаи санадҳои таъсиррасонии (эътиноии) худ ба муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ ворид гардидани мақомоти прокуратура (прокурор) ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз, мо чунин хулоса баровардаем, ки санадҳои эътиноии прокурорӣ низ дар як маврид санадҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд.

Супориши прокурор – ин санади ҳуқуқии умумӣ мебошад, ки тибқи он супориши якдафъаина (дар бораи ташкили намудани ин ё он чорабинӣ, додани дастури методӣ ё омода намудани санади мушаххас, қабули қарори дахлдор ва ғ.) дода мешавад. Тавассути супоришҳо воситаҳои методии гуногун, ташкил намудани фаъолият бо тарзу усули навтарин ва ғ. ҷорӣ карда мешавад. Масалан, дар асоси фармони Прокурори генералии ҶТ №21 аз 21

---

[218] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2022).

октябри соли 2015 «Дар бораи вазифаҳои мақомоти прокуратура вобаста ба баланд бардоштани самаранокии назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон» тартиб ва усулҳои мушаххаси бартараф намудани сабабу шароитҳои вайронкунии қонун нишон дода шудааст. Ҳамин тавр, дар б. 8. Фармони мазкур ба прокуророн супориш дода шудааст, ки дар таъмин намудани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсия ва барномаҳои давлатии дар заминаи қонун қабулгардидаро дар фаъолияти ташкилию назоратӣ ба таври васеъ истифода намоянд, мунтазам санҷишҳо гузаронида, ба вайронкунии қонун роҳ надиҳанд[219].

Дар б. 95 Регламенти ҶТ қайд карда шудааст, ки супоришҳо ба прокурорҳои поёнӣ дар асоси дастуру супоришҳои Президент ва Ҳукумати ҶТ, қарорҳои Маҷлиси миллии МО ҶТ, нақшаи кории ҶТ, Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ, қарорҳои ҳайати мушовара ва маҷлисҳои фаврӣ-назоратии назди Прокурори генералии ҶТ ирсол гардида, шумораи онҳо набояд дар як нимсола зиёда аз 20 адад бошад. Дар дигар ҳолатҳо супоришҳо ба прокуророни поёнӣ танҳо бо иҷозати Прокурори генералии ҶТ ирсол карда мешаванд[220].

Дар амалигардонии фаъолияти мақомоти прокуратура санади ташкилию ҳуқуқӣ дар намуди фармоиш истифода карда мешавад, ки тавассути он қарорҳои муайянкунандаи (тағйирдиҳандаи) муносибатҳои ҳуқуқии идории дохилӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, фармоиш дар бораи тақсимоти вазифаҳои дар байни прокуророни раёсат ва шуъбаҳо; пешниҳод ба прокурори болоӣ, хулосаи марбут ба натиҷаи санҷиши ариза, шикоят ва ғ., эродҳо ба санадҳои назоратӣ ва дохилиидории мақомоти поёнӣ.

---

[219] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 46-47.
[220] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 110-111.

Мисоли равшани ин санад фармоишҳое мебошанд, ки дар асоси фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2015 №5-22 «Дар бораи истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммкникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура» ба ҳамаи раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар сохторҳои мақомот, масалан, дар бораи пешниҳод намудани маълумоти электронӣ, аз ҷумла қайд карда шудааст, ки маълумот бояд ба забони тоҷикӣ ва русӣ тарзи чопи компютерӣ бо ҳуруфоти шакли «Times New Roman» пешниҳод карда шаванд. Маълумот бояд кӯтоҳ, мантиқан дуруст, пурмазмун, ҷумлаҳои он пай дар пай ва оммафаҳм бошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ доир ба ин масъала қайд карда шудааст, фармоиш – ин супориши якдафъаина мебошад. Масалан, фармоиш дар бораи тасдиқ намудани ҳайати комиссияи прокуратураи болоӣ барои гузаронидани санҷиши комплексӣ дар прокуратураи поёнӣ[221], фармоиш дар бораи гузаронидани аттестатсия дар прокуратураи мушаххас, ё нисбат ба гурӯҳи кормандони мақомоти прокуратура (ёрдамчиёни прокурор, муфаттишон ва ғ.) ва ғ.

Ё ин ки тибқи б. 5 Регламенти ҶТ сардорони раёсату шуъбаҳо оид ба тақсимоти вазифаҳои хизматӣ дар байни кормандон фармоишҳо мебароранд, ки онҳо аз тарафи Прокурори генералӣ ва ё муовинони ӯ тасдиқ карда мешаванд[222].

Дар амалияи фаъолият ба тасвиб расонидашудани чунин фармоишҳо аз ҷониби сардорони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон низ ҷой доранд, аммо чунин ваколат доштани сардорони бахшу шуъбаҳо дар ягон санадҳои дохилии мақомот аз лиҳози ҳуқуқӣ мустаҳкам карда нашудааст.

---

[221] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры Российской Федерации: дис. ... д-ра. юрид. наук – Москва ,1997. – С. 251.

[222] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 98-99.

Инчунин, табиати ҳуқуқии фармоиш, ҳолат, асосҳои қабул ва истифода намудани он дар санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти прокуратура пешбинӣ нашудааст. Бо назардошти ин, пешниҳод менамоем, ки дар Регламенти ҶТ асосҳои қабули фармоиши Прокурори генералии ҶТ дар баробари фармон, супориш, амр, низомнома, дастур ва дастурамал муайян ва холигиҳои болоӣ бартараф карда шавад.

Дастурамал – маҷмуи тавзеҳот ва супоришҳое мебошад, ки дар шакли хос қабул карда мешавад. Чун қоида, дастурамал шарҳи қоидаҳо ва фаҳмиши мафҳумҳоеро дар бар мегирад, ки тартиби ҳал намудани масъалаҳои фаъолияти ташкилӣ, кадрӣ, методӣ, молиявӣ ва техникии прокуратураро пешбинӣ менамояд.

Дастурамал вобаста ба самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура қабул карда мешавад, ки онҳо бо таври мукаммал дар қонун танзим нашудаанд (дастурамалҳои коргузорӣ, ҳисоботи оморӣ, тартиби нигоҳ доштани далелҳои шайъӣ, нигоҳ доштани яроқи хизматӣ ва ғ.). Масалан, бо Дастурамал «Дар бораи «телефони боварӣ»-и ҶТ ҶТ» аз 4 апрели соли 2016, №5 тартиби ягонаи қабул, бақайдгирӣ ва мавриди баррасӣ қарор додани муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон, ки тариқи «телефони боварӣ»-и ҶТ дар тамос мешаванд, ба низом дароварда шудааст.

Дар б. 1.3. Дастурамали мазкур омадааст, дастгоҳи «телефони боварӣ» бо рақами мушаххаси телефони шаҳрӣ пайваста буда, бо таҷҳизоти худкори гуфтугӯӣ васл карда шудааст, яъне ба таври худкор муроҷиати шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ сабт карда мешавад[223].

Бо Дастурамал «Дар бораи иштироки прокурор дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» 11 апрели соли 2016, №5-54 ба прокурорҳо, ки ба сифати айбдоркунандаи давлатӣ дар суд иштирок менамоянд дастур дода шудааст, ки иштироки онҳо дар муҳокимаи судӣ танҳо пайгирии ҷиноятӣ

[223] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 290.

набуда, онҳо бояд кафили таъмини ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда ва шахсе бошанд ки аз ҷиноят зарар дидааст.

Бояд тазаккур дод, ки бинобар бо қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим шудани самтҳои асосии фаъолияти прокуратура, дастурамал ҳамчун санади ҳуқуқии тавзеҳотӣ ва мушаххаскунандаи методиву дастурӣ, кам истифода мешавад.

Дар низоми ҶТ ташкил ва тартиби фаъолияти ҳар як сохтор ва зерсохтор ба таври васеъ дар низомномаҳо мавриди танзим қарор дода шудааст. Мутобиқи м. 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Низомнома – ин санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд[224].

Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии ҶТ ҶТ» аз 14 августи соли 2015, №539 ба тасвиб расидааст, ки тибқи он дар Дастгоҳи марказӣ 15 – раёсат, 7 – шуъба, ёрдамчиёни калони Прокурори генералии ҶТ барои супоришҳои махсус ва бахши коргузории махфӣ мавҷуданд, ки тартиби фаъолият ва самтҳои фаъолияти онҳо бо низомномаҳои марбута ба танзим дароварда шудаанд[225]. Низомномаи раёсату шуъбаҳо баъди баррасӣ ва тасдиқ намудани онҳо аз тарафи Прокурори генералии ҶТ ба қувваи қонун медароянд. Масалан, бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29 апрели соли 2016 №5-70 «Низомнома дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти прокуратураи ҶТ» ва «Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар мақомоти прокуратураи ҶТ» тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шудааст. Тибқи

---

[224] Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.02.2022).

[225] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 51-52.

Низомномаи мазкур тартиби ташкили кор бо мутахассисони ҷавон ва бозомӯзии онҳо дар мақомоти прокуратура муайян карда гардидааст.

Ҳамин тариқ, низомнома яке аз санадҳои муҳимми муайянкунандаи мақоми ҳуқуқи сохтор ва зерсохторҳои прокуратура мебошад, ки хусусияти соҳавӣ ва идориро дар худ таҷассум менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки санадҳои ташкилӣ-идории мақомоти прокуратура ҳамчун намуди муҳимми ҳуҷҷати хизматӣ шинохта шуда, фаъолияти мустақили маъмурӣ-идории мақомотро ифода менамоянд. Онҳо бо санадҳои мурофиавӣ, тафтишотӣ ва назоратии прокуратура алоқамандии зич дошта, ҳамзамон хусусиятҳои тафовуткунандаро низ соҳиб мебошанд. Санадҳои ҳуқуқии прокурорӣ бояд ба талаботи умумӣ, ки асос ва тартиби омода намудани онҳоро муқаррар менамоянд, ҷавобгӯ бошанд. Маъмулан онҳо аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёния, асосоноккунӣ ва хулосавӣ (пешниҳодӣ, дастурӣ) иборатанд. Дар баъзе санадҳо ин қисмҳо муфассал баён гардида, дар баъзеи дигар танҳо ишора карда мешавад. Таносуби иқтидори иттилоотӣ ва сатҳи дастуротии чунин санадҳо зимнан аз хусусият ва мазмуни вазифаҳое, ки тавассути онҳо ҳал карда мешаванд, вобастагӣ дорад. Дар ҳама ҳолат ин санадҳо бояд ба Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, фармонҳои Прокурори генералии ҶТ мутобиқат намоянд.

Бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 20 октябри соли 2021 №5/85 «Барномаи таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратураи ҶТ барои солҳои 2021-2023» тасдиқ карда шудааст ва меъёрҳои он ҷанбаи фармоишӣ доранд. Масалан, дар қ. 2 он бо мақсади таъкид ва огоҳсозӣ кормандони мақомот ҷиҳати даст ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ назадани онҳо қайд карда шудааст, ки дар давраи амали барномаҳои қаблӣ барои солҳои 2010-2012 нисбати 16 нафар, солҳои 2013-2015 нисбати 6 нафар, солҳои 2016-2018 нисбати 2 нафар ва солҳои 2019-2020 нисбати 2 нафар кормандони мақомоти прокуратура барои

содир кардани кирдорҳои коррупсионӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Дар шароити тағйирёбандаи вазъи ҳуқуқиву иқтисодии замони муосир ва рушди давлатдории кишвар дар мақомоти прокуратура талаботу қоидаҳои дахлдор ҷорӣ карда (барасмият дароварда) мешаванд ва давра ба давра бо дарназардошти тағйирот дар қонунгузорӣ ва сохторӣ-ташкилии мақомот онҳо таҷдид мегарданд.

Регламенти ПГ, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №3 тасдиқ карда шудааст, дар ин замина такмил дода шуда, тартиб ва ташкили фаъолияти ПГ-ро дар асоси қонунгузории кишвар, санадҳои байналмилаллии аз ҷониби ҶТ эътирофгардида ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дохилинизомӣ муайян менамояд[226]. Аз ҷумла, дар фарқият аз Регламенти қаблӣ, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 10 апрели соли 2013 №5-23 тасдиқ карда шудааст, дар он вобаста ба санадҳои ҳуқуқӣ боби алоҳида (боби 7) бахшида шудааст. Ин ҳуҷҷат сирф санади маъмурӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи раванди идоракунӣ дар мақомоти прокуратура мебошад.

Мутобиқи Регламенти мазкур Прокурори генералии ҶТ санадҳои ҳуқуқиро, ки иҷрои онҳо ба ҳамаи кормандон ҳатмӣ мебошад, қабул мекунад ва низомномаҳои раёсату шуъбаҳоро, ки дар онҳо самтҳои асосии фаъолият, вазифаҳо, уҳдадориҳо ва ваколатҳои ин воҳидҳо муқаррар шудаанд, тасдиқ мекунад. Инчунин, дар тамоми матни Регламент санадҳои Прокурори генералӣ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд.

Ин ҷо бояд қайд намоем, ки тибқи муқаррароти м. 9 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” санадҳои ҳуқуқии Прокурори генералии ҶТ дар радифи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қарор надорад. Аз ин рӯ, таклиф карда

[226] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 98.

мешавад, ки ин кабудиҳо бо даровардани тағйирот ба Регламенти ПГ бартараф карда шавад.

Бо мақсади баҳодиҳии фаъолияти кории кормандони прокурории мақомоти прокуратура комиссияи аттестатсионӣ созмон дода мешавад, ки фаъолияти худро дар асоси Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти прокуратураи ҶТ» амалӣ намуда, ташкили кор ва назорати фаъолияти он ба зиммаи яке аз муовинони Прокурори генералии ҶТ гузошта мешавад.

Регламенти болозикр тасдиқ намудааст, ки фаъолияти ташкилӣ – идории ПГ тибқи принсипи минтақавӣ-мавзуӣ амалӣ карда мешавад. Чуноне, ки дар боло қайд гардида буд, ин принсипи роҳбарӣ ва идоракунии соҳавии мақомоти прокуратура мебошад. Дар алоқамандӣ бо ин принсип дар ҳуҷҷати мазкур қайд гардидааст, ки шуъбаи таҳлил ва омор воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии ПГ-ро бо маълумотҳои омории муқоисавӣ таъмин намуда, раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ мунтазам маълумотҳоро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, бо мақсади такмил ва беҳтар намудани фаъолияти мақомоти прокуратура ва дар сатҳи давлатӣ баррасӣ намудани масъалаҳои ҳалталаб ба Прокурори генералии ҶТ таклифҳои асоснок пешниҳод менамоянд.

Ҳамин тариқ, бо рушди фаъолият ва низоми мақомоти прокуратура дар ихтиёри прокурорҳо, ки функсияи роҳбариро амалӣ менамоянд, санадҳои нави ҳуқуқии хусусияти идоридошта ба монанди: регламент, кодекси одоби корманди мақомоти прокуратура, консепсия ва барномаҳои мақсаднок мавҷуданд, ки барои беҳтар намудани фаъолияти роҳбарӣ ва идорӣ дар мақомот равона карда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки санадҳои ташкилию ҳуқуқии прокуратура хусусиятҳои ба худ хос ва ҳамаи аломатҳои санади идоракуниро доранд. Ин хусусиятҳоро қайд намуда, А.Ф. Смирнов навиштааст, ки «... хусусияти асосии санадҳои прокурорӣ, ки ба идоракунӣ равона карда шудаанд, дар

мақсадгузории онҳо ифода меёбад, зеро онҳо барои таъмин намудани шароити беҳтарини фаъолияти кормандони прокуратура равона карда шудаанд»[227] ва барои ноил шудан ба ин мақсад, ба андешаи муаллиф, ки бо ӯ мо ҳамфикрем ва онҳо бояд чаҳор функсияро таҷассум намоянд:

– роҳбарикунанда (роҳнамоӣ) – мақсад ва вазифаҳои амалкарди низоми идоракуниро ифода менамояд (мисоли онҳо – фармон, дастур супориш, нақшаи корӣ ва ғ.);

– таъминкунанда – самт ва тарз, усул, қувва ва воситаҳои фаъолияти низоми идоракуниро дар самти муқарраркардашуда муайян менамоянд (мисол, низомномаҳои раёсату шуъбаҳо, дастурамалҳои вазифавӣ ва ғ.);

– ҳамоҳангсозанда – тартиби ҳамоҳангнамоии фаъолияти якҷояи меҳнатиро ифода менамоянд (мисол, нақшаи чорабиниҳои муштарак);

– ҳавасмандкунанда – шартҳоеро муайян менамояд, ки барои пурра ошкор намудани қобилияти тахассусии корманд баҳри иҷрои вазифаҳои хизматӣ равона карда шудаанд.

Ин функсияҳо бо роҳи қабул намудани: консепсияҳо, тартиб додани нақша ва барномаҳо, гузаронидани машваратҳо, ҷаласаҳо ва мушовараҳо, инчунин дар асоси фармон, фармоиш, супориш, дастур, қарор, тавсиянома, пешниҳод, мактуб, вазифа, регламент ва ғ. Дар амал татбиқ карда мешаванд, моҳиятан санадҳои ташкилӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти прокуратура мебошанд[228].

Қайд намудан зарур аст, ки ҳамаи санадҳои мақомоти прокуратура аз тарз ва тартиби коркарди онҳо вобастагӣ доранд ва ин тартибот аз зинаҳои мантиқан пайдарпайи зерин иборатанд: а) дарк намудани шароити идоракунӣ ва муайян намудани роҳҳои ҳалли он; б) интихоб намудани тарзу усулҳои ҳалли он; в) баҳодиҳӣ ба тарзу усулҳои ҳалли масъала; г) интихоб намудани беҳтарин тарзу усулҳои ҳалли он; д) ба расмият даровардан ва ғ.

---

[227] Смирнов А.Ф. Организационно-правовые факторы оптимизации управления в органах прокуратуры Российской Федерации: дис. ... д-ра. юрид. наук. – Москва, 1997. – С. 255-256.
[228] Асари ишорашуда. – С. 257.

Агар прокурор-роҳбар аз рӯйи ҳамин пайдарҳамӣ амал намуда, санадҳои худро ба он мувофиқ гардонад, роҳбарӣ намудани зердастон ва мақомот (идора) ҷанбаи мақсаднокро пайдо менамояд.

Аз рӯйи зинаҳои пешниҳодшуда амал намудан барои он зарур мебошад, ки дар фаъолияти идоракунии мақомоти прокуратура роҳбар ба мушкилоте рубару мегардад, ки ҳал намудани онҳо танҳо аз рӯйи дониш, малака ё ақли солим мушкил мебошад, дар чунин ҳолат зарурати зина ба зина мутобиқ намудани санади прокурорӣ ба тартиби ишорашуда пеш меояд, ки онро ҳолати маъмурӣ меноманд[229].

Ҳолатҳои маъмурӣ дар мақомоти прокуратура – ҳолатҳои воқеӣ мебошанд, ки аз прокурор – роҳбар қабул намудани санади зарурии хусусияти идоридоштаро талаб менамояд. Ин ҳолатҳо дар натиҷаи кори роҳбар ё зердастон, яъне субъект ва объекти идоракунӣ ба миён омаданашон мумкин аст.

Кхол И. Пешниҳод намудааст, ки дар зинаи ҷустуҷӯ ва интихоби ҳалли масъала ҳангоми коркарди санади идорӣ бояд омилҳои зерин ба назар гирифта шавад: муҳлат, тарз, захираҳои истифодашаванда, интихоби гунаи (варианти) беҳтарин, муайян намудани роҳбар ва иҷрокунанда, яъне зердаст[230].

Ба андешаи муҳаққиқон интихоб намудани гунаи муносиби санади идоракунӣ на танҳо чораи расмиётӣ-маъмурӣ, балки раванди илмӣ-эҷодӣ низ мебошад, ки самаранокии он аз омилҳои субъективӣ ва объективӣ вобастагӣ доранд. Вобаста ба амалияи фаъолияти прокуратураи ФР А.Ф. Смирнов омилҳои зеринро муайян намудааст: а) ҷой надоштани фарқият ё мушахасгардонии салоҳият байни зинаҳои мухталифи мақомоти прокуратура дар самти қабул намудани санадҳои идорӣ; б) набудани манобеи меъёрӣ, ки шарт ва тартиби қабули санади идориро танзим менамояд; в)

[229] Смиронв А.Ф. Асари ишорашуда. – С. 258.
[230] Кхол Й. Эффективность управленческих решений. М.: Прогресс, 1975. – С. 39.; Дар ин бора муфассал ниг.: Голубков Е.П. Управленческие решения / Е.П. Голубков. М.: Дело и сервис, 2005. – С. 544.

набудани сарчашмаи зарурии иттилоотӣ барои интихоб намудани намудҳои санади идорӣ; г) аз лиҳози ҳуқуқӣ коркард нашудани принсипҳои ташкил ва қабули санади идорӣ, ки ҷараёни пешбурди расмиётиро тасдиқ менамоянд[231].

Ба андешаи мо, омилҳои номбурда барои фаъолияти идории мақомоти прокуратура ҳам мубрам мебошанд. Ҳамчун мисол метавон гуфт, ки бо Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КРМ) расмиёти коркард ва қабули санади маъмурӣ-идорӣ пурра танзим карда шудааст, аммо мутобиқи қ. 1 м. 3 Кодекси мазкур, меъёрҳои он ба фаъолияти мақомоти прокуратура дахл надорад. Ҳол он ки мақомоти прокуратура табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ дорад ва бахши муҳимми таъминкунандаи идоракунии самараноки давлатӣ мебошад. Бо мақсади бартараф намудани ин норасогӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар Регламенти ПГ, дар боби санадҳои меъёрии ҳуқуқии прокуратура, меъёрҳои танзимкунандаи тартиби коркард ва қабули санадҳои ҳуқуқии прокуратура, аз ҷумла санадҳои идории он ворид карда шавад.

Ҳамин тариқ, қабул намудани қарори идоракунӣ дар мақомоти прокуратура фаъолияти марҳилавии ҳамаи иштирокдорони идоракунии соҳа буда, барои муайян намудани ҳолатҳои идорӣ ва ҳал намудани масоили ба миёномада равона карда мешавад.

Бо назардошти он ки прокуратура мақомоти махсусгардонидашудаи назоратии давлатӣ мебошад ва санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идории он ба санадҳои эътинойӣ зич алоқаманд мебошанд, ба таври мухтасар табиати ҳуқуқии санадҳои эътинойии прокурорро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Бояд қайд намоем, ки мафҳуми расмӣ ва меъёрии санади эътинойии прокурор дар Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти прокуратура (Регламенти ПГ ва фармонҳои Прокурори генералии ҶТ) дода нашудааст.

---

231 Смиронв А.Ф. Асари ишорашуда. – С. 261.

Аз ҷиҳати илмӣ, муаллифон вобаста ба самт ва вазифаҳои таҳқиқоти худ ин мафҳумро тавсиф намудаанд. Ю.А. Авагимова табиати ҳуқуқии санадҳои эътиноии прокурориро вобаста аз моҳияташон таҳқиқ ва аломатҳоеро ҷудо намудааст, ки бо онҳо санадҳои эътиноӣ аз дигар воситаҳои эътиноии гуногуншакли прокурорӣ фарқ карда шаванд. Ин аломатҳо чунинанд:

1) санади эътинoии прокурорӣ – ин ифодаи хаттии ваколатҳои прокурор ва инъикоси ҳуҷҷатии воситаи эътинoии ӯ буда, ваколатҳои ҳокимиятии прокурорро тасдиқ менамояд;

2) қабул намудани санади эътинoии прокурор – ин қарори мустақили корманди ваколатдори прокуратура мебошад;

3) санади эътинoии прокурор – талаботи ҳатман иҷро намудани масъалаи гузошташударо дорад;

4) санадҳои эътинoии прокурорӣ хусусияти инфиродӣ доранд, зеро ба шахси мушаххас равона карда шудаанд, ки ба вайронкунии қонунгузории аз тарафи прокурор ошкоркардашуда роҳ додааст;

5) санади эътинoии прокурор воқеияти ҳуқуқӣ мебошад, ки онро беэътибор гузошта намешавад, зеро он чун дигар воқеиятҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқии муайянро пайдо, тағйир ва қатъ менамояд;

6) санади этинoии прокурор – ин санади ҳуқуқтатбиқкунанда мебошад, чунки ба меъёри мавҷудаи ҳуқуқӣ асос меёбад, аммо меъёри нав эҷод намекунад;

7) санади эътинoии прокурорӣ ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, дорои сохтори муайян, иборат аз қисмҳои таркибӣ мебошад. Чун дигар ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ он аз қисмҳои: муқаддимавӣ, баёния, асосноккунӣ ва хулосавӣ (резолютсионӣ) иборат мебошад;

8) санади эътинoии прокурор хусусияти бавосита дорад, зеро прокурор ҳуқуқвайронкунии ошкоршударо худаш ислоҳ намекунад, балки ба воситаи ҳамин санад ислоҳ намудани камбудиро талаб менамояд;

9) санади эътинoии прокурор хусусияти муҳлатнок дорад, зеро тартиби баррасӣ ва иҷрои он бо муҳлати муқаррарнамуда вобаста мебошад.

Дар асоси аломатҳои дар боло зикргардида ба хулоса омадан мумкин аст, ки таърифи санади эътинoии прокурориро пешниҳод намоем. Санади эътинoии прокурорӣ – ин ҳуҷҷати расмии дар шакли хаттӣ ифодаёфтаи муайян ва махсуси ҳуқуқии шахси мансабдор ва ваколатдори мақомоти прокуратура мебошад, ки тавассути он ба қонунвайронкуниҳои дар рафти санҷиши прокурорӣ ошкоргардида эътино зоҳир карда мешавад.

Дар радифи таърифи додашуда, меъёрҳои қонунро, ки санадҳои эътинoии прокурориро мавриди танзим қарор додаанд, баррасӣ намудан муҳим мебошад.

Дар м. 24 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ваколатҳои прокурор ҳангоми назорати умумӣ дар бораи чор намуди санади эътинoии прокурорӣ эътироз, пешниҳод, қарор ва амр муқаррарот мавҷуд мебошад. Прокурор ҳангоми назорати умумӣ ҳуқуқ дорад: а) доир ба санадҳои мақомот ва ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдор, ки хилофи қонун мебошанд, эътироз оварад; б) бо қарори худ шахсонеро, ки ғайриқонунӣ дучори боздошти маъмурӣ шудаанд, озод кунад; в) дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу шароити мусоидаткунандаи онҳо таклифҳо пешниҳод намояд; г) дар бораи бартараф кардани вайронкунии ошкорои қонун амрҳо диҳад[232].

М. 25 Қ.к. мазкур ба эътирози прокурор бахшида шуда бошад ҳам, ин меъёр табиати ҳуқуқии эътирозро ҳамчун санади эътиноӣ пурра ошкор накардааст, аз ин лиҳоз, муайян намудани аломатҳои он барои таҳқиқи илмӣ аҳмиятнок мебошад. Ин аломатҳо чунинанд: а) санади ҳуқуқӣ мебошад; б) санади прокурор ё муовини ӯ мебошад; в) ба субъекти санади

[232] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2022)

эътирозшавандаро қабул намуда ё мақомоти болоии он оварда мешавад; г) барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшударо ба миён мегузорад; д) амали санади эътирозшавандаро боз медорад; е) мuҳлатнок мебошад.

Чуноне ки аз аломатҳои овардашуда бармеояд, эътирози прокурор санади ҳуқуқии дорои мазмуни васеъ мебошад, аммо аломати санади ҳуқуқӣ будани он дар меъёри қонун мустаҳкам карда нашудааст. Мазмунан васеъ будани он на танҳо нисбат ба ҳуҷҷатҳои (санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои) мақомот ва шахсони мансабдор, балки ба амал (беамалӣ) низ равона шуданаш мумкин аст.

Пешниҳоди прокурор дар м. 26 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» муқаррар карда шудааст, ки тибқи он пешниҳод дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда аз ҷониби прокурор, муовини ӯ ба мақом, ташкилот ё шахси мансабдоре, ки барои бартараф кардани қонунвайронкунӣ ваколат дорад, дода мешавад ва он бояд фавран баррасӣ шавад. Дар мuҳлати на дертар аз як моҳ бояд оид ба бартараф намудани қонунвайронкунӣ, сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда тадбирҳои дахлдор андешида, аз натиҷаи он ба прокурор хаттӣ хабар дода шавад.

Дар ин ҷо низ, қонунгузор табиати ҳуқуқии пешниҳодро мушаххас накардааст, аз мазмун ва муҳтавои он бармеояд, ки пешниҳод ҳуқуқ ва уҳдадорӣ эҷод намекунад. Аммо, бартараф намудани қонунвайронкунӣ ва сабабу шароити ба он овардаро матраҳ менамояд. Пешниҳодро таклифи ҳатмӣ гуфтан мумкин аст, зеро агар эътироз мазмунан норозигии прокурорро ифода намояд, пешниҳод таклифи хусусияти талабкунӣ, на тавсиявиро пеш мегузорад. Аз ҳамин лиҳоз, ин санад бештар бо мафҳуми эътино (таваҷҷуҳ, аҳаммият, эътибор) наздиктар аст. Дар чунин ҳолат низ, ба андешаи мо, муҳтавои ин калима аз ҷанбаи ҳокимиятӣ ва таъсиррасонӣ доштан иборат мебошад.

Қарори прокурор ҳамчун санади эътиноӣ тибқи м. 27 Қ.к. мазкур аз тарафи прокурор ё муовини ӯ асосан барои оғоз намудани истеҳсолоти муҷозотӣ (интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ) ва парвандаи ҷиноятӣ бо назардошти хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ нисбат ба шахсони воқеӣ (ҳуқуқӣ) ё мансабдор қабул карда мешавад. Ин санад низ санади ҳуқуқии дорои қувваи ҳокимиятӣ мебошад, зеро барои таъмин намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Қарори прокурор ҷанбаи муҳлатнок ва ташкилию маъмурӣ дорад, зеро талаб менамояд, ки дар муддати даҳ рӯзи баъди расидани он аз тарафи шахси мансабдор ё мақоми салоҳиятдор баррасӣ шавад. Инчунин, дар асоси қарори прокурор гурӯҳҳои тафтишоти фаврӣ таъсис дода мешаванд.

Дар бораи табиати ҳуқуқии амри прокурор мо дар боло андешаҳо баён карда будем. Дар ин ҷо қайд намудан кифоя аст, ки ин санад низ санади ҳуқуқии прокурор ва муовини ӯ буда, мумкин аст аз тарафи онҳо шахси масъули мақомоти прокуратура барои қабул намудани амри хаттӣ ваколатдор карда шавад. Амри прокурор барои фавран бартараф намудани қонунвайронкуниҳои хусусияти ошкородошта, ки дар акси ҳол (фавран бартараф накардани) онҳо метавонанд ба манфиати давлат ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ зарари ҷиддӣ расонананд, қабул карда мешавад. Амр бояд бетаъхир иҷро гардад, ки дар ин бора ба прокурор хабар дода мешавад. Ин санад хусусияти шикоятшаванда дорад ва метавонад аз тарафи мақомот, шахси мансабдор ё шахси воқеӣ ба прокурори болоӣ шикоят карда шавад, ки он дар муҳлати даҳ рӯз баррасӣ карда мешавад.

Бояд тазаккур диҳем, ки қонунгузор дар м. 29 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» мафҳуми «эътинои»-ро (дар мазмуни – таваҷҷуҳ, аҳаммият, эътибор) бо ибораи калидии «талаби қонун» муайян намудааст, ки дар эътироз, пешниҳод, қарор ва амри прокурор «талаб кардан» муҳаррики асосӣ мебошанд. Зимнан дар санадҳои эътиноӣ ҳолатҳои зерин, мушаххасан, нишон дода мешаванд: а) кадом талаби қонун аз тарафи

кӣ вайрон карда шудааст; б) моҳияти вайрон кардани қонун дар чист; в) шахсони мансабдор, мақомот, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ дар кадом муҳлат бояд камбудиҳоро бартараф намоянд.

Ҳолатҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки санадҳои эътинои прокурор бо нуқсону камбудиҳои табиати ҳуқуқиашон, феълан танзими ҳуқуқии худро дар Қ.к. мазкур ёфтаанд, аммо ба андешаи мо қонунгузор дастгоҳи меъёрии таъминкунии онҳоро муайян накардааст. Гарчанде, ки дар қ. 2 м. 29 Қ.к. зикршуда қайд карда шудааст, ки шахсони мансабдор, мақомоти ваколатдор ё шахсони воқеие, ки эътироз, пешниҳод, қарор, амри прокурорро дар муҳлаташ иҷро накардаанд, беасос рад намудаанд ё барои бартараф намудани вайронкунии қонун, ки дар пешниҳоди прокурор нишон дода шудааст, чора надидаанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд[233], аммо дар қонунгузории ватанӣ муҷозот барои қасдан иҷро накардани талаботи санадҳои эътинои прокурор тавре ки ҳамин ҳолат дар м. 17.7 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ФР пешбинӣ карда шудааст, вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки дар боби 27 КМҲ меъёри муқарраркунандаи муҷозот барои қасдан иҷро накардани талабот санадҳои эътинои прокурор (вайрон кардани муҳлати иҷро, беасос рад намудан, бартараф накардани қонунвайронкунӣ) пешбинӣ карда шавад.

Масалан, ба КҲМ м. 485[1] бо мазмуни зайл ҳамроҳ карда шавад:

Барои риоя накардани талаботи ҳуҷҷатҳои мавриди эътинои прокурорӣ (эътироз, пешниҳод, қарор, амр), яъне: дар муҳлат иҷро накардан, беасос рад намудан ва бартараф накардани қонунвайронкунӣ:

– ба шахсони воқеӣ – ба андозаи аз 5 то 10;

– ба шахсони мансабдор – ба андозаи аз 10 то 30;

[233] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2022)

– ба шахсони ҳуқуқӣ – ба андозаи аз 30 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, дар фармонҳои Прокурори генералии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураи ҶТ тартиби таҳия ва қабул намудани санадҳои ҳуқуқии дар м. 18 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» пешбинишуда вуҷуд надорад, аз ҳамин лиҳоз ба андешаи мо, дар Регламенти ПГ пешбинӣ намудани тартиби таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи ҶТ аз манфиат холӣ нест.

# БОБИ 3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ПРОКУРОР ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ

## 3.1. Вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ

Дар марҳилаи кунунӣ ҶТ ба зинаи нави инкишофи худ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми инкишофи давлатдории тоҷикон муайян намуда, дар ин замина солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон карданд[234]. Тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба инкишофи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла танзимкунандаи ҳолати ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, соҳа ва самтҳои нави ҳуқуқӣ таъсир расонидааст, ки дар ин ҷода рушди ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ тақозои рӯзмарра мебошад.

Бояд қайд намуд, ки мурофиаи маъмурӣ дар қонунгузории Тоҷикистони шӯравӣ низ ҷой дошт (дар Кодекси мурофиавии граждании соли 1963 боби махсус ба баррасии парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ бармеоянд, бахшида шуда буд), аммо меъёрҳои ин бобро меъёрҳои мурофиавии маъмурӣ намешумориданд, зеро онҳо агар истифода шаванд ҳам, дар чорчӯбаи мурофиаи гражданӣ бо тартиби пешбурди махсус амалӣ карда мешуданд[235]. Ҳоло бошад, ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ соҳаи мустақили низоми ҳуқуқии ватаниро ташкил медиҳад ва қонунгузории соҳавии худро дорад.

Олимон, пажуҳишгарони соҳаи ҳукуқи маъмурии кишварамон қайд намудаанд, ки сохтори ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ аз бахшҳои расмиётӣ ва юрисдиксионии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва аз унсурҳои

[234] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳатарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021. Реҷаи дастрас: www.president.tj (санаи мурочиат: 01.06.2023)

[235] Муфассал дар ин бора ниг.: Иброҳимов С.И. Административная юстиция в Республики Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы. – Душанбе: «Дониш», 2015. – С. 620.

зерин иборат мебошад: 1) пешбурди марбут ба санадҳои меъёрии маъмурӣ-ҳуқуқӣ (м.м. 13-26 КРМ); 2) пешбурди меъёрэҷодкунии маъмурӣ (м.м. 27-71 КРМ); 3) пешбурди марбут ба санадҳои ғайримеъёрии маъмурӣ ва иҷрои онҳо; 4) пешбурди иҷозатдиҳӣ-литсензиякунонӣ; 5) пешбурди бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатӣ; 6) пешбурди мукофотонӣ; 7) пешбурди гузаронидани озмун барои дохил шудан ба хизмати давлатӣ; 8) пешбурди стандарткунонӣ ва баҳодиҳии мувофиқат (аккредитатсия, сертификатсия, декларатсия, назорат ва контрол)[236].

Маҳз дар ин ҷараён аз ҷониби давлат баамалбарории кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (м.5 Конститутсияи ҶТ), аз ҷумла ҳуқуқи овардани шикоят ба амал (ҳаракат ё беҳаракатии) ва қарорҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он зоҳир мегардад.

Тавре ки таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ва дигар субъектон дар ингуна муносибатҳо ба дараҷаи дилхоҳ нарасидааст. Азбаски прокурор ҳамчун иштирокчии мурофиаи маъмурӣ дар ин муносибатҳо мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ҳолатҳои болоӣ такмил додани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти номбурдаро дар ин самт, бахусус таъмини иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, инчунин такмили шакли чунин иштирок дар мурофиаҳои судӣиро талаб менамояд.

Дар доираи барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии кишвар (аз соли 2007 оғоз шуда, то ҳол давом дорад) аллакай чор барнома мавриди татбиқ қарор дода шуд, ки дар онҳо аз ҷумла, чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани нақши прокурор дар мурофиаи маъмурӣ ҷойи худро ёфтааст.

---

[236] Ойев Х. Ҳуқуқи мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе. 2013. – С. 134-137, 207-208, 417, 483-531; Марифхонов Р.Н. Проблемы правового регулирования административных процедур в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М, 2013. – С. 63-64.

Маъмулан прокурор иштирокчии мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, вазифаҳояш асосан, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст.

Зарурати чунин иштирок дар он зоҳир мегардад, ки прокурор баробарии мурофиавии байни шахс, гурӯҳи шахсон аз яктараф ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дигарро таъмин менамояд. Яъне, агар шаҳрванд нисбат ба мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдори ҳокимияти иҷроия дар бораи беэътибор донистани санад ва амали (беамалии) онҳо даъво пешниҳод карда бошад, дар мурофиаи судии маъмурӣ ӯ мумкин аст худро нисбат ба мақомоти давлатӣ заифтар эҳсос намояд ва иштироки прокурор ин ҳолатро ба мувозинат медарорад. Ба ғайр аз ин, прокурор барои ҳимоя намудани манфиатҳои субъектони дигар низ ба суд муроҷиат карда метавонад.

Чунин мавқеи прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ аз мазмуни қ. 3 м. 2 Қ.к. ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ» бармеояд, ки мутобиқи он адолати судӣ дар ҶТ, аз ҷумла дар шакли мурофиаи маъмурӣ ба амал баровардa мешавад ва мантиқан қ. 2 м. 1 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ»-ро инъикос менамояд.

Омӯзиш ва пажуҳиши вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ муайян намуд, ки он аз вижагиҳои зерин иборат аст: а) дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ прокурор аз номи давлат баромад менамояд; б) ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ ба миён омадаанд, ҷанбаи ҳокимиятӣ ва итоатӣ доранд; в) аз ҷиҳати субъективӣ дар муқобили прокурор тарафи дигари мурофиавиро мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахси мансабдори он ишғол намудааст. Чунин ҳолат рақобати мурофиавии ду мақомоти давлатиро инъикос менамояд, ки талаботи яке аз онҳо ба қонун мухолифат дорад[237].

[237] Марифхонов Р.Н. Асари ишорашуда. – С. 18.

Мутобиқи м. 36 КМГ – шахсони иштирокчии парванда: тарафҳо, шахсони сеюм, прокурор, шахсоне, ки ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон муроҷиат намудаанд ё дар мурофиа бо мақсади додани хулоса тибқи асосҳои пешбининамудаи м.м. 4, 47, 48 ва 49 ҳамин Кодекс баромад мекунанд, аризадиҳандагон ва шахсони манфиатдор оид ба парвандаҳои мурофиаи махсус мебошанд[238].

Қобили қайд аст, ки қонунгузории амалкунандаи мурофиавии иқтисодӣ ва расмиёти маъмурӣ, ки қисмати мурофавии судиро дар бар мегиранд, мафҳуми «иштирокчии мурофиа»-ро накушодаанд. Масалан, дар м. 118 КРМ тасдиқ карда шудааст, ки дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд ба ғайр аз шахсони дар м. 36 КМГ пешбингардида мақомоти маъмурие, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст ё ягон амалеро анҷом додааст, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, иштирок мекунад[239].

Таҳлили мазмуни меъёрҳои КМГ (м.м. 36, 37), Кодекси мурофиавии иқтисоди ҶТ (м.м. 39, 40) ва КРМ (м. 118) шаҳодат медиҳад, ки нишондиҳандаи асосии иштирокчиёни мурофиа манфиатдории ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамзамон, категорияи номбурдаи шахсон дар назарияи ҳукуқи мурофиавӣ бо тарзи гуногун шарҳ дода шудаанд, ки барои таҷрибаи баррасии парвандаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ мушкилӣ эҷод менамояд[240].

Дар м. 4 КМГ муайян гардидааст, ки ҳар шахси манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии судии гражданӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи худ ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дорад. Дар м. 114 КРМ пешбинӣ шудааст, ки дар он тартиби мурофиавии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳоро вобаста ба муносибатҳои (оммавӣ) ҳуқуқие, ки Кодекси мазкур пешбинӣ мекунад, аз

[238] Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №341. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 27.03.2022).

[239] Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 27.03.2021).

[240] Зеленская Л.А., Витохина Д.М. Прокурор как лицо, участвующее в деле в административном судопроизводстве // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2015. – №4 (30). – С. 232.

ҷониби судҳои салоҳияти умумии ҶТ танзим мегардад, яъне дар ин ҷо ягонагии мафҳумҳо дида намешавад.

Дар мурофиаи маъмурӣ, ба монанди мурофиаи гражданӣ ва иқтисодӣ масъулияти муҳим бар дӯши иштирокчиёни мурофиа, ки ба оқибати парванда манфиатдор мебошанд, гузошта шудааст, зеро истеҳсолоти мурофиавӣ низ бо ташаббуси онҳо оғоз карда шудааст.

Дар илми ҳуқуқи мурофиавӣ қайд карда мешавад, ки манфиатдории ҳуқуқӣ ба ду қисм тақсим мешавад: ба манфиатдории мурофиавӣ ва манфиатдории моддӣ. Агар манфиатдорӣ барои оғоз намудани истеҳсолоти судӣ ва умуман истифода намудан аз ҳифзи судӣ – манфиатдории мурофиавӣ бошад, пас манфиатдорӣ барои қонеъ гардонии талаботи арзгардида манфиатдории моддиро мефаҳмонад, аммо дар ин бора низ ақидаҳо гуногунанд. Масалан, А. Вилховик қайд менамояд, ки «манфиатдории ҳуқуқӣ – ин манфиатдорӣ аз ҳифзи судии ҳуқуқ буда, дар асоси қонун бо шакли муайяни мурофиавӣ ҳаллу фасл намудани парванда мебошад»[241]. Яъне, шахс ба оқибати ҳал намудани баҳс манфиатдор аст, агар ӯ дар муносибати ҳуқуқии баҳсӣ иштирок дошта бошад.

Тавре ки дар боло қайд намудем м.м. 118 КРМ прокурорро ҳамчун иштирокчии мурофиаи маъмурӣ дар қатори иштирокчиёни мурофиа мутобиқи м. 36 КМГ гузоштааст. Чунин муносибати қонунгузор ба ҳолати ҳуқуқии прокурор ҳамчун намояндаи мақомоти назоратии давлатӣ бо он асоснок карда мешавад, ки дар Тоҷикистон ҳоло мурофиаи маъмурӣ пурра, бо шакли классикии худ ташаккул наёфтааст. Сониян, қонунгузории мурофиавии маъмурӣ ҳоло ҳам дар таркиби КМГ ва Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ (минбаъд КМИ) ҳамчун зербоб ва боби махсусгардонидашуда арзи вуҷуд дорад, ки амалияи судии истифодабарии онҳоро мушкил месозад.

---

[241] Вильховик А. Юридический интерес как предпосылка доступности судебной защиты. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/ (санаи муроҷиат: 30.03.2022).

Дар ҳамин радиф, агар мо вазъи мурофиавӣ-ҳуқуқии прокурорро аз нигоҳи Кодекси истеҳсолоти судии маъмурии ФР дар муқоиса назар намоем, пайдо менамоем, ки мурофиаи судии маъмурӣ бо иштироки прокурор мутобиқи Кодекси зикргардида ду гурӯҳи парвандаҳоро дар бар мегирад: 1) парвандаҳое, ки бо онҳо прокурор ҳуқуқи пешниҳод намудани даъвои маъмуриро ба манфиати шахсе дорад, ки дар мурофиа ӯ даъвогар мешавад; 2) парвандаҳое, ки худи прокурор даъвогари маъмурӣ мебошад[242]. Агар ин ҳолатро бо талаботи м. 36 КМГ муқоиса намоем маълум мегардад, ки қонунгузории ватанӣ вазъи ҳуқуқии прокурорро феълан ба иштирокчиёни дигар, ки барои ҳимояи манфиати шахсони сеюм ба мурофиа шомил шудаанд, баробар кардааст. Чунин баробарнамоӣ дар пешбурди маъмурӣ – ҳуқуқӣ ҳифзи манфиатҳои оммавӣ дуруст арзёбӣ карда мешавад.

Марбут ба мурофиаи маъмурӣ пажуҳишгарон қайд менамоянд, ки агар дар мурофиа прокурор даъвогари маъмурӣ бошад, саволҳои мантиқии зерин ба миён меоянд: а) ҷанбаи манфиатдории прокурор дар ҳамин мурофиа; б) намуди парвандаҳое, ки бо онҳо прокурор метавонад даъвогари маъмурӣ бошад; в) дар бораи шахсоне, ки манфиати онҳоро дар ҳолатҳои зикршуда прокурор ҳифз менамояд.

Дар ин ҷо бояд қайд намоем, ки ҷанбаҳои манфиатдории ҳуқуқии субъектони иштирокчии мурофиа метавонанд аз якдигар фарқ дошта бошанд. Манфиати ҳуқуқиро субъект – иштирокчии мурофиа дорад, инчунин манфиати ҳуқуқиро шахсе низ дошта метавонад, ки натиҷаи баррасии парванда ба ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, прокурор ҳамчун иштирокчии мурофиа бояд манфиати ҳуқуқӣ дошта бошад, зеро ӯ қонуниятро ҷонибдорӣ менамояд ва ба ҳар ду тараф манфиатнок мебошад.

Доир ба ҷанбаҳои манфиатдории прокурор дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Бештари муаллифон қайд намудаанд, ки

[242] Зеленская Л.А., Витохина Д.М. Прокурор как лицо, участвующее в деле в административном судопроизводстве // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2015. – №4 (30). – С. 233.

манфиати прокурор ба ҳифзи манфиатҳои оммавӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона мебошад. Асосҳои ҳуқуқии аз тарафи прокурор ҳифз намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи давлат ва ҷамъият дар м.м. 4 ва 35 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» мустаҳкам карда шудаанд. Аз мазмуни ин меъёрҳо бармеояд, ки манфиатҳои прокурор танҳо ҷанбаи оммавӣ-ҳуқуқӣ дорад.

Прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ иштирок намуда, функсияҳои аз тарафи қонунгузор ба ӯ гузошташударо амалӣ менамояд. Азбаски вазифаи асосии ӯ дар мурофиаи судӣ таъмин намудани қонуният аст, ҳатто дар мавриди ҳифз намудани манфиати шахс ӯ манфиати умумидавлатӣ ва ҷамъиятиро низ ҳифз менамояд. Бинобар он, дар ҳолате, ки прокурор ба ҳимояи шаҳрванд даъвои маъмурӣ пешниҳод менамояд, зарурати даъвогари маъмурӣ эътироф намудани прокурор ҷой надорад, зеро худи шаҳрванд аллакай даъвогари маъмурӣ мебошад[243].

Асосҳои ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ, аз ҷумла дар мурофиаи судии маъмурӣ дар м. 36 Қ.к. зикршуда мустаҳкам карда шудааст. Дар ин меъёр қайд карда шудааст, ки дар баррасии парвандаҳои граждании, оилавӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва иқтисодӣ прокурор дар ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, иштирок мекунад ва оид ба парвандаи баррасишаванда хулоса медиҳад. Мавриди зикр аст, ки ибораи дар ҳамин меъёр овардашудаи «ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» аслан мурофиаи маъмуриро дар назар дорад. Ин мафҳум ё ибора баъди қабул намудани Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (минбаъд – КМҲМ) (соли 2013) ба қонунгузорӣ ворид карда шуд, ки олимони ватанӣ онро саҳван воридшуда меҳисобанд[244]. Мо низ ҷонибдори чунин ақида мебошем, зеро ин мафҳум аз мафҳуми мурофиаи маъмурӣ маҳдудтар мебошад ва ҳамчун яке аз

[243] Зеленская Л.А., Витохина Д.М. Прокурор как лицо, участвующее в деле в административном судопроизводстве // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2015. – №4 (30). – С. 234.
[244] Иброҳимов С.И. Административная юстиция в Республики Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы. – Душанбе: «Дониш», 2015. – С. 620.; Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан. – Худжанд: «Ношир», 2020. – С. 213.

падидаҳои мурофиаи маъмурӣ қабул карда мешавад (ба монанди мурофаи идорӣ, мурофиаи юрисдиксионӣ ва ғ.).

Чунин хулосабарории мо бо он асоснок карда мешавад, ки мутобиқи қ. 3 м. 84 Конститутсияи ҶТ тартиби таъсис, ташкил ва фаъолияти судҳоро Қ.к. муайян мекунад. Дар м. 2 қ. 3 Қ.к. ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ» (таҳрири соли 2001)[245] қайд карда шуда буд, ки «ҳокимияти судӣ фаъолияти худро тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалӣ менамояд», таҳрири мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва сохтории ниҳодӣ дуруст буд, зеро ҳуқуқи маъмурӣ ба монанди ҳуқуқи гражданӣ ва ҷиноӣ адолати судии маъмуриро ифода менамояд, ки тавассути мурофиаи судии маъмурӣ амалӣ карда мешавад. Баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бошад, як самти ниҳодӣ ё падидавии мурофиаи маъмурӣ буда, бо номи мурофиаи юрисдиксионӣ фаҳмида мешавад, ки бештар аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор ва қисман аз тарафи суд амалӣ карда мешавад, чунки ҷанбаи муҷозотӣ дорад ва ҳамчун қисми таркибии мурофиаи маъмурӣ шинохта мешавад. Бинобар ин, бо мақсади мутобиқ сохтани матни номбурдаи меъёри Қ.к. мазкур ба мазмуни мантиқии соҳавии ҳуқуқи маъмурӣ ба ақидаи олимони болозикр ҳамроҳ шуда, пешниҳод менамоем, ки аз матни қ. 3 м. 2 Қ.к. ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ» аз 17 июли соли 2014, №673[246] аз  ва мутаносибан аз м. 38 Қ.к. ва дигар қонунҳо  калимаи «ҳуқуқвайронкунӣ» хориҷ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мутобиқи қонунгузории ҷорӣ прокурор дар мурофиаи маъмурӣ ташаббускори оғози пешбурди мурофиавии маъмурӣ шуда метавонад, агар шаҳрванд бо сабабҳои воқеӣ (беморӣ, бинобар иштирок дар барномаи ҳифзи ҷабрдидагон ва монанди он) ҳуқуқ ва манфиатҳои худашро

[245] Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001, №20 (аз эътибор соқит шудааст). Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 2.04.2022).

[246] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҶТ» аз 17 июли соли 2014, №673. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 2.04.2022).

дар суд ҳимоя карда натавонад. Ҳамзамон, ақидаҳои илмӣ мавҷуданд, ки ҳолати ҳуқуқии мурофиавии прокурорро ба дараҷаи махсус бардошта, таъкид менамоянд, ки ҳатто дар ҳолатҳои номбурдаи истисноӣ прокурор даъвогари маъмурӣ шуда наметавонад, чунки ӯ вазъи ҳуқуқии махсус дорад. Масалан, дар солҳои 20-уми қарни гузашта В.М. Гордон навишта буд, ки «ҳолати ҳуқуқии прокурор ҳангоми ҳимоя намудани манфиатҳои дигарон дар мурофиаи судӣ вижагии худро дорад. Бинобар ин, прокурорро танҳо барои он, ки манфиатҳои дигаронро ҳифз менамояд ба тарафи мурофиавӣ (даъвогар ё ҷавобгар) баробар намудан хато мебошад»[247]. Юделсон К.С. ин ақидаро дастгирӣ намуда навишта буд, ки «... дар мурофиа ду тараф мавҷуд аст даъвогар ва ҷавобгар, прокурор на ин мебошаду, на он. Прокуроре, ки парвандаро ба мақсади ҳимояи манфиати дигарон оғоз менамояд, дар мурофиа мақоми махсусро ишғол менамояд – ӯ иштирокчии мурофиа аз тарафи давлат ва намояндаи он мебошад»[248].

Бо тарафдории ақидаҳои илмии олимони номбурда қайд менамоем, ки мақоми хос доштани вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ намояндаи мақомоти ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, ба ҳеҷ як шохаи анъанавии ҳокимияти давлатӣ (қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ) шомил нест, вазифа ва функсияҳои махсусро амалӣ намуда манфиати давлат, ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар мурофиаи судӣ ҳимоя менамояд. Бинобар он, прокурор дар мурофиаи маъмурӣ дар як вақт манфиати давлатро ҳифз намуда, ҳамзамон даъвогар нисбат ба давлат ё ҷавобгар аз номи давлат шуда наметавонад.

Иштироки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷанбаи оммавӣ-ҳуқуқидошта, ду шакли мурофиавиро доро мебошад: «а) ҳамчун ташаббускори оғоз намудани парвандаи маъмурӣ-ҳуқуқии баҳсӣ тавассути бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намудан; б)

---

[247] Гордон В.М. Право судебной защиты по Гражданскому процессуальному кодексу РСФСР // Вестник Советской Юстиции. – 1924. – № 1. – С. 4.
[248] Юдельсон К. С. Проблема доказывания в советском гражданском процессе. М., 1951. – С. 120-123.

ворид шудан ба мурофиаи қаблан оғозшуда барои додани хулоса ё таъмин намудани қонуният»[249]. Дар баробари ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ шакли сеюми иштироки прокурорро дар мурофиаи маъмурӣ пешниҳод менамоянд, ки мутобиқи он прокурор дар зинаҳои кассатсионӣ ва назоратии судии маъмурӣ бо пешниҳод намудани эътироз ва пешниҳод ба мурофиа (ба зинаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ) ворид шуда метавонад[250]. Ба андешаи мо, овардани эътироз ё пешниҳоди прокурор ҳамчун шакли мустақили иштироки прокурор ба мурофиаи судии маъмурӣ шуда наметавонад, зеро чуноне дар боло қайд карда шуд, эътироз ва пешниҳод мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон санадҳои эътинoии прокурор буда, аз ваколатҳои функсионалии ӯ бармеоянд. Прокурор ҳангоми ошкор намудани қонунвайронкунӣ уҳдадор аст, ки бо санади махсус эътинои худро баён намояд, яъне эътироз биёрад, дар чунин ҳолат иштироки ӯ ҳатмӣ нест.

Вазъи ҳуқуқии прокурорро дар мурофиаи маъмурӣ таҳқиқ намуда, баъзе аз муаллифон қайд менамоянд, ки «мақоми ҳуқуқии прокурор дар пешбурди судии маъмурӣ мувофиқгардонии одии меъёрҳо мебошад, ки иштироки прокурорро дар ин шакли мурофиа танзим менамояд»[251].

Шаклҳои мурофиавии иштироки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ, масалан, мутобиқи қонунгузории ФР ва ҶТ нуктаҳои ба ҳам монанд доранд. Масалан, шаклҳое, ки дар Кодекси истеҳсолоти судии маъмурии ФР ва шаклҳои дар м. 45 Кодекси мурофиавии граждании ФР, мутобиқан м. 36 КМГ ва м. 52 Кодекси мурофиавии арбитражии ФР ва м. 40 КМИ дар танзим

---

[249] Дар ин бора ниг. Лукьянова И.Н. Участие прокурора в гражданском деле и правовая определенность в современном российском гражданском процессе // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2012. – №9. – С. 39–46; Изотова Л.Н. Отдельные процессуальные вопросы участия прокурора в арбитражном процессе // Арбитражный и гражданский процесс. – 2013. – №12. – С. 11-15.

[250] Дар ин бора муфассалтар ниг.: Беспалов Ю.Ф. Комментарий к Кодексу административного судопроизводства Российской Федерации (постатейный научно-практический). – М., 2016. – С. 108–109; Рыжаков А.П. Постатейный комментарий к Кодексу административного судопроизводства Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/ (санаи муроҷиат: 15.04.2022).

[251] Дар ин бора муфассал ниг.: Павловская М.В. Особенности участия прокурора в административном судопроизводстве // Законность. – 2016. – №1. – С. 3-7; Туманов Д.А. Участие в административном судопроизводстве прокурора, а также органов, организаций и граждан с целью защиты «чужих» интересов // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2016. – №5. – С. 60-68.

намудани иштироки прокурор дар мурофиаҳои судӣ оид ба парвандаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ бо ҳам монандӣ доранд[252].

Ба ақидаи олимон шаклҳои иштироки прокурорро дар мурофиаи судии маъмурӣ ба таври зайл тасниф намудан мумкин аст: а) фаъол; б) ғайрифаъол. Дар навбати худ шакли фаъол ба: а) ворид шудани прокурор ба ҷараёни мурофиа барои додани хулоса; б) оғоз намудани парвандаи баҳсии маъмурӣ тақсим мешавад. Шакли ғайрифаъоли иштирок аз тарафи прокурор ишғол намудани мавқеи ҷавобгарии маъмуриро дар назар дорад. Марҳилаи оғоз намудани парвандаи маъмурӣ аз тарафи прокурор боз ба ду шакл тақсим мешавад: а) ворид шудан ба ҳайси даъвогари маъмурӣ (амалӣ намудани функсияҳои назоратӣ ва контролӣ); б) ворид шудан ба манфиати шахси дигар[253].

Азбаски ҶТ дар арафаи қабул намудани Кодекси мурофиавии маъмурӣ қарор дорад, ба сифати намуна шарҳи баъзе меъёрҳои Кодекси истеҳсолоти судии маъмурии ФР-ро манфиатнок меҳисобем. Дар қ. 2 м. 38 Кодекси мазкур мафҳуми даъвогари маъмурӣ ба таври зайл оварда шудааст: «шахсе, ки ба суд барои ҳимоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳояш ё ба манфиатҳои ӯ ариза аз тарафи прокурор пешниҳод карда шудааст ё прокуроре, ки баҳри амалӣ намудани вазифаҳои контролӣ ва назоратии худ ба суди маъмурӣ муроҷиат намудааст». Ин мафҳум ба андешаи мо, мустақилият ва ваколатдории прокурорро ҳамчун иштирокчии мурофиаи маъмурӣ тасдиқ намуда, ҳамзамон ба сифати даъвогар шинохтани онро рад менамояд. Ҳамин тариқ, прокурор дар мурофиаи маъмурӣ ба сифати тараф ва мақомоти давлатӣ, ки ваколати додани хулосаро дорад, баромад менамояд.

Аммо, баъзе аз мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ мақоми ҳуқуқии дар боло овардаи прокурорро дар мурофиаи маъмурӣ начандон дуруст

---

[252] Комментарий к Кодексу административного судопроизводства Российской Федерации (постатейный, научно-практический) / Под ред. В.В. Яркова. – М., 2016. – С. 90–91.

[253] Карпова А.И. Формы участия прокурора в рассмотрении судами общей юрисдикции административных дел в порядке административного судопроизводства // Российское право /образование практика наука/. – 2017. – №2. – С. 19.

мешуморанд. Масалан, А.Ю. Винокуров қайд намудааст, ки «қонунгузор беягон асос дар симои як шахс, яъне прокурор – ҳам прокурор ва ҳам шахсеро, ки ба манфиати даъвогари маъмурӣ баромад менамояд, муттаҳид намудааст»[254]. Дар иртибот бо ин, шаклҳои дар боло овардашудаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ ба ҳамдигар мухолифат намекунанд, баръакс намудҳои иштироки маъмулии прокурорро дар мурофиаи маъмурӣ шарҳ медиҳанд. Ба ғайр аз ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, ки «... ба субъект мақоми даъвогарро додан фақат ба амалҳои мурофиавии он асос карда намешавад, дар ин ҷо аҳаммияти зиёдро муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ доранд, ки асоси муносибатҳои мурофиавиро ташкил медиҳанд. Агар муносибатҳои мурофиавии ҳуқуқӣ ҷудо аз муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ гирифта шавад, дар амал ҷойивазкунии мафҳумҳо ба миён меояд, ки ба нодуруст муайян намудани ҳолатҳои баҳсӣ, ҳал намудани парванда ва нодуруст муайян намудани тарафҳо оварда мерасонад»[255].

Муаллифон қайд менамоянд, ки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ дар шакли ғайрифаъол дар тарафи ҷавобгар низ баромад карда метавонад, агар ӯ ба сифати шахси хуқуқӣ ба парванда ҳамроҳ шавад[256]. Дар чунин ҳолат ба прокурор қоидаҳои умумии иштирокчии мурофиа паҳн мегардад, ӯ ҳамчун намояндаи давлат, таъминкунандаи қонуният баромад намекунад. Дар мурофиаи маъмурӣ ваколатдории прокурор дар робита бо кадом сифат иштирок намуданаш муайян карда мешавад. Бинобар он, моҳиятан амали фаъоли прокурор дар мурофиаи судӣ, аз рафтори ғайрифаъоли ӯ дар мурофиа фарқ менамояд[257].

---

[254] Винокуров А.Ю. О некоторых вопросах участия прокурора в административном судопроизводстве // Административное и муниципальное право. – 2016. – №2. – С. 178.
[255] Карпова А.И. Формы участия прокурора в рассмотрении судами общей юрисдикции административных дел в порядке административного судопроизводства // Российское право /образование практика наука/. – 2017. – №2. – С. 20
[256] Винокуров А.Ю. О некоторых вопросах участия прокурора в административном судопроизводстве // Административное и муниципальное право. – 2016. – №2. – С. 179; Мартынов А.В. Участники административного судопроизводства: понятие, виды и сравнительная характеристика с другими участниками судебных процессов // Административное право и процесс. – 2015. – № 11. – С. 60.
[257] Муфассал дар ин бора ниг.: Карпова А.И. Асари ишорашуда. – С. 20.

Ҳамин тариқ, ду шакли асосии иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ мавҷуд мебошад. Аввалан, дар мурофиаи маъмурӣ агар прокурор барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои гурӯҳи номуайяни шахсон, давлат ва ҷомеа ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намояд, ӯ ҳамчун ташаббускори оғози парвандаи маъмурӣ дар тарафи даъвогар баромад менамояд. Сониян, ӯ дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонун ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатии мақоми махсусдошта ба мурофиаи маъмурӣ барои додани хулоса ворид мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар замони ҳозира, бинобар мавҷуд набудани қонунгузории махсусгардонидашудаи мурофиавии маъмурӣ дар ҶТ, масъалаи иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ, аз ҷумла шаклҳои иштирок, ҳадди ваколатҳо, доираи амали онҳо ва бисёр масъалаҳои дигар ҳанӯз пурра танзими қонунии худро наёфтаанд. Меъёрҳои мавҷудаи танзимкунандаи мурофиаи маъмурӣ, ки дар зерфасли III, боби 23 КМГ, фасли III, боби 22 КМИ ва дар боби 6 КРМ дар ҳолати пароканда вуҷуд доранд, меъёри ҳуқуқии танзимкунандаи иштироки прокурорро дар намудҳои марбутаи мурофиавиро надоранд. Яъне дар қонунгузории номбаршуда масъалаҳои шаклҳо ё намудҳои иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ, мақсад, вазифа ва функсияҳои мурофиавии ӯ дар меъёри мушаххас танзим карда нашудааст. Ба ғайр аз ин, дар м. 39 с. 4 КМИ ва қ. 3 м. 47 КМГ қайд карда шудааст, ки прокурор дар мурофиаи гражданӣ ва иқтисодӣ иштирок намуда, оид ба парвандаҳои гражданӣ ва иқтисодии баррасишаванда хулоса медиҳад (парвандаҳо номбар карда шуда), дар охир «ҳолатҳои дигар», аммо ба ҳамин ҳолатҳои дигар парвандаҳои мурофиавии маъмурӣ дохил мешаванд ё на, мушахас карда нашудааст[258]. Ёдовар шудан зарур аст, ки Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Шуравии

[258] Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №341; Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №340. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 2.05.2022).

Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1963) дар боби «Баррасии парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ бармеоянд» дар мурофиаи судии ҳамин қабил парвандаҳои маъмурӣ, иштироки прокурорро ҳатмӣ муқаррар карда буд.

Ба ин нигоҳ накарда дар боби 23 КМГ, ки мурофиаи судии парвандаҳои аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ пайдошударо танзим менамояд, қонунгузор иштироки прокурорро дар ин қабил мурофиа ба назар нагирифтааст. Ҳол он ки, муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи оммавӣ, аз ҷумла парвандаҳо: а) оид ба аризаҳо дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ; б) оид ба аризаҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони ҶТ ё ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ; в) дигар парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд ва тибқи қонун ба салоҳияти судҳои юрисдиксияи умумӣ мансуб мебошанд, баррасӣ карда мешаванд ва назорати риояи дақиқ ва иҷрои қонун дар чунин мурофиаи судӣ аҳаммияти хоса дорад.

Дар м. 254 КМГ, прокурор ҳамчун субъекти муроҷиат ба суд эътироф карда шудааст, ки ӯ метавонад бо ариза дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор, амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ муроҷиат намояд. Аммо, дар м. 257 ҳамин Кодекс, ки тартиби баррасии парвандаҳоро дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор, амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ муқаррар менамояд, дар бораи зарурати иштироки прокурор дар онҳо, ҳатто дар мавриди аз тарафи прокурор пешниҳод кардани даъво чизе гуфта нашудааст[259].

[259] Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №341. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 2.05.2022).

Ба монанди ин, дар м. 259, (боби 25) КМГ прокурор субъекти пешниҳодкунандаи ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони ҶТ ҳисобида шуда, иштироки ӯ (м. 262 КМГ) пешбинӣ шудааст, аммо ҳатмӣ будани иштироки ӯ зарур ҳисобида нашудааст, ҳамзамон ваколати прокурор дар ин мурофиа муайян карда нашудааст. Ба андешаи мо, зарур аст, ки иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳои номбурда, яъне дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ба таври меъёрӣ бояд ҳатман муқаррар карда шавад, зеро прокурор дар ин муносибатҳо ба сифтаи ҳимоятгари манфиатҳои давлатӣ баромад менамояд.

Дар боби 6 КРМ, ки мурофиаи суди маъмуриро қисман ҳамчун расмиёти маъмурӣ дар суд танзим менамояд, дар бораи иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ ё расмиёти маъмурии тариқи судӣ меъёр вуҷуд надорад. Ногуфта намонад, ки дар м. 137 (боби 7 КРМ) воқеан қайд карда шудааст, ки барои оғоз кардани расмиёти маъмурӣ дар суд, санади прокурор барои мавриди баҳс қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ асос шуда метавонад[260], аммо кадом санади прокурор, санадҳои эътиноӣ ё санадҳои муроҷиатии прокурор (ариза, аризаи даъвогӣ) дар қонун муқаррар карда нашудааст.

Таҳлилҳои овардашуда шаҳодат медиҳанд, ки дар замони ҳозира зарурати таҳия ва қабул намудани Кодекси истеҳсолоти судии маъмурии ҶТ ё Кодекси мурофиавии судии маъмурии ҶТ ҷанбаи муҳим ва мубрам пайдо намудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси талаботи Нақша-чорабиниҳо барои солҳои 2020-2021 оид ба амалисозии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 оид ба таҷдид намудани КРМ бо супориши Ҳукумати ҶТ дар назди Вазорати адлияи ҶТ гурӯҳи босалоҳияти корӣ ҷиҳати дар таҳрири нав қабул намудани КРМ ба фаъолият оғоз намудааст. Азбаски, Кодекси

[260] Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 2.05.2021).

амалкунандаи мазкур ҷанбаи омехтагӣ дорад (муносибатҳои расмиётӣ ва мурофиавиро дар бар мегирад), ба гурӯҳи корӣ дастур дода шудааст, ки ҳамин тартибот нигоҳ дошта шавад. Яъне, кодекси нав хусусияти духӯрагиро нигоҳ дошта, дар як қонунгузорӣ муносибатҳои расмиётии маъмурӣ ва мурофиавии судии маъмуриро бояд кодификатсия намояд. Дар таҷрибаи бисёр давлатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Қазоқистон чунин тартибот риоя гардида, соли 2020 Кодекси мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Қазоқистон қабул карда шудааст.

Бо назардошти ҳолатҳои қайдшуда ба он умед мебандем, ки Кодекси расмиётӣ ва мурофиавии судии маъмурии ҶТ таҳия ва қабул карда мешавад ва бо ҳамин холигии маҷмуи қонунгузории маъмурии ватанӣ пурра мегардад.

Дар натиҷаи таҳлилҳои қаблӣ ва вазъияти кунунии қонунгузории ватанӣ метавон хулоса намуд, ки масъалаи иштироки прокурорро дар мурофиаи судии маъмурӣ бо роҳҳои зерин ҳал намудан мумкин аст. Зарур аст, ки дар Кодекси таҳияшавандаи расмиётӣ-мурофиавии маъмурии ҶТ боби махсус оид ба иштироки прокурор дар расмиёт ва мурофиаи маъмурӣ ҷудо карда шавад. Дар ин боб, тавассути меъёрҳои алоҳида иштироки прокурор дар расмиёти маъмурӣ ва иштироки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ мушаххас ва пурра танзим карда шавад. Дар назар бояд дошт, ки бинобар ҷанбаҳои зинавӣ доштани мурофиаи маъмурии судӣ, зарурати дар меъёрҳои алоҳида танзим намудани иштироки прокурор дар зинаҳои гуногуни судӣ ба миён меояд. Ҳамзамон, зарур аст, ки дар меъёри алоҳида фарқияти иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд ва иштироки прокурор дар пешбурди судӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мушаххас карда шавад.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки шаклҳои иштироки прокурор дар мурофиаи судии  маъмурӣ оид ба баррасии парвандаҳое, ки  аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд, чунин шуда метавонанд: а) ташаббускори оғоз намудани парванда ва пешбурди маъмурӣ-ҳуқуқӣ; б)

иштироки ҳатмии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ бинобар талаботи қонун; в) ҳамчун субъект, ки ба санадҳои судии марбут ба парвандаҳои маъмурии баррасинамудаи судҳо эътироз меоварад.

## 3.2. Ҷанбаҳои мурофиавии вазъи прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

Дар марҳилаи кунунии рушди ҶТ ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ масъалаи таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар идоракунии давлатӣ ҷанбаи мубрам пайдо намудааст. Яке аз самтҳои таъминкунандаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба нақши прокурор дар пешбурди мурофиавии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобастагӣ дорад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда прокурор ҳамчун иштирокчии мурофиа ва пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шинохта шудааст. Прокурор зимни амалӣ намудани фаъолият дар доираи ваколатҳои худ баҳри таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бо мақомоти ҳокимияти иҷроия ва судӣ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид мешавад, ки дар қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти прокуратура, идорӣ ва судӣ пешбинӣ карда шудаанд. Чунин муносибатҳо имконият медиҳанд, ки прокурор ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти функсионалии худ тадбирҳои зарурии ҳуқуқиро баҳри ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор андешад.

Аммо, бояд қайд намуд, ки дар истифодаи амалии меъёрҳое, ки иштироки прокурорро дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танзим менамоянд, ба душвориҳои назариявӣ ва амалӣ дучор шудан мумкин аст. Дар танзими муносибатҳои ҳуқуқие, ки иштироки прокурорро дар ин самт муайян менамоянд, норасогии мафҳуми назариявии назорати прокурорӣ дар низоми усулҳо ва тартиботи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Инчунин, бинобар

мураккаб будани қонунгузории маъмурӣ, зиёд шудани шумораи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки аз тарафи судҳо баррасӣ карда мешавад, зарурати таъмин намудани қонуният зимни баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор ва судҳо мубрамии хоса ва зарурати воқеӣ пайдо намудаанд.

22 июли соли 2013 дар ҶТ КМҲМ қабул карда шудааст, ки барои ҷомеаи илмии ватанӣ ғайричашмдошт буд, зеро тибқи б. 38 Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории ҶТ барои солҳои 2011-2018 умед мерафт, ки Кодекси истеҳсолоти судии маъмурии ҶТ (ё Кодекси мурофиавии маъмурии ҶТ) қабул карда хоҳад шуд, аммо амалияи қонунгузорӣ роҳи дигарро интихоб намуд.

Асосҳои мурофиавии Кодекси навро ҳамон меъёрҳое дар бар мегиранд, ки дар қисми мурофиавии КҲМ мавҷуд буданд ва дар он танҳо зинаи кассатсионӣ ва назоратӣ ҳамроҳ карда шуд. Ҳамин тариқ, талаботи Консепсияи номбурда иҷро нашуд ва Кодекси мурофиавии маъмурӣ, ки аз ҷиҳати илмӣ (докторианалӣ) асоснок карда шуда буд, қабул нагардид[261].

КМҲМ ба рушди қонунгузории ватанӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ такони нав бахшид ва дар он тартиботи ягонаи пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, пешбурди ҷудогонаи онҳо, чораҳои зарурии таъминотии мурофиавӣ, инчунин тартиби иҷрои қарор дар бораи муҷозоти маъмурӣ муқаррар карда шуд. Кодекси мазкур прокурорро иштирокчии пешбурди мурофиавии маъмурӣ эътироф намуд, ки ин ҳолат барои қонунгузории миллӣ падидаи нав буд. Ҳамзамон, дар меъёри алоҳида м. 36 КМҲМ мақоми ҳуқуқии прокурор танзим карда шуд[262]. Қабул намудани ин меъёр аз мубрам будани нақши прокурор дар пешбурди мурофиавии

[261] Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан. – Худжанд: «Ношир», 2020. – С. 176.

[262] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.05.2021).

маъмурӣ гувоҳӣ дода, инчунин барои асоснокнамоии илмии вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ имконият медиҳад.

Ҳамин тариқ, мутобиқи м. 36 КМҲМ прокурор оид ба пешбурди мурофиавии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуқуқ дорад:

– қонунӣ будани амали мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар пешбурди онҳо қарор дорад, санҷад;

– аз мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро талаб намояд;

– қарорҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-ро дар хусуси рад намудан аз оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бекор намуда, маводро барои санҷиши иловагӣ ирсол намояд ё парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намояд;

– қарорҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-ро дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бекор намуда, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро қатъ намояд;

– парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оғоз намояд;

– ба санадҳои судӣ ва қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) нисбат ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, сарфи назар аз иштирок дар баррасии парванда эътироз оварад;

– аз рӯйи қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки онро оғоз кардааст, инчунин нисбат ба ноболиғон эътироз оварад;

– дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иштирок намояд, дархост пешниҳод кунад, доир ба масъалаҳои ҳангоми баррасии парванда бамиёномада хулоса диҳад;

– бо мақсади ҳалли ариза ва шикоятҳо ё ки зимни санҷиши риояи қонунҳо парвандаҳои дахлдорро, ки қарорҳои онҳо эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, талаб намояд, нисбат ба онҳо эътироз оварад;

– доир ба масъалаҳои татбиқи чораҳои таъминкунандаи пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешниҳод ироа намояд ё эътироз оварад ва ваколатҳои дигари муқарраргардидаро амалӣ намояд[263].

Яке аз ваколатҳои муҳимми прокурор, ки онро меъёри баррасишаванда танзим намудааст, ин оғоз кардани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Дар м. 83 Кодекси мазкур муқаррар карда шудааст, ки Прокурори генералии ҶТ ва прокурорҳои тобеи ӯ ҳангоми назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди ҶТ ҳуқуқ доранд вобаста ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки барои содир кардани онҳо тибқи КҲМ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намоянд.

Дар қ. 2 м. 85 Кодекси мазкур қайд карда шудааст, ки қарори прокурор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки содир кардани он боиси ҳабси маъмурӣ ё бо роҳи маъмурӣ аз ҳудуди ҶТ берун кардан мегардад, баъди тартиб додан фавран барои баррасӣ ба суд супорида мешаванд.

Ба прокурор ҳамчун иштирокчии фаъоли мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амали мурофиавӣ баён намудани раддия низ паҳн мегардад. Ин тартиби мурофиавӣ дар м. 42 КМҲМ бо таври зайл танзим карда шудааст. Прокурор ҳангоми мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи қ. 1 м. 38 Кодекси мазкур вазифадор аст, аз иштирок дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ даст кашад. Агар прокурор дар пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иштирок карда бошад, барои иштироки минбаъдаи ӯ дар парванда монеа шуда наметавонад. Бо асосҳои пешбининамудаи м. 38 Кодекси мазкур ба прокурор метавонанд шахси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидашаванда, намояндаи қонунии ӯ, ҳимоятгар, инчунин ҷабрдида ва намояндагони ӯ раддия арз кунанд. Масъалаи рад

[263] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.05.2021).

кардани прокурор ҳангоми баррасии судии парванда аз ҷониби суд ҳал карда мешавад[264].

Таҳлили меъёрҳои овардашуда шаҳодат медиҳанд, ки дар КМҲМ дар баъзе ҳолатҳо номушаххасӣ ва номувофиқатии диспозитсияи меъёр ба шарти он ба назар мерасад. Масалан, дар қ. 2 м. 83 қайд карда шудааст, ки прокурор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қарор қабул мекунад, ки он бояд дорои маълумоти пешбининамудаи м. 86 Кодекси мазкур бошад, аммо дар меъёри ишорашаванда ҳеҷ гуна маълумот пешбинӣ нашудааст, чунки ин меъёр тафтишоти маъмуриро оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ танзим намудааст.

Ба ғайр аз ин, дар қ. 1 м. 86 Кодекси зикршуда таркиби муҳимми ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ оварда шудаанд, ки оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба онҳо бо асосҳои зерин сурат мегирад: а) ҷанбаи оммавӣ-ҳуқуқӣ доштани предмети ҳуқуқвайронкунӣ; б) субъекти асосии ин муносибатҳо аз як тараф давлат, яъне мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз тарафи дигар шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ; в) ҷой доштани муносибатҳои моддии ҳуқуқи маъмурӣ.

Инчунин, аз рӯйи консепсияи КМҲМ ва мазмуни меъёрҳои боби 8 он, ба андешаи мо, оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва фиристодани он барои гузаронидани тафтишоти маъмурӣ, бо ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаҳои зерин: қонунгузории зиддиинҳисорӣ, бонкӣ, асъорӣ, андоз ва гумрук; қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти (монополияҳои) табиӣ, таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, нақлиёт; танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ, машрубот, инчунин маҳсулоти тамоку, бехатарӣ аз сӯхтор; қонунгузорӣ дар бораи реклама, ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он; ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, интихобот ва раъйпурсӣ;

[264] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.05.2021).

иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, бояд ба ваколати истисноии прокурор иртибот дошта бошад. Чунки, дар қ. 2 ин меъёр, муқаррарот дар бораи фавран баъди ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунӣ қабул намудани қарор аз ҷониби прокурор ва фиристодани он барои гузаронидани тафтишоти маъмурӣ мавҷуд мебошад[265].

Ҳолатҳои болозикр хусусиятҳои хоси мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии прокурорро дар пешбурди мурофиавии парвандаҳои оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тасдиқ менамоянд.

Хулосаи овардашуда асосҳои назариявии худро низ дорад. Масалан, ба андешаи баъзе аз пажуҳишгарон ваколатҳои прокурор, ки дар м. 25.11 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ФР (м. 36 КМҲМ) мустаҳкам карда шудааст, аз ҷиҳати ҳаҷм маҳдуд мебошанд. Аз ҷумла, танзими ҳуқуқи иштироки прокурор дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баён намудани дархост ҳангоми пешбурди мурофиа, додани хулоса ба масъалаҳое, ки ҳангоми баррасии парванда ба миён меоянд, пуррагӣ ва мукаммали ваколати прокурорро, ки ҳангоми назорати пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба миён меоянд, дар бар намегиранд[266].

Ақидаи овардашуда ба воқеияти кунунии қонунгузории ҶТ мувофиқат намекунад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар м. 36 КМҲМ камбудиҳои номбарнамудаи муаллифон вуҷуд надоранд, зеро м. мазкур чуноне дар боло қайд намудем, 11 ҳолати муҳимми ваколатдории прокурорро дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бар мегирад, ки бо пуррагӣ мақоми ҳуқуқии ӯро дар ин шакли ҳуқуқи мурофиавӣ ифода менамояд. Инчунин, лозим ба қайд аст, ки ваколатҳои прокурор оид ба оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар м. 83 Кодекс танзим шудааст, нисбат ба

---

[265] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.05.2021).

[266] Крупский М.А. Отсутствие государственного обвинителя в судебном производстве по делам об административных правонарушениях в России как системное нарушение права на справедливый суд // Бюллетень Европейского суда по правам человека. Российское издание. – 2016. – №10. – С. 62.

мазмуни с. 5 қ. 1 м. 36 Кодекси мазкур ҳаҷман васеъ мебошад. Дар он қонунгузор ваколатҳои аз тарафи прокурор оғоз намудани парвандаро нисбат ба ҳамаи намудҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки КҲМ пешбинӣ менамояд, паҳн намудааст.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо дар КМҲМ масъалаҳои иштироки прокурор дар пешбурди мурофиавии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба КҲМ ФР пурра ва мукаммал танзим гардидааст. Инчунин, масъалаҳои иштироки прокурор дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» низ ба танзим дароварда шудааст. Дар қ. 1 м. 36 он муқаррар гардидааст, ки прокурор дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, иштирок мекунад ва оид ба парвандаи баррасишаванда хулоса медиҳад[267].

Зинаҳои пешбурди мурофиаи маъмуриро оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкуии маъмурӣ пажуҳиш намуда, Н.Г. Салишева ва А.Ю. Якимов қайд менамоянд, ки ин пешбурд як қатор вижагиҳо дорад ва аз инҳо иборат мебошанд: аввалан, онҳо қисми мустақили пешбурди марҳилавӣ мебошанд, ки вазифаҳои махсус доранд; дуюм, ба онҳо доираи махсуси иштирокчиён шомил мебошанд; сеюм, маҷмуи амалҳои ҳуқуқӣ, ки пайдарҳамии мантиқӣ доранд, дар вақти муайян ба қабули санади шакли муайян расмӣ гардонида мешавад[268].

Муҳаққиқ В.Д. Сорокин мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба панҷ зина тақсим намудааст: 1) оғоз намудани пешбурди парванда; 2) баррасӣ намудани парванда; 3) қабул намудани қарор; 4) иҷро намудани қарори қабулшуда ва зинаи иловагӣ: 5) шикояткунӣ ва эътироз овардан ба

---

[267] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.05.2022).
[268] Салищева Н.Г., Якимов А.Ю. Структура производства по делам об административных правонарушениях (стадии возбуждения дела и рассмотрения дела) // Административное право и процесс. – 2016. – №5. – С. 73-78.

қарори қабулшуда оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ[269]. Кононов П.И. дар умум ақидаи В.Д. Сорокинро ҷонибдорӣ менамояд, ҳамзамон таклиф мекунад, ки зинаи аввал «зинаи оғоз намудани тафтишоти парванда оид ба татбиқ намудани чораи ҷавобгарии маъмурӣ» номида шавад[270].

Бахрах Д.Н. чор зинаи пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро пешниҳод менамояд: «1) тафтишоти маъмурӣ; 2) баррасии парванда; 3) бозбинӣ намудани қарор; 4) иҷрои қарор»[271]. Дар навбати худ В.И. Ломакин сохтори пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмуриро бо тариқи зайл пешниҳод менамояд: «1) оғоз намудани парванда ва тафтишоти он; 2) баррасӣ намудан ва қабул кардани қарор бо парванда; 3) бозбинӣ намудани қарори бо парванда қабулшуда; 4) иҷрои қарор. Ҳамзамон, муаллиф ду зинаи ёрирасони иловагиро қайд менамояд: а) тафтишоти маъмурӣ на бо ҳамаи парвандаҳо гузаронида мешавад ва б) бозбинии қарор ҳам танҳо дар ҳолати шикоят намудани он пеш бурда мешавад, аз ҳамин рӯ муаллиф ин ду зинаро зинаҳои иловагӣ (факултативӣ) ном мебарад»[272].

Ҳамаи муаллифон бар он ақида мебошанд, ки қарор дар бораи оғоз намудани парванда аз нуқтаи назари мурофиавӣ аз тарафи прокурор дар зинаи аввали пешбурд қабул карда мешавад, аммо ҳолати қатъ намудани парвандаи оғозшуда аз тарафи прокурор пешбинӣ карда нашудааст.

Бояд қайд намоем, ки мутобиқи қонунгузории ватанӣ м. 83 КМҲМ ҳуқуқи аз тарафи прокурор оғоз намудани парвандаро бо ҳама намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ муқаррар намуда, ҳуқуқи рад кардан ба оғоз намудани парвандаро (ё қатъ намудани парвандаи оғознамудаашро) ба прокурор надодааст. Чунин ҳолат ба андешаи мо асоси мантиқӣ дорад, зеро прокурор парвандаро оғоз намуда, барои гузаронидани санҷиш ва ё тафтишоти

---

[269] Сорокин В.Д. Административно-процессуальное право: Учебник. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 236.

[270] Кононов П.И. Административный процесс в России: проблемы теории и законодательного регулирования. – Киров, 2001. – С. 123.

[271] Бахрах Д.Н. Юридический процесс и административное судопроизводство // Журнал российского права. – 2000. – № 9. – С. 6-18.

[272] Ломакин В.И. Прокурор в производстве по делам об административных правонарушениях: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2006. – С. 69-75.

маъмурӣ ба мақомоти ваколатдор ирсол менамояд ва оқибати парвандаро мақомоти ваколатдори баррасикунананда ҳал менамояд (барои баррасӣ месупорад, ё мефиристад, ё ин ки парвандаро қатъ менамояд). Дар қ. 4 м. 81 КМҲМ қайд карда шудааст, ки ҳангоми набудани асосҳои кофӣ шахси мансабдори ваколатдори баррасикунандаи маводи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қарори асоснок мебарорад. Ҳамин тариқ, рад кардани оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амали ниҳоӣ дар зинаҳои аввали пешбурд мебошад, ки ба он назорати прокурорӣ паҳн мегардад.

Дар баробари ин, муқаррарнамоии шаклҳои мурофиавии рад кардан аз оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо зарурати муҳофизати самараноки ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ба андешаи мо, ба прокурор ҳам бояд паҳн гарадад. Мутаассифона қонунгузорӣ ҳуқуқи истисноии прокурорро дар оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мушаххас накардааст ва номгӯи чунин парвандаҳоро наовардааст. Ин гуна муқаррарот дар фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №2 «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ва бечунучаро риоя намудани қонуният ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» низ амал мекунад.

Бояд ба назар гирифт, ки мутобиқи мазмуни м. 83 КМҲМ дар ҳолати ошкор шудани ақалан як сабаб ва асоси ҷой доштани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ прокурор метавонад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оғоз намояд, аммо дар маълумоте, ки ба прокуратура ворид мешаванд, танҳо иттилоъ дар бораи ҳодисаи ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд аст, ки зарурати санҷидани онҳо ба миён меояд. Дар ин ҳолат, оғоз намудани парванда низ бармаҳал аст ва чун қоида худи прокурор санҷиши иттилоотро гузаронида наметавонад, ӯ бояд барои санҷиш маводро ба мақомоти ваколадори юрисдиксионӣ ирсол намояд, дар

чунин маврид зарур аст, ки прокурор ба ваколатдории мақомоти юрисдиксионӣ мудохила накарда, дар доираи ваколатҳои худ назорати ин мақомот, шахси мансабдорро амалӣ намояд.

Меъёри манъкунандаи дахолати прокурор ба фаъолияти мақомот ва шахсони ваколатдори пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронукнии маъмурӣ дар м. 36 КМҲМ, м.м. 30 ва 31 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва ҳатто дар фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №2 «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ва бечунучаро риоя намудани қонуният ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» ҷой надорад. Аз ҳамин лиҳоз, ба андешаи мо зарур аст, ки дар қ. 2 м. 36 КМҲМ меъёр ба мазмуни зайл илова карда шавад: «Дар пешбурди мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба фаъолияти мақомот ва шахси ваколатдори юрисдиксионӣ дахолат намудани прокурор, ё дигар шахсони мансабдор манъ аст». Илова намудани меъёр бо ҳамин мазмун ба фармони номбурдаи Прокурори генералии ҶТ низ аз манфиат холӣ нест.

Иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар б. 8 қ. 1 м. 36 КМҲМ ҶТ бо мазмуни зерин қайд карда шудааст: «дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иштирок намояд, дархост пешниҳод кунад, доир ба масъалаҳои ҳангоми баррасии парванда бамиёномада хулоса диҳад»[273]. Аз мазмуни ин меъёр бармеояд, ки прокурор ҳуқуқи дар баррасии ин парвандаҳо иштирок намуданро дорад, аммо ӯ уҳдадор нест, ки ҳатман иштирок намояд.

Ин норасоии қонун бо санади ҳуқуқии Прокурори генералии ҶТ ҳал карда шудааст. Дар б. 2.2. фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №2 «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ва бечунучаро риоя намудани қонуният ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» пешбинӣ шудааст, ки бо мақсади амалӣ

[273] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975. Махзани мутамарказзи иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.05.2021).

намудани назорати прокурорӣ дар самти қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судӣ бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар ҳолатҳои зерин иштироки ҳатмии прокурор дар баррасии судии парвандаҳо таъмин карда шавад: а) дар мурофиаи судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки бо қарори прокурор оғоз карда шудааст; б) ҳангоми мавриди баҳс қарор гирифтани қарори прокурор оид ба оғози правандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; в) доир ба эътирози прокурор, ки нисбати масъалаҳои татбиқи чораҳои таъминкунанадаи пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, баён карда шудааст; г) бо парвандаҳое, ки нисбат ба судяҳо оғоз карда шудаанд; д) бо парвандаҳое, ки нисбати санадҳои судии қабулшуда прокурор эътирози хусусӣ, кассатсионӣ ва назоратӣ овардааст; е) дар дигар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда[274].

Дар қ. 1 м. 86 КМҲМ қонунгузор вобаста ба номгӯи мушаххаси парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки болотар зикр карда шуд гузаронидани тафтишоти маъмуриро дар ҳолатҳои зерин пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла: а) пайдо гардидани зарурияти гузаронидани экспертиза; б) дигар ҳаракатҳои мурофиавӣ, ки онҳо вақти зиёдро талаб менамоянд.

Номгӯйи таркибҳои дар қонун овардашударо такрор накарда, қайд менамоем, ки ҳамаи онҳо хусусияти муҳимми маъмурӣ-ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаҳои дар қонун овардашударо доранд. Аз ҳамин лиҳоз, ба андешаи мо, бо мақсади баланд бардоштани нақш ва масъулияти прокурор дар пешбурди мурофиавии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии марбута бо тарзи меъёрӣ мустаҳкам намудани ҳолатҳои ҳатман аз тарафи прокурор оғоз намудани парвандаҳо оид ба таркибҳои номбурда ва ба мақомоти судӣ ва зериназоратӣ (шахсони мансабдор) фиристодани онҳо муҳим мебошад.

---

[274] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз се ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 147-148.

Бояд зикр намуд, ки ҳолатҳои иштироки прокурор дар баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар КМҲМ овардашуда нисбат ба танзими ҳуқуқии ҳамин ҳолатҳо дар б. 2.4. фармони болозикри Прокурори генералии ҶТ маҳдуд мебошад. Дар фармони мазкур мушаххас карда шудааст, ки: прокурор пеш аз оғози мурофиаҳои судӣ маводҳои парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро омӯхта, ба баррасӣ омода шавад; ҳамчун иштирокчии мурофиа фаъолона иштирок намуда, тантанаи адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин намояд; риоя ва таъмин гардидани принсипҳои қонунгузории мурофиавии маъмуриро аз тарафи суд назорат намояд; доир ба масъалаҳои зарурии пешбурди мурофиавӣ дархост пешниҳод намояд; бо риоя намудани мустақилияти судҳо дар ҷараёни гузаронидани мурофиаи судӣ дар таҳқиқи далелҳо, пурсиши ҳуқуқвайронкунанда ва шоҳидон фаъолона иштирок намояд; маҳорати баланди касбӣ ва тахассусӣ зоҳир намояд ва барои банду басти ҳаракатҳо фикри худро баён намояд; барои баланд бардоштани таъсири тарибиявии мурофиаи судӣ аз воситаҳои ахбори умум истифода барад ва барои пурра, ҳамаҷониба ва воқеъбинона ҳаллу фасл намудани парванда мусоидат намояд.

Масъалаи иштироки прокурорро дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пажуҳиш намуда, К.В. Моренко ба хулоса омадааст, ки сабаби аз тарафи прокурор пурра истифода нашудани имкониятҳои салоҳиятҳояш (ҳуқуқ, уҳдадорӣ, ваколатҳо ва масъулиятнокӣ) дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ба талаботи амалия мувофиқ наомадани фаъолияти прокурор, пурра ва мушаххас ба тариқи меъёрӣ танзим нашудани онҳо мебошад. Муаллиф, қайд намудааст, ки иштироки прокурор дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ду омили асосӣ дорад: а) ҷой доштани ҳуқуқвайронкунӣ; б) муносибати субъективии прокурор доир ба зарурат ва мақсаднок будани иштироки ӯ дар мурофиа[275]. Ба ин ақидаи олим мо пурра

[275] Моренко К.В. Особенности правового положения прокурора при осуществлении производства по делам об административных правонарушениях // Административная юстиция и административная юрисдикция: вопросы теории и практики: материалы VII Международной научно-практической конференции,

розӣ шуда наметавонем, зеро дар м. 36 КМҲМ ва фармони болозикри Прокурори генералии ҶТ ин масъала пурра танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Иштироки шахсии прокурор дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки қонунвайронкуниҳоро дар пешбурди мурофиавӣ ошкор намояд ва ба онҳо эътинои ҳуқуқӣ зоҳир намояд. Ҳангоми ошкор намудани қонунвайронкунӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти дигари маъмурӣ, шахсони мансабдори онҳо, прокурор ваколатдор аст, ки чораҳои (санадҳои) эътиноӣ (эътироз, пешниҳод, амр) татбиқ намояд. Азбаски фаъолияти мурофиавии прокурор ба амалигардонии санҷишҳои назоратии прокурорӣ оид ба таъмини қонуният вобаста мебошад, ин фаъолиятро фаъолияти мурофиавии маъмурии прокурор ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, прокурор дар пешбурди маъмурӣ-муҷозотӣ (деликтӣ) ваколатҳои васеъ дорад, ки дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд: а) ҳангоми оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; б) ҳангоми амалӣ намудани назорати қонунӣ баррасӣ намудани пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; в) ҳангоми намояндагӣ намудани шахсият ё давлат дар пешбурди мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; г) ҳангоми овардани эътирози кассатсионӣ ва иштирок дар зинаи кассатсионии баррасии парванда; д) иштирок ва фаъолияти прокурор дар зинаи назоратии пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; е) иштирок ва фаъолияти прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бинобар ошкор гардидани ҳолатҳои нав.

Бояд зикр намуд, ки танзими меъёрии ҳолати ҳуқуқии прокурор дар пешбурди маъмурӣ-муҷозотӣ баъзе камбудиҳо дорад. Бо мақсади аз байн бурдани ин нуқсонҳо зарурати бозбинии меъёрҳои КМҲМ бо усули

посвященной памяти Юрия Марковича Козлова, Москва, 19 февраля 2014 года. — М.: Издательский центр Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА), 2014. – С. 35.

рекодификатсия[276] ба миён меояд. Хусусан, меъёрҳои танзимкунандаи иштироки прокурор дар пешбурди мурофиавии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба талаботи замона ва консепсияҳои илман асоснок кардашуда мувофиқ гардонида шавад. Аз ҷумла, ба Кодекс илова намудани ниҳоди даъвогии ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содирнамуда, яке аз равияҳои демократии қонунгузории нав шинохта шудааст. Таҷрибаи амалишавии м. 202 Кодекси мурофиавии арбитражии ФР, м. 151-156 Кодекси истеҳсолоти судии маъмурии Арманистон[277], ки пешбурди мурофиавиро оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронукни маъмурӣ тавассути ба суд пешниҳод намудани даъвои маъмурӣ танзим намудааст, намуна барои татбиқи (имплементатсияи) меъёр шуда метавонад. Масалан, тибқи м. 202 Кодекси мурофиавии арбитражии ФР парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати соҳибкорон дар асоси аризаи мақом ё шахси ваколатдор ба тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронукии маъмурӣ оғоз карда мешавад. Шахсони номбурда ба ҷойи протокол ба суд даъвои маъмурӣ пешниҳод менамоянд, ки соҳибкор ба масъулияти маъмурӣ кашида шавад[278].

Мазмуни меъёри зикршуда ифодагари он аст, ки тавассути он барои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахс мақомоти ваколатдор бояд ба суд бо даъвои маъмурӣ мурожиат намояд. Масалан, барои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан дар соҳаи андоз, гумрук, ҳифзи муҳити зист, тандурустӣ ва ғ., ки бештар хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ доранд, даъвои маъмурӣ воситаи асосии таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои субъектони номбурда шуда метавонад. Дар ин шакл субъекти ҳуқуқвайронкунӣ имконият пайдо мекунад, ки ҳуқуқҳои худро дар суд ҳимоя намояд, аз тарафи дигар, даъвои маъмурӣ-

[276] Иброҳимов С.И. Административная юстиция в Республики Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы. – Душанбе: «Дониш», 2015. – С. 620.
[277] Сборник законодательных актов отдельных государств по административной юстиции. – Алматы, 2013. – С. 123.
[278] Арбитражный процессуальный кодекс Российской Федерации- от 24 июля 2002 года, №95-ФЗ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/ (санаи муроҷиат: 20.06.2022).

мурофиаи судии мусобиқавиро пеш оварда, дар асоси принсипи диспозитивӣ амалӣ шудани мурофиаро тақозо менамояд.

Бо назардошти он, ки мутобиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, таҷдиди назар намудани КРМ ва дар заминаи он таҳия намудани Кодекси мурофиавии судии маъмурӣ дар назар аст, пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекс ниҳоди (институти) даъвои маъмурӣ (шакл, намуд, ҳолатҳои хусусӣ ва самти истифодабарии он) муфассал танзим карда шаванд.

Мақоми ҳуқуқии прокурор дар зинаҳои дигари судӣ низ аз ҷанбаи мубрам бархӯрдор аст. Марҳилаи бозбинӣ намудани қарори бо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабулшударо баъзе аз олимони соҳа зинаи шикояткунӣ ва овардани эътироз ба парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ меноманд.

Панкова О.В. қайд менамояд, ки зинаи бозбинии қарори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро «зинаи бозбинии парванда ва қабул намудани қарор» номида шавад, ин тартиб мазмуни фаъолияти ҳуқуқистифодабариро ба номи зинаи судӣ мувофиқ мегардонад[279].

Ба андешаи муҳаққиқони дигар зинаи бозбинӣ зинаи ёрирасон ва ё иловагӣ арзёбӣ карда мешавад. Зинаи мазкур, ба андешаи онҳо, агар дар мурофиа зарурати бозбинӣ намудани қарор метавонад ба вуҷуд ояд. Яъне, агар субъекти ҳуқуқвайроннамуда шикоят намояд, прокурор эътироз оварад ё мақомоти болоии судӣ ба тариқи назоратӣ қарорро бекор кунад.

Мутобиқи КМҲМ аз нав баррасӣ кардани қарорҳои суд, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар боби 12 он танзим карда шудааст. Дар м. 148 Кодекс ҳуқуқи прокурор барои овардани эътироз мустаҳкам карда шудааст, ки тибқи он прокурор ба қарорҳои аз тарафи суд ва мақомоти ваколатдори давлатӣ қабулшуда марбут бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ метавонад

[279] Панкова О.В. Актуальные проблемы обжалования постановлений по делам об административных правонарушениях в практике судов общей юрисдикции // Административное право и процесс. – 2005. – № 3. – С. 46.

эътироз оварад. Эътироз ба суди болоӣ ё мақоми болоии мақомоти ваколатдор оварда мешавад.

Дар м. 161 боби 13 КМҲМ тартиби ба тариқи кассатсионӣ баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст, ки мутобиқи он суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯйи шикоят ва эътирози кассатсионӣ қонунӣ, асоснок ва одилона будани қарорҳои судиро месанҷад. Яъне, ин марҳила танҳо ба судҳо дахл дошта, аз ҷумла, дар асоси эътирози прокурор тартиби бозбинии қарори суди поёнӣ қабулнамударо муайян намудааст.

Мутобиқи талаботи қ. 4 м. 165 КМҲМ прокурор новобаста аз он, ки эътироз овардааст ё не, ба мурофиаи судии кассатсионӣ роҳ дода мешавад ва барои асоснок кардани эътироз ё эрод гирифтан, инчунин барои додани хулоса ба ӯ сухан дода мешавад.

Эътирози аз тарафи прокурор овардашударо мутобиқи қ. 5. м. 166 Кодекси мазкур прокурори болоӣ метавонад бозхонд шавад.

Дар боби 14 КМҲМ тартиби ба тариқи назоратӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар карда шудааст, ки дар ин намуди пешбурди мурофиавӣ прокурор мақоми ҳуқуқии муайянеро доро мебошад.

Мувофиқи қ. 2 м. 183 Кодекси мазкур Прокурори генералии ҶТ, муовинони ӯ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон ба қарорҳои суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба тариқи назоратӣ эътироз оварда метавонанд. Прокурори эътирозоварда ва прокурори болоӣ ҳуқуқи бозхонди эътирозро доранд.

Аз мазмуни меъёрҳои овардашуда бармеояд, ки прокурорҳои шаҳру ноҳия ба қарори эътибори қонунӣ пайдонамудаи судҳои ҳудудӣ эътироз оварда наметавонанд, дар чунин маврид онҳо бояд барои бартараф намудани қонунвайронкунии ошкорнамудаашон ба прокурори сатҳи вилоятӣ бо

пешниҳод муроҷиат намоянд. Пешниҳод дар асоси муроҷиати шаҳрвандон ва омӯзиши парвандаҳо аз тарафи прокурор омода карда мешавад. Ин ҳолатро ба назар гирифта, дар фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016 №2 «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ва бечунучаро риоя намудани қонуният ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» қайд карда шудааст, ки бо мақсади баррасии муроҷиатҳо, таҳлил, ҷамъбастҳо, омӯзиши бевоситаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба роҳ монда, нисбат ба қарорҳои ғайриқонунӣ ва беасосӣ судҳо, прокурорҳои вилоятӣ эътирозҳои назоратӣ баён намоянд. Ба прокурорҳо дастур дода шудааст, ки дар ҳолати муайян намудани беасос будани талаботи муроҷиатҳо бо парвандаҳои омӯхташудаи ҳуқуқвайронкунии муъмурӣ хулоса тартиб диҳанд, ки онро роҳбарияти прокуратура тасдиқ менамояд[280].

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти прокурор, ки аз мақоми ҳуқуқии ӯ бармеояд, баамалбарории назорати то судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Воқеан, зимни поймол гардилани ҳуқуқҳояшон шаҳрвандон тавассути муроҷиат ба прокурор метавонанд дар муҳлати муқарраргардида онҳоро барқарор намоянд. Прокурор амали шахси мансабдори ваколатдорро оид ба пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавриди санҷиш қарор дода, ба он баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Бо ҳамин васила, прокурор ҳамчун иштирокчии пешбурди тосудии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бартараф намудани вайронкунии қонун мусоидат менамояд.

Дар м. 12 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» қайд карда шудааст, ки мақомоти прокуратура муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузории ҶТ баррасӣ намуда, барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳо меандешанд. Қароре, ки

[280] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯа иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. Зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С.149.

прокурор оид ба баррасии муроҷиатҳо қабул намудааст, барои ба суд муроҷиат кардани шахс ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ монеъ шуда наметавонад.

Муқаррар карда шудааст, ки агар шахс вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайриқобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда натавонад, прокурор ҳуқуқ дорад ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ӯ ба суд бо ариза муроҷиат кунад[281].

Бояд зикр намоем, ки дар баъзе ҳолатҳо қонунгузории ватанӣ мақоми ҳуқуқии прокурорро бо парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба сатҳи гуногун гузоштааст. Масалан, мутобиқи м. 37 Қ.к. мазкур прокурор сарфи назар аз иштирок дар баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум, ҳуқуқи овардани эътирози кассатсионӣ ва хусусиро нисбат ба ҳукм, таъйинот ва қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятиро дорад, аммо дар қ. 1 м. 36 ҳамин Қонун, ки иштироки прокурорро дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танзим намудааст, муқаррарот дар бораи новобаста аз иштирок дар баррасии парванда ҳуқуқи овардани эътироз мустаҳкам карда нашудааст. Амалия шаҳодат медиҳад, ки дар бисёр мавридҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (аз тарафи шахсони мансабдор ва мақомоти судӣ) прокурорҳо иштирок намекунанад. Танҳо дар давраҳои майянкардашудаи ҳисоботӣ ё бо супориши прокурори болоӣ категорияҳои марбутаи парвандаҳоро меомӯзанд ва хулоса пешниҳод менамояд. Аз ҳамин, лиҳоз, ба андешаи мо, бо таври меъёрӣ муқаррар намудани ҳуқуқи прокурор новобаста аз иштирок дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ овардани эътироз, зарурат дорад. Бинобар он, пешниҳод карда мешавад, ки ба меъёри номбурда, яъне қ. 1 м. 37 Қ.к. ҶТ «Дар бораи мақомоти

[281] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.05.2022).

прокуратураи ҶТ» баъди калимаҳои «парвандаҳои ҷиноятӣ» ибораи «парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» илова карда шавад.

Муҳаққиқон изҳори ақида намудаанд, ки дар баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иштирок накардани айбдоркунандаи давлатӣ вайронкунии низоми мурофиавии суди адолатнок мебошад[282]. Ин ақида ба андешаи мо, мавриди муҳокимаи мубрам дар мақомоти қонунгузорӣ шуданаш мумкин аст. Бояд гуфт, ки дар ҳолати аз тарафи мақомоти қонунгузории ватанӣ қабул шудани тарҳи дар боло овардаи «даъвои маъмурӣ-ҳуқуқӣ», мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ хусусияти мубоҳисавӣ пайдо менамояд ва зарурати ҷорӣ намудани ниҳоди айбдоркунии давлатӣ ба пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз байн меравад.

Ҳамин тариқ, тасдиқ бояд намуд, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокурор дар пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар қонунгузории ҶТ, назар ба танзими қонунии мақоми ҳуқуқии прокурор дар пешбурди мурофиавии парвандаҳо марбут ба баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ бештару хубтар танзим карда шудааст. Сабаби чунин норасоии қонунгузорӣ, тавре, ки дар боло ибрози ақида намудем, дар ҷумҳурӣ то ҳол қабул нашудани Кодекси истеҳсолоти судии маъмурӣ мебошад.

---

[282] Крупский М.А. Отсутствие государственного обвинителя в судебном производстве по делам об административных правонарушениях в России как системное нарушение права на справедливый суд // Бюллетень Европейского суда по правам человека. Российское издание. – 2016. – №10. – С. 63-82.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи пажуҳиш ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки мақомоти прокуратура дар шароити муосир дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи хоса дошта, дар амалисозии функсияҳои идоракунии давлатӣ, аз он ҷумла функсияи назорати давлатӣ (прокурорӣ), иҷрои вазифа ва мақсадҳои идоракунии давлатӣ дар марҳилаи муосир, ба монанди ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба мақомоти прокуратура имкон медиҳад, ки дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун субъект ба таври фаъол ширкат варзида, татбиқи меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқии дахлдорро бо мақсади иҷрои вазифаҳои мақомоти мазкур таъмин карда, барои амалӣ гардидани ҳадафҳои мақомот аз фишагҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ истифода намояд.

Дар иртибот бо таҳлили илмӣ ва амалӣ, ҳамчунин меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ вобаста ба ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура чунин андешаҳои хулосавӣ оид ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи ҶТ пешниҳод мегарданд:

1. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура ҷузъи таркибии вазъи умумиҳуқуқии онро ташкил дода, мақом ва таъйиноти онро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, махсусан мақомоти идоракунии давлатӣ ва иштирок дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муайян менамояд, ки бо хусусиятҳои зерин тавсиф мегарданд: а) қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ маъмурӣ; б) маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ки субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будани онро тасдиқ менамояд; в) шакл ва усули фаъолият, ки прокуратураро ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ дар муносибатҳои хусусияти оммавӣ ва муносибатҳои дигари маъмурӣ – юрисдиксионидошта муаррифӣ менамоянд; г) ваколатҳои дохилинизомии роҳбарии тавассути он низом ва сохтори прокуратура идорашаванда муайян карда мешавад **[7-М].**

2. Мавқеи мақомоти прокуратураи ҶТ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар заминаи вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии он муайян мегардад. Вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар Конститутсия мустаҳкам карда шудааст, яъне Конститутсия вазъи ҳуқуқӣ, таъйиноти иҷтимоӣ, ҷойгоҳи онро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти он ва дигар ҷанбаҳои ҳуқуқии ин мақомотро муайян намудааст. Бо вуҷуди таҷрибаи ташкили мақомоти прокуратураи кишварҳои хориҷӣ, ки амсилаҳои гуногуни мақомоти мазкурро муайян намудаанд, мақомоти прокуратураи ҶТ ба ҳеҷ як шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил набуда, вижагиҳои хоси таъйинотиро доро мебошад.

Бо ҳамин мазмун, прокуратура - мақомоти махсуси мустақил аз дигар шохаҳои ҳокимият мебошад, ки амалкарди муътадили принсипи боздорӣ ва мувозинатро амалӣ намуда, мазмунан ҳокимияти назоратӣ-контролиро дар худ таҷассум мекунад **[1-М]**.

3. Мафҳуми «назорат» категорияи маъмурӣ-ҳуқуқӣ буда, дар шароити муосир муҳимтарин мақомоти амалисозандаи он прокуратура маҳсуб меёбад, ки ҳолати мазкур бевосита дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар гардидааст. Баамалбарории назорати прокурорӣ дар радифи ҷанбаҳои дигар инъикосгари фаъолияти маъмурии мақомоти мазкур мебошад. Ғайр аз ин, хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура низ дар он зоҳир мегардад, ки зимни амалӣ намудани вазифаи асосӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо фаъолияти субъектони зерииназоратиро аз нигоҳи қонуният баҳогузорӣ менамояд ва он дар заминаи назорати прокурорӣ амалӣ мегардад.

Дар ҷараёни такмилёбии фаҳмиши илмии ҳифзи ҳуқуқ назорати прокурорӣ ҷанбаи нави ҳуқуқбарқароркуниро пайдо намудааст, ки ба он имконияти иштирок намудан дар чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқии субъектони зериназоратиро медиҳад. Чунончи, назорати прокурорӣ метавонад роҳи ҳал, тартиб ва воситаҳои ислоҳ намудани қонунвайронкуниҳоро роҳнамоӣ кунад,

бо кадом мазмун ё самт, меъёри нодурусти санади маъмурӣ тағйир дода шавад ва ғ. Бо мақсади таъмин намудани низоми қонуният прокуратура метавонад ба субъектони зериназоратӣ таъсири ҷанбаи ташкилӣ-ҳуқуқидоштаро расонад, ки аз воситаҳои зерин иборат буда метавонанд: роҳнамоӣ, таъкиднамоӣ, фаҳмондани санад ё амали маъмурӣ-ҳуқуқӣ, нишон додани тартиби рафтори қонунӣ ва ғ **[6-М].**

4. Тамоми муносибатҳои ҳуқуқии дохилинизомии мақомоти прокуратура, аз ҷумла муносибатҳои марбут ба ташкили фаъолият дорои ҷанбаи идорӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, ки тавре маълум аст, дар мақомоти мазкур шакли идоракунии (принсипи) яккасардорӣ ҷой дошта, муносибатҳои хизматӣ моҳияти мартабавӣ - итоат ва иҷроро дорад. Тибқи ин принсип дар низоми прокуратура муносибатҳои хоси идорӣ пайдо мешаванд, ваколат ва функсияҳо байни прокуророн (муовини онҳо) ва дигар кормандони масъули мақомот мутаносибан тақсим ва самти роҳбарии онҳо муайян карда мешавад.

Ташкили фаъолият дар ҳамаи прокуратураҳо якхел шуда наметавонад, зеро он аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад (сатҳи ҳудудӣ-иқтисодии маҳал (вилоят, шаҳр, ноҳия), ҳаҷми кор вобаста ба шумораи қонунвайронкуниҳо, таҷрибаи кории прокурор ва кормандони прокуратура). Ҳамзамон, дар низоми прокуратураи ҶТ идоракунии дохилинизомӣ дар шакли методӣ-техникӣ амалӣ гардида, бештар тавассути муносибатҳои мартабавӣ ба амал баровардa мешаванд.

Усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура зимни амалӣ намудани принсипи тақсими супоришҳои ба муносибатҳои ҳуқуқии итоат ва ҳокимият асосёфта низ зоҳир мегардад. Дар иртибот бо ин, принсипҳои мавзуӣ (предметӣ), минтақавӣ, тақсимоти объект ва меҳнат муҳим буда, муносибатҳои ҳуқуқии мартабавиро дар мақомоти прокуратура инъикос менамояд **[7-М].**

5. Дар замони муосир прокуратураи ҶТ бо мақсади амалӣ намудани функсияҳои назоратии худ чорабиниҳои гуногуни ташкилӣ-идориро мегузаронад. Аз ҷумла, ташаббусҳои ислоҳотии Президент ва Ҳукумати ҶТ-ро, ки ба тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат равона гардидааст, фаъолона дастгирӣ менамояд, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро дар мубориза бо ҷинояткорӣ ҳамоҳанг месозад ва ғ.

Ҳамин тариқ, мақомоти прокуратура тавассути ин чорабиниҳо дар фаъолияти давлатдорӣ бевосита иштирок карда, дар татбиқ гардидани тартиботи ҳуқуқии умумиҳатмӣ мусоидат менамояд, самти муҳимми дастгоҳи идорӣ – назорати давлатиро оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо таъмин намуда, бо ин васила саҳми арзандаи худро дар идоракунии давлатӣ мегузорад.

Мақомоти прокуратураи ҶТ усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқии идоракуниеро чун роҳбарӣ намудан, ташкил кардани фаъолият ва назорат бурдан аз болои ин фаъолият амалӣ менамояд. Бояд дар назар дошт, ки ҳар яке аз категорияҳои идоракунии овардашуда ду самти татбиқ ё амалигардониро доранд. Чунончи, роҳбарӣ - роҳандозӣ намудан ба чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқиро дар назар дорад, ки барои самаранок иҷро кардани вазифаҳои функсионалии прокуратура мусоидат мекунад. Яъне, роҳбарии дохилинизомӣ иҷрои ваколатҳои функсионалиро таъмин мекунад. Чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар ҳама ҳолат пешбарандаи фаъолияти функсионалӣ мебошад, зеро бе фаъолияти ташкилӣ ягон натиҷа ба даст намеояд. Назорат - воситаи асосии маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки дар асоси натиҷаҳои он иҷрои босифат талаб карда шуда, ба он баҳо дода мешавад.

6. Хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура намуди хоси хизмати давлатӣ буда, аз рӯйи табиати худ ба низоми хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мансуб аст. Хусусияти хоси хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура, пеш аз ҳама ба ваколатҳои назоратии он,

яъне баамалбарории назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз тарафи субъектони зериназоратӣ ва инчунин, бо мақоми ҳуқуқии он вобастагӣ дорад.

Самти муҳимми фаъолияти таъминоти кадрии мақомоти прокуратураро чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқии марбут ба интихоб, дархост ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти мазкур ташкил медиҳад. Фаъолияти марбут ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, омӯзиш ва бозомӯзии онҳо, болоравии вазифавӣ фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии идоравиро ташкил дода, таҳти контроли идорӣ қарор мегирад. Бо назардошти вижагиҳои хоси мақомоти прокуратура талабот ва шартҳои дахлдор барои адои хизмат дар мақомоти мазкур тақозо мегардад, ки аз хизмат дар мақомоти дигари давлатӣ тафовут дошта, бо табиат ва махсусияти фаъолияти мақомоти прокуратура мувофиқанд. Мақоми баланди иҷтимоии корманди мақомоти прокуратура нисбат ба хизматчиёни давлатии дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба сохторҳои бо кадр таъминкунанда имконият медиҳад, ки беҳтарин ва арзандатарин кадрҳоро интихоб намоянд. **[5-М]; [7-М].**

7. Фаъолияти гуногунҷанбаи мақомоти прокуратура, аз ҷумла роҳбарӣ ва идоракунии низоми прокуратура бо қабул намудани санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунӣ алоқамандии зич дорад. Таҳия ва қабули санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунӣ бо ҳолатҳои маъмурӣ дар мақомоти прокуратура алоқаманд буда, аз шахсони мансабдори дахлдори он бо назардошти таъмини амалисозии босифат ва самараноки фаъолият тақозо мегардад.

Санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура табиати ба худ хос дошта, аз санадҳои ҳуқуқии дигар мақомоти давлатӣ бо хусусиятҳои роҳбарикунанда (роҳнамоӣ), таъминкунанда, ҳамоҳангсозанда ва ҳавасмандкунанда фарқ мекунанд, ки ба мазмуни том ҷанбаи меъёрии ҳуқуқӣ надоранд.

Санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура асосан аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ қабул гардида, ҷанбаи дохилиидоравӣ, роҳбарикунанда, оммавӣ, соҳавӣ, умумимуҷтамаӣ (умумикомплексӣ) ва дар маҷмуъ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ доранд, ки дар шаклҳои муайян (фармон, дастур, фармоиш, дастурамал, низомнома ва ғ.) таҳия ва қабул мегарданд.

8. Муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ табиати ба худ хос дошта, дар он иштирокчиёни гуногун ширкат меварзанд ва иштироки прокурор дар ин муносибатҳо муҳиммияти хоса дорад. Прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии парвандаҳо, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд, ба таври васеъ иштирок намуда, рисолати ӯ дар ин раванд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ифода мегардад. Иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии парвандаҳо, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд бо он алоқаманд аст, ки ӯ дар чунин муносибатҳо аз тарафи даъвогар иштирок намуда, нобаробарии мурофиавии тарафҳоро дар мурофиаи маъмурӣ бартараф менамояд. Яъне, агар шахси муайян нисбат ба мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдори ҳокимияти иҷроия дар бораи беэътибор донистани санад, амалии (беамали) онҳо даъво пешниҳод карда бошад, дар мурофиаи судии маъмурӣ ӯ худро нисбат ба мақомоти давлатӣ заифтар эҳсос карданаш мумкин аст ва иштироки прокурор дар тарафи ӯ ин ҳолатро ба мувозинат медарорад. Ба ғайр аз ин, прокурор барои ҳимоя намудани манфиатҳои субъектони дигар низ ба суд муроҷиат карда метавонад.

Иштироки прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии парвандаҳо, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд, тадбири муҳимтарини татбиқи адлияи маъмурӣ буда, дар заминаи он ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат ва ҷомеа таъмин мегарданд. **[3-М]; [4-М].**

9. Тибқи қонунгузории амалкунанда прокурор ҳамчун иштирокчии мурофиа ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шинохта шудааст. Прокурор зимни амалӣ намудани фаъолият дар доираи ваколатҳои худ баҳри таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бо мақомоти ҳокимияти иҷроия ва судӣ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид мешавад, ки он дар қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти прокуратура, идорӣ ва судӣ пешбинӣ карда шудаанд. Чунин муносибатҳо имконият медиҳанд, ки прокурор ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти функсионалии худ тадбирҳои зарурии ҳуқуқиро барои ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгорро андешад.

Яке аз ваколатҳои муҳимми прокурор, ки таҷассумгари мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии ӯ дар пешбурди мурофиавии парвандаҳои оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад, ин оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Иштироки шахсии прокурор дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки қонунвайронкуниҳоро дар пешбурди мурофиавӣ ошкор намояд ва ба онҳо эътинои ҳуқуқӣ зоҳир намояд. Ҳангоми ошкор намудани вайронкунии қонун аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти дигари маъмурӣ, шахсони мансабдори онҳо, прокурор ваколатдор аст, ки чораҳои (санадҳои) эътиноӣ (қарор, эътироз, пешниҳод, амр) татбиқ намояд (ба тасвиб расонад). Азбаски фаъолияти мурофиавии прокурор бо амалигардонии санҷишҳои назорати прокурорӣ оид ба таъмини қонуният вобаста мебошад, ин фаъолиятро фаъолияти мурофиавии маъмурии прокурор ҳисобидан мумкин аст.

Прокурор дар пешбурди маъмурӣ-муҷозотӣ (деликтӣ) ваколатҳои васеъро доро мебошад, ки бо ҳолатҳои зерин ифода меёбанд: а) ҳангоми оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; б) ҳангоми амалӣ намудани назорати қонунӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; в) ҳангоми намояндагӣ намудани шахс ё давлат

дар пешбурди мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; г) ҳангоми овардани эътирози кассатсионӣ ва иштирок дар зинаи кассатсионии баррасии парванда; д) иштирок ва фаъолияти прокурор дар зинаи назоратии пешбурди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; е) иштирок ва фаъолияти прокурор дар пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоршуда [2-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Пешниҳод карда шудааст, ки бинобар дигаргуншавии парадигмаҳои ҳуқуқии замони муосир, (масалан, ба ҷойи мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ – пешгуӣ ва пешгирӣ намудан, ба ҷойи ҳуқуқтаъминнамоӣ – ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ғ.) зарурат ба миён омадааст, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти функсионалии назоратӣ, прокурор ваколатҳои дискретсионӣ (дидгоҳӣ) дошта бошад. Ваколатҳои дискретсионӣ ба прокурор имконият медиҳад, ки ба ҷараёни идоракунӣ бештар пайваст шавад. Масалан, ҳангоми ошкор гардидани камбудиҳои начандон ҷиддӣ, ҷой надоштани зарари моддӣ - ҳуқуқи роҳнамоӣ кардан бароиислоҳи онҳо, тавсия додани роҳҳои қонунии фаъолияти идорӣ, ислоҳ намудани камбудии дар санади маъмурӣ-идорӣ ҷойдошта ва ғ., ҳеҷ гуна зарари моддӣ, маънавӣ ё ҳуқуқӣ ба давлат ва ҷамъият намерасонад, балки баръакс ба самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд. Воқеан, дар мурофиаи маъмурӣ ниҳоди (институти) медиатсия ҷорӣ карда шудааст, ки барои ҳал намудани баҳсҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ то ба суд муроҷиат намудан кумак мерасонад. Яъне дискретсия дар радифи медиатсия пешгирии воқеа пеш аз вуқуъ мебошад.

2. Хусусияти хоси хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро ба назар гирифта, довталаби дараҷаи илмӣ пешниҳод намудааст, ки консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи сиёсати кадрӣ дар мақомоти прокуратураи ҶТ (барои солҳои 2024-2028) таҳия ва қабул карда шавад. Консепсияи номбурда аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад, ки хусусияти меъёрӣ пайдо мекунад ва барои самаранокии кори тайёркунии кадрҳо, интихоб, ҷобаҷогузории онҳо, пешравии вазифавӣ, бозомӯзии касбӣ, масъулиятнокӣ ва ғ. вусъат мебахшад.

3. Бо мақсади мушаххас намудани таъйиноти хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар низоми хизмати давлатии ҶТ (мансаби прокурор,

